АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОЙ

КУЛЛИЁТИ ОСОР

ДАР 3 ҶИЛД

ҶИЛДИ 1

Шеърҳо, ғазалҳо, мухаммасҳо, таронаҳо, дубайтиҳо, қитъаҳо, ҳаҷвияҳо, байтҳо

ТОШКЕНТ
«YANGI NASHR»
2017

УЎК: 94.33.(575.146+575.171)
65.013.7
А21

Асад Гулзодаи Бухоро̄й. Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. Шеърҳо, ғазалҳо, мухаммасҳо, таронаҳо, дубайтиҳо, қитъаҳо, ҳаҷвияҳо, байтҳо. – Т.: “Yangi nashr”, 2017. – 456 саҳ.

КБК 65.013.7

ISBN-978-9943-22-298-4

Гирдоваранда:
ТАВАККАЛ ЧОРИЕВ,
профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро

Таҳрир, танзим ва тадвини
ҶАЪФАР МУҲАММАДИ ТИРМИЗӢ

Тақризиҳанда:
Ҷумъа ҲАМРОЕВ
доктори улуми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд

Аз он замон ки мухлисони шеъру адаб бо ашъори шоири ширинкаломи тоҷик Асад Гулзодаи Бухоро̄й ошно̄й пайдо намуданд, 60 сол мегузарад. Дар тӯли ин солҳо шоири маҳбуби ҳамаи мо, ба хусус, кӯдакону навҷавонон, ба унвони як адиби заҳматкаш ва пурталош шинохта шуд, ашъори обдору тобдораш вирди забонҳо гашт, маҷмӯъаҳои шеъраш дастраси хонандагон гардид. Инак, аввалин ҷилди “Куллиёти осор”-и ӯ, ки гузинае аз ашъори дар солҳои гуногун сурудаи шоирро дарбар мегирад, дар ихтиёри шумо қарор дорад.

Умедворем, ки ашъори дар ин маҷмӯъаи нисбатан бузургтар фароҳамомадаи Асад Гулзода писанди табъи шумо гардад.

ISBN-978-9943-22-298-4

© «Yangi nashr» 2017

ЧАКОМАСАРОИ ЧИРАДАСТИ БУХОРО

Шарҳи мухтасари рӯзгори Асад Гулзода

Ба муносибати ба дунё омадани тифли навзод дар хонаводаи амаки Гулмуҳаммад ва холаи Сарварой хурсандии бепоёне ба амал омад. Минтақатулбурҷ барои волидон номи фарзандро амин гардонд. Аз ин лиҳоз онҳо ба нури дидаи худ Асад ном ниҳодаанд. Асад (шер) номи бурҷи панҷуми солшумории шамсист, ки он баъд аз бурҷи саратон (харчанг) ва пеш аз сунбула омада, мутобиқи ҳисоби мелодӣ ба рӯзҳои 23 июл - 23 август рост меояд. Мухотаби мо Асад Гулзодаи Бухорой мегӯяд, ки сана ва соли таваллуди ӯ дар натиҷаи фаромӯшхотирии бобояш дар вақти гирифтани қайдномаи таваллуд 5 январи соли 1935 гуфта шуда ва аз ҷониби шахси масъул ҳамин тавр сабт гардидааст.

Зодгоҳи Асад Гулзода деҳае тоҷикнишин бо номи Шавгон аст, ки аз маркази шаҳри Бухоро дар масофаи 45 километр, аз зодгоҳи Абӯалӣ ибни Сино (аз Афшона) дар фосилаи 18 километр дар самти шимолу ғарб ҷой гирифтааст. Рӯзу солҳо сипарӣ гардиданду Асад Гулзода ба синни мактабравӣ расид. Волидонаш ӯро ба мактаби ба номи Абурайҳони Берунии деҳа супориданд. Дарсҳои асрорангези омӯзгорони забон ва адабиёт, муҳити адабии Бухоро ба дили Асад Гулзода иштиёқи ошноӣ бо ашъори Одамушшуаро Рӯдакӣ, Ибни Сино, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Шавкати Бухоройӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Абдураҳмони Мушфиқӣ ва дигаронро барангезонд. Ӯ бо шавқу ҳавас пайваста ашъори назмиву насрии бузургонашро мутолиа мекард ва бо ин амал тафаккуру тахайюли адабиашро сайқал медод.

Асад Гулзода баъд аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳ, дар соли 1954 донишҷӯи донишкадаи Забон ва адаби-

ёти тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе гардид. Ӯ дар ин давр аз олимони маъруфи он замон Носирҷон Маъсумӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Юрий Бобоев, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода ва чанде дигарон илми суханварӣ, каломи бадеъ, нақди адабӣ, сабкшиносиро омӯхт. Дар маҳфилҳои адабӣ бо шеърҳои навмашқи худ иштирок намуда, барои боз ҳам беҳтар навиштани шеър аз аҳли илму адаб Боқӣ Раҳимзода, Мирзо Турсунзода ва дигарон таҷриба андӯхт. Маҳорату малакаи шоириаш рӯз то рӯз меафзуд. Бо кӯмаки шоири маъруф Боқӣ Раҳимзода шеъри нахустини ӯ "Ёри бухороии ман" дар рӯзномаи "Пионери Тоҷикистон" (ҳоло "Анбоз") чоп шуд. Чопи шеъри мазкур шоири ҷавонро ба эҷоди шеър дилгармтар кард. Асад Гулзода кӯшиш менамуд, ки пас аз ин ҳар чӣ бештар ва бисёртар шеър машқ кунад.

Чаҳор соли таҳсилоти донишгоҳӣ ба рӯи Асад Гулзода олами рангини шеъриятро боз намуд. Ӯ орзуе дошт, ки баъд аз итмоми таҳсили донишкада дар шаҳри Душанбе ба кору зиндагӣ бимонад. Вале падару модари кӯҳансоли дастёрталаб ӯро ба Бухоро хонданд. Вай дар соли 1958 ба зодгоҳаш баргашта, тибқи тахассус ба касби омӯзгорӣ пардохт. Аз соли 1958 то соли 1968 ба донишомӯзони мактабҳои таълими ҳамагонии шумораи 8-ум (дар ҳамон вақт ин мактаб ба номи Абурайҳон Берунӣ буд), 9-ум (дар ҳамон вақт ин мактаб ба номи Фрунзе буд) аз фанҳои забон ва адабиёт дарс гуфт. Бо ин касб ва шеърҳои эҷодкардааш дар дили "булбулакони боғи мактаб" тухми маърифатдӯстӣ, равшанфикрӣ, соҳибфарҳангӣ ва нотиқиро кошт. Хурду калон аз Асад Гулзода дарси ибрат меомӯхтанд ва ба ӯ бо ҳавас менигаристанд. Шогирдони хушзеҳн шеърҳои сурудаи Асад Гулзодаро аз саҳифаҳои рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" ва рӯзномаҳои дигар дарёфт намуда, бо шавқу ҳа-

вас мехонданд ва аз ёд мекарданд. Шумораи муштариёни шеърҳои шоир рӯз то рӯз меафзуд. Ин аст, ки то имрӯз аксарияти шогирдон омӯзгори шоиртабъ Асад Гулзодаи Бухороиро аз хотир фаромӯш накардаанд.

Асад Гулзода як муддат дар вазифаи директор (раҳбар, мудир)и мактаб ва пас аз он муовини директори мактаб оид ба корҳои таълимӣ чун роҳбари оқилу рамузфаҳм фаъолият нишон дод. Таҳти роҳбарии ӯ мактаб ва ҷамоаи омӯзгорон ба комёбиҳои бемисл ноил гардид.

Бо тавсия ва пешниҳоди гурӯҳи кории интихоботи кадрҳои соҳибистеъдод ва қарори ҳокими вақти вилоят Қаюм Муртазоев Асад Гулзода ба шаҳри Бухоро ба кор даъват карда шуд. Ӯ аз моҳи сентябри соли 1968 корманди бахши барномаи радиошунавоии вилояти Бухоро таъин гардид. Баъд аз ду-се сол вазифаи сармуҳарририи радио-журнали “Насриддин дар Бухоро”-ро ба ӯҳда гирифт ва то соли 1995 адои ин вазифа намуда, дар давоми 27 сол репортаж, хабарнома, мақола, очерк, фелетон, панфлетҳои бешумор навишта, дар рӯзномаҳои ҳамондавраи ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ва дар рӯзномаҳои вилоятии “Бухорои шариф”, “Овози Самарқанд” мунташир намуд.

Барномаҳои радиошунавоии фарҳангиву ирфонии Асад Гулзода бо мазмуну мӯҳтавои наву бетакрори мардумро баҳри орзӯҳои нек раҳнамун мегардонд. Каломи дилошӯб, овози танинандози ӯ бо ритму оҳанги хоса дили мардумро мисли оби дарё пурмавҷ мегардонд. Шумораи муштариёни дастурҳои афкори рангини Асад Гулзода рӯз то рӯз меафзуд. Баъзе аз муштариён ба воситаи мактуб ва баъзе аз онҳо ба воситаи тамос бо Асад Гулзодаи суханвар ҳамсӯҳбат гардида, мақсуд ва матлуби хешро равшан менамуданд. Дархост ва хоҳиши судманди муштариён ғайрату шуҷоати Асад Гулзодаро

дар ҷодаи рӯзноманигорӣ нисбат ба пештара дучанд барзиёд менамуд. Ӯ дар жанрҳои гуногуни публитсистӣ чакидаҳо меофарид ва ба халқ армуғон менамуд. Мардум мехонданд, мешунавиданд ва хурсанд мегаштанд.

Асад Гулзодаи рӯзноманигор бо Аминҷон Шукуров, Самандар Воҳидов, Насрулло Фозилов, Шавкат Асадов, Муҳаммад Васфӣ, Ҷонибек Қувноқов, Маҳмудхон Қосимов дар як вақт кор карда баҳри боз ҳам мустаҳкамтар намудани равобити дӯстии халқҳои ҳамхуну ҳамқисмат – тоҷику ӯзбек ва дигар халқҳои бародар кӯшиш намудааст. Тошпӯлод Аҳмад, Ғулом Шомурод, Садриддин Салими Бухороӣ, Ҳадя Раҷабова ва дигарон бо даъвати Асад Гулзода меҳмони дастурҳои радиошунавоии ӯ гардида, шеърҳои навэҷоди хешро ба мардум манзур менамуданд.

Офаридаи жанрҳои публитсистии рӯзноманигор, сармуҳаррир Асад Гулзода бо нусхаҳои асл дар бойгонии вилоятии Бухоро ҳамчун маводи дастҷамъии радиои вилоятии “Насриддин дар Бухоро” нигаҳ дошта шудааст. Ҳукумат хидматҳои беназири Асад Гулзодаро дар заминаи рӯзноманигорӣ ба эътибор гирифта, ӯро борҳо бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳо сарфароз гардонидааст.

Асад Гулзода ва ҳамсараш Адолат соҳиби 7 фарзанд – Амина (муҳандис), Диловар (соҳибкор), Ҷӯрабой (пайвандгар), Замира (соҳибхона), Гулноз (омӯзгор), Шерзод (соҳибкор), Шералӣ (мутарҷим), 30 нафар набера, 12 нафар абераанд. Онҳо шахсони хушбахттарини давру замон ва Ватани соҳибистиқлоланд, ки дар соли 2015 ҷашни 80-солагии узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (аз соли 2003), шоири зарринқалам Асад Гулзодаи Бухороиро бо дӯстон бошукӯҳ пешвоз гирифтанд.

Вақте ки адибони маъруфи тоҷик Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Муҳаммадҷон

Шакурӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон ба Бухоро меомаданд, ҳатман меҳмони хонадони Асад Гулзода мегардиданд. Сабаб ин буд, ки ба ҷуз аз қалби гарму меҳмондӯстонаи Асад Гулзода, аз саҳни ҳавлии ӯ намои мақбараи Сомониён, зиёратгоҳи Зиндапил Аҳмади Ҷомӣ, қалъаи соҳибдарвозаи Тали Поч бо ҳолати пурраву асл ба дида пурҷило менамуду бо боду ҳавои форам ба тан оромиву ҳаловати тозае мебахшид.

Нури маърифатпош, боди анбарфишони Оромгоҳи Сомониён, ҳубобчаҳои оби зулоли сарҳавзи қалъаи соҳибдарвозаи Тали Поч, шуои зиёбахши зиёратгоҳи Зиндапил Аҳмади Ҷомӣ сарманшаи илҳоми Асад Гулзодаанд. Ӯ як умр аз рӯйи андарзи “Гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек” амал намуда ва ин ҳикматро дар дарунмояи ашъори худ гунҷоиш додааст. Китобҳои “Насими Бухоро”, “Хати пешона”, “Шукуфаҳои Бухоро”, “Нафаси баҳор”, “Намози рӯйи барг”, “Арзи сипос” маҳсули шеърии узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоири маҳбуби мову шумо Асад Гулзода ба шумор мераванд. Китобҳои шеърии шоир солҳои 2003, 2004, 2007 дар Душанбе, 2001, 2012 дар Бухоро рӯйи чопро дидаанд. Беҳтарини шеърҳои ӯ дар маҷмӯаҳои дастҷамъии “Мурғобӣ чӣ мекобад?”, “Лабзи ширин”, “Каҳкашони орзу”, “Гули мурод”, “Гулистони адаб”, “Фариштагони форсигӯ”, “Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон (қарни бистум то кунун), “Тазкираи адабиёти бачаҳо”, инчунин дар китобҳои дарсии хонишу забони модарии синфҳои ибтидоӣ, адабиёти синфи ёздаҳуми мактабҳои тоҷикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил гардидааст.

Асад Гулзодаи Бухороӣ бо даъвати сафорати Эрон ба муносибати баргузории “Ҳафтаи китоби умумҷаҳонӣ” дар моҳи майи соли 2002 муддати як ҳафта меҳмони кишвари Эрон гардидааст. Ӯ дар ин муддат ба саёҳати

шаҳрҳои Шероз, Исфаҳон, Табрез ноил шудааст. Дар шаҳри шоирони бузург – Шероз ба зиёраёти қабри Хоҷа Ҳофиз ва Оромгоҳи Шайх Саъдӣ мушарраф гардидааст. Рӯҳи поки Хоҷа Ҳофиз ва Шайх Саъдӣ илҳомбахши эҷоди "Техрон" ном шеъри ӯ гардидааст[1].

Шоир то замони истиқлол борҳо ба анҷуманҳои баргузоргардидаи нависандогони умумиттифоқ, машваратҳои илмиву адабӣ, конфронсҳои байналмилалии дар шаҳри Душанбе баргузоргардида ширкат варзидааст. Илова ба ин ӯ бо мақсади дидорбинии дилбандаш Шералӣ ва аҳли оилаи ӯ ду маротиба (сафари аввалӣ соли 2010 (ду моҳа), сафари дуюмӣ 2013 (шаш моҳа) ба кишвари Амрико сафар кардааст. Дар вақти сафари шашмоҳа дар соли 2013 бо шоиру нависандагон, журналистону санъаткорони форсизабони шаҳри Ню-Йорк Исохор Гавриэлов, Рафаэл Некталов, Албert Ёқубов, Рена Елизарова, Зоя Ёқубова, Мирхай Мошеев, Борис Каттаев, Тӯра Ҳамдам, Абрам Толмасов, Муҳаббат Шамаева вохӯрда, бо ҳамроҳи онҳо дар маҳфилҳои адабию вохӯриҳои баргузоргардида (Союз Бухарско-еврейских поэтов, писателей и журналистов приглашает на творческую встречу с известным поэтом и публицистом Асадом Гулзоди Бухорои (Узбекистан) 23 июля в конференц зале Центра бухарских евреев в 11 часов утра. 106-16 70 Авеню, Форест Хиллз, 3-й этаж)[2] ширкат варзидааст.

Шоир Асад Гулзода бо дархости гурӯҳе аз форсизабонони Ню-Йорк дар давоми шаш моҳ силсилашеърҳои марғубе офаридааст, ки ҳамон шеърҳо бо тарҷумаи англисиву форсӣ дар саҳифаҳои рӯзномаҳои "The Bukharian Times" (№ 597, 19-25 июли соли 2013) бо

[1] Асад Гулзодаи Бухороӣ Хати пешона (Маҷмӯаи ашъор). – Душанбе: "Сурушан", 2003, саҳ.36.

[2] Нигаред: Эълон дар рӯзномаи "The Bukharian Times" № 597 19-25 июли соли 2013.

сарлавҳаи “Поэт Асад Гулзодаи Бухорои в Квинсе”, дар шумораи дигари рӯзномаи мазкур (№ 598, 26 июл - 1 августи 2013) дар зерсарлавҳаи “Встреча с Бухарой”, “Манора” (№ AB5773, 2 августи соли 2013) “Встреча с таджиским поэтом Асадом Гулзодаи Бухоро”[3] чоп гардидааст. Шеърҳои дар ин сафар сурудаи шоир дар се дафтари алоҳида дар шакли дастхат вуҷуд дорад ва ҳол чоп нагардидааст.

Асад Гулзода то имрӯз шеърҳое суруд, ки онҳо чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ дар якҷоягӣ баҳри қавӣ гардонидани ахлоқи хуҷиставу ҳамидаи инсонӣ, афзудани маънавияти волои мардум чун хуршеди нурпош хидмат менамояд.

Дар ин рӯзҳо ҳам, ки Асад Гулзодаи Бухорой дар ҳалқаи фарзандон ва наберагону аберагон даврони пириро меронад, аз ишқу муҳаббат ба шеъру шоирӣ дил наканда ва ҳамеша дар пайи эҷоди шеъру ғазалҳои тару тоза аст.

Шарҳи мухтасари осори Асад Гулзода

Нахустин маҷмӯаи шеъри Асад Гулзода **“Насими Бухоро”** ном дорад. Маҷмӯаи мазкур дар соли 2001 бо суханони нависанда, Журналисти хизматнишондодаи Республикаи Ӯзбекистон Аминҷон Шукуров аз тарафи нашриёти “Бухоро” рӯйи чопро дидааст. Дар маҷмӯа шеър, ғазал, мухаммас, рубой ва дубайтиҳои дар солҳои гуногун офаридаи шоир гирд омадааст. Дар саҳифаҳои дуюм ва сеюм Аминҷон Шукуров бо интихоби сарлавҳаи “Ҷӯянда ёбанда аст” доир ба ашъори шоир маълумот дода, маҳорати бемисли ӯро бо нигоштани чунин афкор ситоиш намудааст:

[3] Нигаред: “The Bukharian Times” № 597 19-25 июли соли 2013; № 598, 26 июл - 1 августи 2013; “Манора” № AB5773 2 августи соли 2013.

“Доираи фарохи фикрронӣ, офаридани нақшҳои тозаи руҳан инсонпарваронаи замони истиқлолият ба ӯ имкон додааст, ки ақидаи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва барқарории маънавияти миллиро бо мазмуни чуқур ва обуранги баланди бадеӣ тараннум намояд”[4]. Дар ҳақиқат, Асад Гулзодаи Бухоронӣ аз зумраи он шоиронест, бо офаридани шеърҳои пурмазмуну нотакрор дар байни аҳли илму адаб, шоиру нависандагон, ҳаводорони шеъру шоирӣ ва хонандагони нуктасанҷ шӯҳрати шоистае дорад.

*“***Хати пешона”** дуввумин маҷмӯаи шеърии Асад Гулзодаи Бухоронӣ мебошад, ки дар соли 2003 аз тарафи нашриёти “Суруш” дар Душанбе зери таҳрири Юсуфҷон Аҳмадзода ба табъ расидааст. Дар ин китоб шеър, ғазал, мухаммас, рубоӣ, дубайтӣ ва фардиёти шоир гирд омадаанд.

“Шукуфаҳои Бухоро” севвумин маҷмӯаи шеъри Асад Гулзодаи Бухоронӣ аст, ки дар соли 2004 аз тарафи нашриёти “Маориф ва фарҳанг” дар шаҳри Душанбе рӯйи чопро дидааст. Шоир дар ин маҷмӯа шеърҳои барои хурдсолон ва наврасон навиштаашро ҷо додааст.

“Намози рӯйи барг” чаҳорумин китоби шеърии шоир буда, барои калонсолон эҷод шудааст. Дар маҷмӯа шеърҳои дар қолаби “шеъри сафед” навиштаи шоир гирд омадаанд. Китоби мазкур мисли китоби дар соли 2007 аз тарафи нашриёти “Маориф ва фарҳанг” дар Душанбе рӯйи чопро дидааст.

Дар ҳамон сол (2007) маҷмӯаи нави Асад Гулзодаи Бухоронӣ бо номи **“Нафаси баҳор”** мунташир шуд, ки мисли китоби “Шукуфаҳои Бухоро” шеърҳои барои кӯдакону наврасон офаридаи шоирро дар бар мегирифт. Ин китоб низ аз тарафи нашриёти “Маориф ва фарҳанг” дар Душанбе дастраси хонандагон гардидааст.

[4] Нигаред: Асад Гулзодаи Бухоронӣ. Насими Бухоро (Шеърҳо, ғазалҳо, мухаммасҳо, рубоӣ ва дубайтиҳо). –Бухоро: “Бухоро”, 2001, саҳ.2-3.

“Арзи сипос” гузинаи шеърҳо барои кӯдакон ва наврасон аст. Он аз шеърҳои сершумори гуворо ва баландмазмун, қиссаву ривоятҳои дилошӯб, байту чистонҳои пурмаънӣ таркиб ёфтааст. Соли 2012 аз тарафи нашриёти “Бухоро” дар шаҳри Бухоро ба табъ расидааст.

Асад Гулзодаи Бухоронӣ дар асл шоири маҳбуби хурдсолону наврасон аст. Шоирро хурдтаркон бештар дӯст медоранд, зеро шоир барои онҳо шеърҳои дилошӯб навиштааст. Бо ҳамин хидмат ӯ чун шоирони бачагон Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукӯҳӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Убайд Раҷаб, Абдумалик Баҳорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Наримон Бақозода, Мавҷуда Ҳакимова, Гулрухсор, Алӣ Бобоҷон, Муҳиддин Фарҳат, Озод Аминзода, Нӯъмон Розиқ, Меҳмон Бахтӣ, Маҳбуба Неъматзода, Салим Кенҷа, Бахтиёри Ҷумъа ва Зебунисои Тоҳириён дар байни хонандагонни синни мактабӣ соҳиби шӯҳрату обрӯи беҳамто гардидааст.

Ҳадафи шоири хушсалиқа аз сарлавҳа ва ду сатри аввали шеър пайдо мешавад. Алфози пурмаънӣ, гуфтаҳои намакини шоир хурдсолону наврасонро тасаввуран ва хаёлан ба парвоз дар олами орзӯ ва рӯъёҳо сафарбар мекунад. Шоир бо ёрии шеърҳо ба назари хонанда гоҳ дар сурати дӯсти ҳамсинну сол, гоҳ дар сурати бародари меҳрубон, гоҳ дар симои падари раҳнамо, гоҳ дар симои мураббӣ ва устоди донишманд, гоҳ дар қиёфаи бобои насиҳатгӯ ва ғайра намоён мегардад. Гуфтаҳои моро “Ватан”, “Ворисон” ном шеърҳои шоир боз ҳам равшантар мегардонанд.

Асад Гулзода ба ғайр аз шеърҳои барои хурдсолону наврасон эҷодкардааш шеърҳое дар қолабҳои ғазал, мухаммас, маснавӣ, тарона, рубоӣ, дубайтӣ, чаҳорпора ва фард низ офаридааст. Дар китобҳои шоир намунаи ҳамаи ин жанрҳои шеърӣ ба назар мерасад. “Хона ҷонон омада”, “Дилдода хоҳар мешавад”, “Номи нек”, “Пай-

ванди ҷон”, “Суруди Наврӯзӣ”, “Ҷонон, биё”, “Дар ҷавонӣ мешавад”, “Исфара”, “Дилбари хушрӯй” (аз китоби “Насими Бухоро”, саҳ.10-15), силсилағазалҳои “Дар охират шоҳу гадо баробар”, “Эй моҳи тамоми пур зи нурам”, “Дилбари ҷафокоро, нозу бозорат кушад”, “Надонам, ки чӣ гуна одам астӣ”, “Лаби қанди туро ногаҳ газидам”, “Эй Бухоро, кӯчаҳои боғу роғат дилкушо”, “Чеҳрахандон, синаларзон дилбарам” (аз китоби “Хати пешона”, саҳ.16-19) аз беҳтарин намунаҳои шеъри Асад Гулзода ба шумор мераванд. Ӯ дар ғазалсаройӣ тахаллуси адабии “Асад”-ро интихоб намудааст. Ғазалҳои офаридааш маъмулан аз 6-7 байт таркиб ёфтааст. Албатта, ғазалҳояшро наметавон дар сатҳи ғазалҳои устодони гузаштаву муосири ин қолаби шеъри классикӣ қарор дод, вале бояд гуфт, ки салосату ҷаззобияти хоси онҳо таваҷҷӯҳи хонандаву шунавандаро ба худ ҷалб мекунад.

Намуна аз ғазалиёти шоир:

Дилбари номеҳрубоно, ҷабру озорат кушад,
Айни хобам дидани чашмони хумморат кушад.
Мекунӣ ҳар лаҳза сабри хастаамро имтиҳон,
Гар туро ман гӯш созам, шаҳди гуфторат кушад.
Сӯхтам дар оташи ишқат мудом, эй маҳҷабин,
Шоми ҳичрон чашмакони масту беморат кушад.
Чашми ман банди тамошои рухат парвонасон,
Мезанад пар ғофил аз он: нури рухсорат кушад.
Беқарорӣ мекунад ин қалби ман симобвор,
Чун варо ноустувориҳои рафторат кушад.
Тан бидеҳ бар қисмати шӯридаи худ, эй Асад,
Гар кушад рӯзе туро шахсе, бидон: ёрат кушад.

Асад Гулзодаи Бухоройӣ ба ғайр аз ғазалҳои дилошӯб як силсила мухаммасҳои ҷолибе бар ғазалҳои Ҳофиз, Иқбол, Мирсаид Миршакар, Мавҷуда Бобо Ҳоҷӣ, Алӣ Бобоҷон, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Сафар, Саидалӣ

Маъмур, Султон Шоҳзода ва Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ офаридааст.

Табъи шоир ба дубайтисароӣ низ мувофиқати тамом пайдо кардааст. Аз ин ҷост, ки дар маҷмӯаи "Насими Бухоро" 434-то (саҳ.26-88), дар маҷмӯаи "Хати пешона" дар зерсарлавҳаи "Аз дафтари Душанбе" 45-то (саҳ.42-49), дар зерсарлавҳаи "Аз дафтари Бухоро" 735-то (саҳ.50-178) рубоӣ ва дубайтиҳои гуҳарвор ба риштаи назм кашидаи шоирро мехонем. Рубоиҳо ва қитъаоти Асад Гулзода дар аксар ҳолат молики мазмунҳои фалсафиву иҷтимоианд ва эҳсосоти ботинии шоири орзуманд, хештаншинос ва дардошноро бозгӯ мекунанд. Баъзе аз дубайтиҳо ва рубоиҳои шоир бо вуҷуди ин ки ба қавоид ва суннатҳои рубоиофарӣ мутобиқат намекунанд, аз лиҳози маънову мазмун ва ба миён гузоштани мавзӯъ дорои аҳамияти хосе ҳастанд. Ба вижа, ба ин далел, ки қисмате аз рубоиҳои шоир дорои каломи муассир, таъбироти тозаву шево ва андешаҳои марғуб мебошанд. Барои намуна:

Илм агар бар мову ту раҳбар шавад,
Зиндагӣ пурмазмуну хубтар шавад.
Кам шавад ҳар гуна офат дар ҷаҳон,
Одамӣ комил шавад, дигар шавад.

Асад Гулзода бо офаридани ашъор дар рушду нумӯи навъи муҳими каломи бадеъ – назми муосири форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон саҳми арзишманде гузоштааст. Саъю талошҳои мудовоми ӯ ба унвони як шоир дар ҷодаи адабиёти кӯдакон ва наврасон беназир аст. Ӯ дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳамчун шоири кӯдакон ва наврасон аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст.

Дар охир бояд илова кард, ки имрӯзҳо гузидаи ашъори Асад Гулзодаи Бухороӣ таҳти унвони "Куллиёти

осор” дар 3 ҷилд тадвин мешавад. Ҷилди аввали он ки ҳоло дар дасти шумост, аз шеърҳо, ғазалҳо, мухаммасҳо, дубайтиҳо ва чаҳоргонаҳо (ё қитъаҳо), ҳаҷвияҳо ва байтҳо таркиб ёфтааст ва мухотаби шоир асосан калонсолон ва ҷавононанд.

Ҷилди аввали “Куллиёти осор”-и Асад Гулзодаи Бухороӣ аз сӯйи шоир ва олими ба дилу дида наздик - Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ ба шарҳи зайл танзим ва тадвин ёфтааст:

Силсилаи якум “Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ...” ном дорад, ки 44 шеърро дар васфи Ватан, Бухоро ва бухориён фаро мегирад. Силсилаи дуввум “Даргоҳи Сухан” ном дошта, 38 шеърро дар мавзӯъҳои мухталиф дарбар гирифтааст. Силсилаи севвум “Ишқи меросӣ” унвон дорад ва дарбаргирандаи 10 ғазалу 9 мухаммас аст. Силсилаи чаҳорум “Бахти сабз” ном гирифта, 17 таронаи ошиқонаро шомил мешавад. Силсилаи панҷум “Ҷоми заррин” ном дорад ва 710 дубайтии шоирро фаро мегирад. Силсилаи шашум “Чор Манор” ном дорад, ки дарбаргирандаи 486 қитъа аст. Силсилаи ҳафтум “Аз дафтари ҳаҷв” унвон гирифта, 8 шеъри ҳаҷвиро дарбар мегирад. Силсилаи ҳаштум “Хирвори панд” номгузорӣ шуда, ҳовии 231 байт ё фарди шоир мебошад.

Дар ҷилди дуввуми “Куллиёт” ҷой додани ашъори барои кӯдакон ва наврасон сурудаи шоир дар назар гирифта шудааст. Ҷилди севвум боқимондаи ашъор ва намунаҳои осори публитсистии адибро дарбар хоҳад гирифт.

Ҳоло дигар тамоми қазоват аз шумост, хонандагони азиз! Марҳабо бар олами ашъори Асад Гулзодаи Бухороӣ!

Таваккал ЧОРИЕВ,
профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро

ЭЙ БУХОРО, ШОД БОШУ ДЕР ЗӢ...

Эй Бухоро,
Эй Бухоро!
Зиндаву поянда мон,
Ҷовидонӣ
Зинда мону зинда мону зинда мон!

ВАТАННОМА

Ифтихору эътиборам, эй Ватан,
Ҳастии ман, ғамгусорам, эй Ватан.
То ҷаҳон боқист, боқӣ бошу бош,
Гар набошӣ, бе ту зорам, эй Ватан.

Дору бошад зарраи хокат, Ватан,
Аз ҳавоят баҳра гирад ҷону тан.
Ҳар канорат баҳри ман як ҷаннат аст,
Водиҳоят сарбасар боғу чаман.

Эй Ватан, ту модари пиру ҷавон,
Мисли тоҷи заррине болои сар.
Баҳри ҳифзат ҷоннисорӣ мекунем,
То бимонад арзу бумат бехатар.

Обу хокам обу хокат, эй Ватан
Бахти некам бахти некат, эй Ватан.
Гар набошӣ, ман ғарибу нотавон,
Номи некам номи некат, эй Ватан.

Ҷони ман бодо фидои роҳи ту,
Дар ҳаёти кӯтаҳе ҳамроҳи ту.
Ман надорам тоқати дурӣ зи ту,
Ошиқи дилдодаи гумроҳи ту.

Эй Ватан, ту нури чашмони манӣ,
Эй Ватан, ту марҳами ҷони манӣ.
Ин ту ҳастӣ беҳтарин уммеди ман,
Эй Ватан, ту нури имони манӣ.

Эй Ватан, бахти баланди ман туӣ,
Хонадони бегазанди ман туӣ.
Бе ту ман ҳаргиз набошам сарбаланд,
Сарзамини дилписанди ман туӣ.

Баҳри ман модар туӣ, ҷонон Ватан,
Баҳри ман сарвар туӣ, ҷонон Ватан.
Хидмататро аз дилу ҷон мекунам,
Баҳри ман раҳбар туӣ, ҷонон Ватан.

Баҳри васфат хома ронам, эй Ватан,
Худ битарсам нотавонам, эй Ватан.
Мадҳи ту охир надорад, чун кунам,
Чун дар ин ҷода ҷавонам, эй Ватан!

Эй Ватан, ту шеъру достони манӣ,
Дар ҷаҳон ту боғу бӯстони манӣ.
Ман надидам кишвареро мисли ту,
Ифтихори ёру дӯстони манӣ.

Ҳар дуои хайри ман бар номи ту,
Ҳар чӣ дорам, эй Ватан, инъоми ту.
Қадри ту болотар аст аз Каҳкашон,
Хобу хезам сар шавад бо номи ту.

Эй Ватан, ту сарпаноҳам додаӣ,
Лозим ояд, нону обам додаӣ.
То шавам омодаи хидмат ба ту,
Тарбият ҳам обу тобам додаӣ.

Эй Ватан, то қарзи ту созам адо,
Ҷони худро бар раҳат созам фидо.
Хоки поят ҳифз созам аз адӯ,
Ҳар гирехи мушкилат созам раҳо.

Эй Ватан, ту қалби ман, имони ман,
Дарду сӯзу бехтарин дармони ман.
Гар равам аз ин ҷаҳони пурумед,
Зинда монад рӯҳи саргардони ман.

ТАХТИ МАН

Шаҳри ман,
Аҳди ману паймони ман,
Шаҳри ман,
Дарди ману дармони ман!
Остони ормонҳои басо ранҷури ман,
Ошёни ормонҳои басо ҳам дури ман!

Гар манам авлоди Сомон,
Дар замину дар замон.
Тахти ман, барҷо ту будӣ,
Бахти ман, барҷо ту будӣ!
Хуб донам сарнавишту саргузашти ҳар замон,
Аз ниёгон баҳри мо мондӣ нишон,
Зебо макон!

Эй Бухоро,
Эй Бухоро!
Қиммат зи ҷон
Буд баҳри мо муқаддас хоки ту,
Баҳри мо чун нӯшдору буд обу хоки ту.
Ҷонамози бибию бобои ман
Маккаи додои ман,
Қиблаи Зардушти ман!
Рӯйи хокат нақши пои аспи Искандар бимонд,
Насли покат лашкари Юнон биронд,
Лолагун шуд хоки ту,
Синаи аз ханҷари аъдо бигашта чоки ту.
Сарбаланд омад валекин лашкари бебоки ту,
Шуд забун ҳар душмани нопоки ту.

“Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме...”
Боз шоҳе дигар омад,

Боз фавҷи лашкар омад.
Бар сарат шамшер ҳар барбар кашид,
Ҳам муғул бо дабдаба сӯят давид,
Инчунин офат касе ҳаргиз надид.
Кам нашуд аммо ғиреви барбарӣ,
Қатлу забту банду зулму шеваи ғоратгарӣ...

Эй Бухоро,
Эй Бухоро!
Гарчи ту бисёр пирӣ,
Пири ботадбирӣ ту.
Мисли ман ҳастӣ ҷавон,
Боз ҳам имрӯз оламгирӣ ту.
Рӯзи сахти ту гузашт,
Душмани бадбахти ту ҳаргиз нагашт.
Ҷисми ӯро дард бигрифт,
Кунҷи қабри сард бигрифт...

Растагорӣ ёфтӣ,
Эй шаҳри ман,
Аз балою аз қазо,
Дасту поятро кушо,
Қомататро рост кун,
Рустами дастон бишав!
Мисли баҳри беканору беҳудуд,
Мавҷ зан, тӯфон бишав!
То шиносанд
Қадри ту дар ин ҷаҳон,
То бигиранд
Номи некат бар забон,
Бо таҳаввул,
Бо таҷаддуд,
Бо такомул,
Бо таҷаммул
Мавҷ зан,

Таҷдид шав,
Таҷдид шав!
Мавҷ зан,
Бори дигар
Эҳё бишав,
Тавлид шав!

Эй Бухоро,
Эй Бухоро!
Зиндаву поянда мон,
Ҷовидонӣ
Зинда мону зинда мону зинда мон!

Бухоро, 1991

БУХОРОНОМА

Эй Бухоро, аз ту ҷӯям асли худ,
Эй Бухоро, аз ту ҷӯям насли худ.
Чун ту ҳастӣ васлгоҳи қарнҳо,
Эй Бухоро, аз ту ҷӯям васли худ.

Эй Бухоро, гарди хокат тутиё,
Он қадар бисёр бошад авлиё.
Ту зиёратгоҳи олам гаштай,
Дарду ранҷи оламиёнро даво.

Эй Бухоро, шаҳри беҳамтои ман,
Мулки аҷдоди ману маъвои ман.
Бе ту ман берӯзию бечораам,
Ин бувад бар душманон даъвои ман.

Эй Бухоро, хонаи ободи ман,
Эй Бухоро, маскани озоди ман.
Аз назарҳо чӣ қадар дур мондай,
Кай расад бар гӯши ту фарёди ман?

Эй Бухоро, шаҳри армонҳои ман!
Эй Бухоро, шаҳри дармонҳои ман!
Бар кӣ армон, бар кӣ дармон гаштай,
Ин саволро додааст Синои ман.

Эй Бухоро, қиблаи имони ман,
Эй Бухоро, ҷавҳари виҷдони ман!
Бо ту ман зӯру тавоноям ба даҳр,
Эй Бухоро, орзӯ, армони ман.

Эй Бухоро, сарпаноҳи ман туӣ,
Шабчароғу раҳнамои ман туӣ.

Бе ту ман ҳар лаҳза раҳгум мезанам,
Раҳбари қисматкушои ман туӣ.

Эй Бухоро, чашмаи илҳоми ман,
Эй Бухоро, шӯҳрату ҳам номи ман.
Бо ту гаштам шоири овозадор,
Бо ту гашта ширу шаккар коми ман.

Эй Бухоро, дар канорат растаам,
Эй Бухоро, бар ту ман дил бастаам.
Дар канорат зиндаву озодаам,
Қисмати худ бо ту ман пайвастаам.

Эй Бухоро, нури чашмони манӣ,
Эй Бухоро, зӯру дармони манӣ.
Бо ту монам зиндаву ҷовид ман,
Ҷисми ранҷури маро ҷони манӣ.

Эй Бухоро, манзили ободи ман,
Кишвари гарданкашу озоди ман.
Бо ту нозам, бо ту фахрам дар ҳаёт,
Пойдевор, иттико[5], бунёди ман.

Эй Бухоро, ҳасрату дарди манӣ,
Як муқим, аммо ҷаҳонгарди манӣ.
Кай шавад бо ҳам биёяд ҷону тан,
Рангу рӯи кандаву зарди манӣ.

Эй Бухоро, шаҳри ободи манӣ,
Бӯстони шарқи озоди манӣ.
Баҳри наслу асли мо гаштӣ Ватан
Манбаи илҳоми эҷоди манӣ.

Эй Бухоро, бо ту дорам гуфтугӯ,
Таърихатро менамоям ҷустуҷӯ.

[5] Иттико – такя.

Санаи номаълумат аз ҳад зиёд,
Бо кутуби сӯхта гаштам рӯ ба рӯ.

Эй Бухоро, сарпаноҳи ман туӣ,
Банду басту ҳам дуои ман туӣ.
Аз канорат дур будан мушкил аст,
Қалби пур аз муддаои ман туӣ.

Эй Бухоро, ҷон-ҷаҳони ман туӣ,
Давлату ганҷи равони ман туӣ.
Гарм бинам доимо бозори ту,
Чашми серу обу нони ман туӣ.

Эй Бухоро, шамси иқболам туӣ,
Дар фазои қисматам болам туӣ.
Дар замони бенизому пурқиём,
Муттакои ҳолу аҳволам туӣ.

Эй Бухоро, сархати номам туӣ,
Хастаам ман, роҳати ҷонам туӣ.
Обу хокат дорую дармони ман,
Хуб донам, шӯҳрату шонам туӣ.

Эй Бухоро, яккаву танҳо туӣ,
Дар ду олам аз ҳама зебо туӣ.
Ҳусни ту болотар аз зебоӣ аст,
Дар замини Осиё доро туӣ.

Эй Бухоро, кӯчаҳоят тангу тор,
Сокинонат менамоянд ифтихор.
Қалби ҳар як мисли осмон беканор,
Гарчӣ бошад ҳавлиҳоят тангу тор.

Эй Бухоро, шаҳри хубу нозанин,
Бар дилу бар дидагон ҳастӣ қарин.

Чашм бикшода туро мо дидаем,
Баҳри инсон ҳастӣ ту тахти барин.

Эй Бухоро, сарзамини хуррамӣ,
Аз ягон мулке надорӣ ту камӣ.
Буд канорат ҷаннати афсонавӣ,
Гаштаӣ ту ифтихори одамӣ.

Эй Бухоро, рӯзе бе ман монӣ ту,
Пас китоби шеъри манро хонӣ ту.
Дарди манро баъд фаҳмӣ, шаҳри ман,
Қадри манро баъди рафтан донӣ ту.

БУХОРО

Дар кафи дашту саҳро,
Шаҳри қадим Бухоро.
Қасрҳои бошукӯҳ
Аз ганҷу санги хоро.

Нақши дару деворат,
Зебо асту дилрабо.
Шаҳрӯди пури обат,
Гӯё кони каҳрабо.

Манораи Калонат,
Аз абри гардун боло.
Таърихи хоса дорад,
Ширбадану Дилкушо.

Ситораи Моҳихоса,
Гашта Ҷаҳоноро.
Лаби Ҳавзи беназир
Фақат хоси Бухоро.

Шукри беҳад намуда,
Дорам поси Бухоро.
Ҳар гӯшаи ҳисорат
Зебо зи мулки Доро.

Гарчӣ синнат норавшан
Зистӣ ҳазорсолаҳо.
Барои мардуми мо
Ватан ҳастӣ, Бухоро!

ЧОР СУТУНИ ОСМОН

Чор Манорат чор сутуни осмон,
Ҳайкалест аз одамони ҷовидон.
Гарчӣ бошад бар сараш бори замон,
Хам нагардад қомати болои он.

Бӯғчаи сангҳои обӣ дар назар,
Қасри сангин, қасри нақшин сар ба сар.
Дар Бухоро ёдгори нодир аст
Саҳфае аз таърихи насли башар.

Ҳусни шаҳрам он қадар афзудааст,
Мисли он ки гавҳари ду дида аст.
Монда зери нури шамси[6] осмон,
Акси он бар ҳар тараф афтодааст.

[6] Шамс – офтоб.

МЕҲРИ ВАТАН

Ватан – ту хонаи ман,
Ватан – таронаи ман.
Ту ҳастӣ сарпаноҳам,
Ватан – ту номаи ман.

Ту бошӣ модари ман,
Ту бошӣ сарвари ман.
Дасти ту бар сари ман,
Ту бошӣ кишвари ман.

Туро ном Ӯзбекистон,
Зеботарин гулистон.
Эй мулки ҷаннатмакон
Ягонаӣ дар ҷаҳон.

Обу хокат муқаддас,
Ватан ҳастӣ ба мо, бас.
Номи накӯятро ман
Бар забон орам зи пас.

Доимо обод бошӣ,
Доимо озод бошӣ.
Ба бахти мардумонат
То ҷаҳон бошад, бошӣ.

Бухоро, 11 декабри соли 2008

ИШҚИ ВАТАН

Мурғакони фирорӣ
Қосидони баҳоранд.
Мурғакони фирорӣ
Шоҳидони баҳоранд.

Чанде муҳоҷир буданд,
Сӯи ватан меоянд.
Ишқи Ватан дар дилҳо
Шоду хуррам меоянд.

Бо пару болҳои худ,
Файзи баҳор меоранд.
Азоби роҳи дурро
Ҳоло ба хотир доранд.

Мурғакони фирорӣ
Содиқони баҳоранд.
Мурғакони фирорӣ
Ошиқони баҳоранд.

ВАТАНИ ОБОД

Донӣ, Истиқлоли мо –
Хуршеди иқболи мо.

Озодии кишвар аст,
Ободии меҳвар аст.

Бахти баланди миллат,
Шукӯҳу шони давлат.

Озодиҳои инсон,
Покизагии имон.

Ояндаи Истиқлол
Чун ҳумо[7] мезанад бол.

Ватан обод мешавад,
Мардумаш шод мешавад.

Бухоро, 22 январи 2017

[7] Мурғи Ҳумо.

МЕВАИ ИСТИҚЛОЛ

Эй мулки озоди ман,
Кардӣ баланд садоям.
Эй мулки ободи ман,
Дарди маро давоям.

Каналҳо пуроб гардид,
Чаманҳо шодоб гардид.
Оби равони ҷӯҳо,
Об нею гулоб гардид.

Роҳҳо кушода гаштанд,
Тахту озода гаштанд.
Рафту омад авҷ гирифт,
Қонунҳо содда гаштанд.

Зиндагӣ дигар шудаст,
Хуб буду хубтар шудаст.
Шаҳру деҳа нурафшон,
Зебову дилбар шудаст.

Кишвар гулистон шудаст,
Шукуфта бӯстон шудаст.
Меваҳои хушмазза,
Зеби дастурхон шудаст.

Ризқи мардум фаровон,
Нарху наво гашт арзон.
Ҳар чӣ хоҳем, муҳайёст,
Ҳузур кунад тану ҷон.

Меваи Истиқлол аст,
Баландии иқбол аст.

Замона дигар шудаст,
Дурахшон истиқбол аст.

Чиро баҳона кунем,
Ки худ баҳо додаем.
Шукри замона кунем,
Мардуми озодаем.

Бухоро, 3 феврали соли 2017

ШАРОФАТИ ИСТИҚЛОЛ

Шаҳри озодагон аст,
Шаҳри созандагон аст.
Ҳама шоду хурсанданд,
Ба касбу коре банданд.
Қалби дӯстон шод кунанд,
Ватанро обод кунанд.
То халқ фаровон шавад,
Пурфайз дастурхон шавад.
Нархи мол арзон шавад,
Дастраси инсон шавад.
Тӯю тамошо шавад,
Ёру дӯст меҳмон шавад.
Шаҳру деҳ гулшан шавад,
Нотавон душман шавад.
Ҳама ба кор банд шавад,
Бою давлатманд шавад.
Маризиҳо кам шавад,
Одамӣ бардам шавад.
Хушрӯзу хушбахт шавад,
Ҷойгоҳаш дар тахт шавад.
Чунин бувад Бухоро,
Чунин монад Бухоро.
Озод бошад Бухоро,
Обод бошад Бухоро.
Гул-гул шукуфад Ватан,
Фидо ба ӯ ҷону тан.
Фархунда[8] бод Истиқлол,
Барои мо пару бол.

Бухоро, 10 феврали соли 2017

[8] Фархунда – пирӯз; хушу хуррам, саодатманд.

ШӮҲРАТИ БУХОРО

Шаҳри ҳунармандон аст,
Корхонаи ҷаҳон аст.
Макони зардӯзон аст
Мактаби патдӯзон аст.
Бо ришташои заррин,
Бо ришташои рангин,
Асарҳо меофаранд,
Ҳуши касро мебаранд.
Тоқиҳои зардӯзӣ,
Ҷомаҳои зардӯзӣ,
Либосҳои патдӯзӣ
Ҷойникпӯшак, сӯзанӣ.
Маҳсули дасти онҳо
Молҳои хубу аъло.
Аз санҷишҳо гузаштанд,
Рӯҳафтода нагаштанд.
Мактаби дӯзандагон,
Мактаби бофандагон.
Маркази санъатгарон,
Маркази донишварон.
Роли бузург бозиданд,
Ҳама ҳунарманд шуданд.
Дар ҳамин ҷо растаанд,
Ҳунарро орастаанд.
Камар ба хидмат бастанд,
Машҳури олам гаштанд.
Ба маҳсулоти онон,
Бо талаботи замон,
Ҷаҳон харидор гардид,
Зиннати бозор гардид.

Бухоро, 10 феврали соли 2017

ШОҲРӮД

Рӯди шоҳаншоҳӣ аст,
Софу пур аз моҳӣ аст.

Камарбанди тилло
Дар камари Бухоро.

Ҳавзҳоро пуроб кунад,
Боғу роғ шодоб кунад.

Ҳавои тоза орад,
Ба ҷисму ҷон мефорад.

Боиси ободӣ аст,
Рӯзи хушу шодӣ аст.

Об додан худ савоб аст,
Доимо пури об аст.

Рӯзу шаб бедор аст ӯ,
То абад бехоб аст ӯ.

Кам нагардад оби ӯ.
Мерасад фарёди ӯ.

Панҷ аср аст, ки ӯ ҷорист,
Шӯҳрataш мондагор аст.

Бухоро, 2 январи соли 2017

КИСТАМ МАН?

Парчае аз тарҷумаи ҳол

Кистам ман?
Асад Гулзодаи Бухоро̄и!
На шаҳрию
На саҳро̄и.
Ба суоли “Куҷо̄?”
Посухам:
Ҳамин ҷо̄й!

Як марди пиронасару
Хирадманду
Соддаву оддӣ,
Тимсолаш пур аз шодӣ.
Зи ғам дурусту дур
Дидагонаш пурнур,
Заҳматкашу дардкаш,
Сӯҳбаташ басо дилкаш,
Гарму ҳамранги оташ.
Меҳнатдӯсту ҷафокаш,
Хушрафтору ҳазилкаш.
Бекинаву софдил,
Соҳиби хона, манзил.
Нишонаш ба оламу
Ба одам маълум:
Гузари Ҳавзи Бодом
Панҷоҳу шаш.
Рақами дару дарвозааш
Ҳушёру худшинос,
Одаму оламшинос.
Орому осудаҳол
Поквичдон асту ҳалол.
Мардум дӯсташ медорад,

Феълаш ба ҳама форад.
Алам аз қалам гирад,
Қаламаш олам гирад.
Пуркору
Эҷодкор,
Пурдону
Созгор!
Меҳмоннавоз аст,
Дастурхонаш боз аст.
Чашму дилаш сер,
Ҳимматаш баланд бошад.
Ҷуръаташ на кам аз шер,
Ғайраташ баланд бошад.
Аз ситорааш нур борад,
Дар мазраъи дил
Базри дӯстӣ корад.
Дӯстонро мепарастад,
Ба паҳлӯяш мардона истад.
Хислати наҷибонааш ин аст:
Меҳрубони кӯдакон аст,
Посбони бачагон аст.
Бо ғами онҳо зиставу шеъру достон гуфтааст,
Бо меҳри онҳо зиндаву
Панду ҳикмат суфтааст.
Чанд китобаш тӯҳфае
Аз баҳри насли наврас аст.
Бар дигарон ҳам дастрас аст
То нагӯянд, ки бас аст?!
Боз гӯяд ӯ,
Соз гӯяд ӯ:
Гоҳе-гоҳе
Ёди пирон мекунам,
Хидмати онҳоро
Аз дилу ҷон мекунам.
Баҳрашон шеъру суруд эҷод мекунам,

Бо сурудҳои накӯ
Қалбашонро шод мекунам,
Зиндагӣ обод мекунам.
Аҳли оламро
Аз ғаму дарду алам озод мекунам...

Кори шоир бардавом аст, бардавом,
Ҷуръати ӯ нотамом аст, нотамом.
Ҳамқадам аст,
бо замон,
Бошад амон.
То бувад давру замон
Зинда бошад
Ӯ мудом!

Бухоро, 18 январи соли 2017

МАНОРАИ КАЛОН

Ҳақиқан калон аст
Сарсутуни осмон аст.

Аз назар дур намонад,
Машҳури ду ҷаҳон аст.

Аз роҳи дуру наздик
Ҷойи ман бошад дақиқ.

Дурбини чашми сорбон
Дар сари роҳи корвон.

Аз ҳар сӯ, ки меоянд,
Роҳи дурро мепӯянд.

То ба Бухоро расанд,
Манзили хубе ёбанд.

Корвонсаройҳо бисёр,
Бозорҳо ҳам бешумор.

Саргарми савдо гарданд,
Бо ҳама ошно гарданд.

Кори худро буд кунанд
Ёди Ватан зуд кунанд.

Бухоро, 28 январи соли 2017

МАНОРАИ ХУРД

Манори Хурд магӯед,
Қалби маро машӯед.

Обидаи Нодирам,
Ба ҳарчӣ ман қодирам.

Бори замон ба дӯшам,
Ҳарфи замон ба гӯшам.

Қомати ман баланд аст,
Ҷисми ман бегазанд аст.

Ба мисли қутбнамоям,
Беҳтарин раҳкушоям.

Кӯчаву кӯй беадад,
Касе сарсон нагардад.

Ошиқи сайёҳонам,
Рӯзе бекас намонам.

Бухоро, 28 январи соли 2017

ҲАЗРАТИ БАҲОУДДИН (БАЛОГАРДОН)

Деҳае бо номи “Қасри Орифон”
Дода буд пешвои динро бар ҷаҳон.
Дини Ислом тобише аз он гирифт,
Пири ботадбири мо буд бегумон.

Таълимоти “Дил ба ёру даст ба кор”
Буд шиори Баҳоуддини Нақшкор.
Ин тариқат олами Ислом гирифт
Пиру барноро шуда Ҳоҷатбарор.

Ман надидам олиме дар илми дин,
К-ӯ надонад маслаки Баҳоуддин.
Буда устоде варо Мири Кулол,
Фозилеву орифе ҳаққуляқин.

Бухоро, 29 январи соли 2017

МАДРАСАИ МИРИ АРАБ

Қатор-қатор ҳуҷраҳо
Пурсафову хушҳаво.

Хонаҳои таълиманд,
Бар ташнагони илманд.

Мадрасаи таърихӣ,
Қадимиву таърифӣ.

Мударрисон муллоянд,
Орифони Худоянд.

Қуръонро таълим диҳанд,
Дарси муаллим диҳанд.

Шогирдон мулло шаванд,
Фозилу доно шаванд.

Булбули гӯё шаванд
Машҳури дунё шаванд.

Бухоро, 29 январи соли 2017

МАСҶИДИ КАЛОН

Калонтарин масҷид аст,
Муқаддасу саид аст.

Ҷойи муборак аст он,
Тасаллои дил аст он.

Дар оғӯшаш бигунҷад
Намозхони беадад.

Бар Худо тоат кунанд,
Тоат-ибодат кунанд.

Мусулмонон дар ин ҷо,
Наҷот ҷӯянд аз Худо.

Бухоро, 29 январи соли 2017

ЛАБИ ҲАВЗ

Аҷаб зебо Лаби Ҳавзи Бухоро
Зи санги кӯҳи мармар ёфта оро.
Набошад дар ҷаҳон ҳамтои онро
Ба сайёҳон бувад ҷойи тамошо.

Дарунаш дар шино мурғони обӣ,
Дар обаш рақс кунад садгуна моҳӣ.
Ту гӯӣ як ҷаҳон бошад Лаби Ҳавз,
Раву лаззат бубар ту ҳарчӣ хоҳӣ.

Лаби Ҳавзам ду тути пир дорад,
Ки ин тутҳо ба ҳуд як сир дорад.
Яке ҳафтсад, дигар дорад ҳазор сол.
Ба ҷойи тут аз он афсона борад.

Бухоро, 29 январи соли 2017

ҶУФТ МАДРАСА

Ду мадраса дар якҷо
Асрҳо, ки побарҷо.
Хело қашангу зебо,
Мӯҳташаму дилрабо.

Яке Абдуллохон аст,
Дигараш Модархон аст.
Ёдгории шоҳон аст,
Модару писархонд аст.

Бо по истода ҳар ду
Умрест, ки рӯбарӯянд.
Бо лафзи модари худ
Саргарми гуфтӯгӯянд.

Давру даврони худро
Ҳанӯз дар хотир доранд.
Аз ҳамдиёрони худ
Хурсанду миннатдоранд.

Бухоро, 29 январи соли 2017

АРКИ АМИР

Як кӯшки пурвиқор аст
Нишона аз Бухор аст.

Манзили подшоҳон аст,
Ҳузури ҷисму ҷон аст.

Тахту тоҷ дар ҳамон ҷо,
Қароргоҳи шоҳ он ҷо.

Идораҳои давлат,
Вазирони пурсавлат,

Қозию қозикалон
Аҳли дарбору девон,

Соҳибони ваколат,
Раҳбарони Аморат

Дар хизмати шоҳ ҳастанд,
Камарро маҳкам бастанд.

Ба чашми бечорагон,
Ва ё корафтодагон,

Дӯзахи тайёр бувад,
Боиси озор бувад.

Обхонаву регхона,
Бадтарин канахона,

Аҷали одамон буд
Даҳшати он замон буд.

Бухоро, 29 январи соли 2017

ЧОР МАНОР

Қасрест кӯҳнабунёд,
Бутуну хеле обод.

Пурнақшу пурҷило аст,
Зебову дилрабо аст.

Шӯрои душмани дин,
Мункири дини мубин.

Доди касе нашнуда
Мадрасааш рабуда.

Гуноҳе содир намуд,
Фавтиду рӯз ҳам надид.

Тарҳаш чу тоқии Чуст,
Чоркунҷа метавон гуфт:

Дар ҳар гӯша як манор,
Исмаш бувад “Чор Манор”.

Беҳтарин як макон аст,
Ягона дар ҷаҳон аст.

Ақлу ҳушро мебарад,
Таъриф кунӣ, меарзад.

Бухоро, 29 январи соли 2017

ҚАЛЪА

Як девор, ки мустаҳкам
Ба мисли девори Чин.

Аз хоку гил шуд озин,
Тимсоли Чину Мочин.

Қалъаи овозадор,
Тарҳаш ба мисли Ҳисор,

Дар оғӯшаш Бухоро,
Як шаҳри оламоро

Орому осуда аст,
Аз тақдир болида аст.

Арзу дуо мекунанд,
Шукри Худо мекунанд.

Аз гузашта нишон аст,
Садди роҳи бадон аст.

Машҳури ду ҷаҳон аст,
Умеди сокинон аст...

Аз ӯ ҳоло ном мондаст
Ҷо-ҷое боқӣ мондаст.

Бухоро, 30 январи соли 2017

ГАНҶИ БУХОРО

Шаҳри нуру шаҳри ҳур,
Ба пиру барно манзур.

Каналҳо пури обанд,
Боғу чаман шодобанд.

Қасрҳои пуршукӯҳ
Истодаанд рӯбарӯ.

Иморатҳои зебо,
Дилкашанду дилрабо.

Гулзорҳои ҳушҳаво
Пур аз гулу лолаҳо.

Ба дарди мардум даво,
Ҷойи хубу тамошо.

Шаҳрӯди пури обаш,
Равон асту бехобаш.

Насими тоза орад,
Ба ҷисму ҷон биофарад.

Майдонҳо сабзу хуррам,
Аз дил барорадаш ғам.

Масҷиду мадрасаҳо,
Пасту баланд хонаҳо.

Осори антиқаанд,
Ақлу ҳушро мебаранд.

Ҳавзҳои пури обаш,
Софу тоза, ободаш,

Макону сайру гашт аст
Гӯё ки як биҳишт аст.

Сайргоҳи сайёҳон аст,
Пур-пури одамон аст.

Шаҳри донишмандон аст,
Шаҳри ҳунармандон аст.

Макони илму ҳунар,
Оҳангаранду заргар.

Бинокоранду меъмор,
Кулолгаранду пуркор.

Патдӯзанду зардӯзанд,
Устои телпакдӯзанд.

Яке муаллим бувад,
Устоди таълим бувад.

Дигаре духтур бувад,
Соҳиби дастур бувад.

Боз яке шоир бувад
Шеърдони моҳир бувад.

Он яке сардор бувад,
Донову ҳушёр бувад.

Дигаре тадбиркор аст,
Директори бозор аст.

Он яке ҳоким бувад,
Бераҳму золим бувад...

Чунин бошад Бухоро,
Шаҳри ҷаҳоноро!

Бухоро, 30 январи соли 2017

МАҚБАРАИ СОМОНӢ

Қадамҷои мӯътабар,
Набошедаш бехабар.

Оромгоҳи шоҳон аст,
Машҳури ду ҷаҳон аст.

Чоркунҷаи баробар,
Тарҳаш зебо саросар.

Бунёдаш сангу ганҷ аст,
Маҳсули дасти ранҷ аст.

Пурнақшу пурнигора,
Созӣ агар назора.

Чордара бино аст он,
Гӯё мӯъҷиза аст он.

Қасри хело мустаҳкам
Дар ҳайрат монад одам.

Оромгоҳи Сомонӣ,
Шаҳаншоҳи сонӣ.

Гумбазаш токчадор аст
Гӯё ки чашми чор аст.

Ҳазор сол дар сари по,
Истода по бар ҷо.

Зиёратгоҳи мардум,
Ибодатгоҳи мардум.

Тоҷи Сари Бухоро,
Боғеро дода оро.

Бухоро, 30 январи соли 2017

МАСҶИДИ МАҒОКИ АТТОР

Як масҷиди мунаққаш,
Дарунаш пури оташ.

Гӯё ки он хумдон аст,
Ё ки як оташдон аст.

Ҷойи оташпарастон,
Нишони зардуштиён.

Ба оташ саҷда созанд,
Ба гирдаш хуб бирақсанд.

Тоат-ибодат кунанд,
Зи дин тиловат кунанд.

Розу ниёз бар Худо
Ҳар як коре муддао.

Бахшиш пурсанд аз Худо,
Барои ҳар як гуноҳ...

Ин ривоят асту бас
Онро надида ҳеҷ кас.

Дар ҷош валангор гаштаст,
Як харобазор гаштааст.

Бухоро, 30 январи соли 2017

ЗИЁРАТ

Мақбараи Сайфиддин Бохарзӣ

Хокҷойи Шайхи Олам
Зиёратгоҳи одам.
Боре зиёрат кунӣ,
Набинӣ ту дарду ғам.

Шахси худоҷӯй бувад
Муриди ҳақҷӯй бувад.
Гар ба ӯ ихлос кунӣ
Бахтат кушода гардад.

Шайхи тариқат бувад,
Пири шариат бувад.
Ҳомии дини Ислом,
Ба ҳама ибрат бувад.

Бухоро, 31 январи соли 2017

МАЙДОНИ РЕГИСТОН

Як майдони хоса аст
Фаршаш чу кӯрпаи рег.
Васеъу даврамонанд,
Нақшааш монанди дег.

Монанди як варзишгоҳ,
Аслан тамошогоҳ аст.
Ҷойи хушу диданӣ
Мардум аз он огоҳ аст.

Иди умумхалқӣ
Маросимҳои динӣ
Ҳамон ҷо барпо шавад,
Ба ҷашми худ бубинӣ.

Як ҷойи истироҳат,
Ҷойи хуби фароғат.
Гӯё ки як ҷаҳон аст,
Бофайзу ботароват.

Бухоро, 3 феврали соли 2017

МАНАМ “БУХОРОЙ”

Як шаҳри нурафшонӣ
Сарсабзу гулистонӣ,
Дар дида намоёнӣ,
Машҳур ба Бухорой.

Таърихи куҳан дорӣ,
Сад боғу чаман дорӣ,
Гулҳои суман дорӣ,
Як шаҳри дилорой.

Зодгоҳи бузургонӣ,
Хуршеди дурахшонӣ.
Бар тан ту маро ҷонӣ,
Бисёр ту зебой!

Шаҳри Ибни Синой,
Шаҳри ал-Бухорой.
Кони маъдани ирфон,
Ман ҳам ал-Бухорой.

Бухоро, 9 феврали соли 2017

МАҚБАРАИ ЧАШМАИ АЮБ

Дар замонҳои қадим,
Дар Бухорои азим,
Хушксолӣ офат шудаст,
Гӯё касофат шудаст.
На бороне боридаст,
Бе барф қиёмат шудаст.
Тобистон гарм омадаст
Ҳарорат баланд будаст.
Гӯё ки дӯзах шудаст,
Зиндагӣ ҳам сахт шудаст.
Долу дарахт хушкида,
Ҳосил зи даст рафта.
Ҷону ҷонвар дар азоб,
Мӯҳтоҷи як қатра об.
Зиндагӣ бадтар шудаст,
Муромурӣ сар шудаст.
Аюб хабардор шудаст,
Зоҳиру ҳозир шудаст.
Асо бар замин задаст,
Чашма фаввора задаст.
Табиат зинда шудаст,
Ҳосил зиёда шудаст.
Ташнагон шодоб шуданд,
Зи бахти худ шод шуданд.
Аз Аюби пайғамбар,
Аз Аюби халқпарвар,
Ҷашмае боқӣ мондаст,
Ҷоме зи соқӣ мондаст.
Обаш ба сад дард даво,
Ба ҷисму ҷон ҳаст шифо.
Дар миёни гумбазест,
Зиёратгоҳи ҳар касест.
Қабри пайғамбар он ҷост,
Обод асту по барҷост.

Бухоро, 10 феврали соли 2017

ҲАВЗИ ШАРБАТ

Дар зиёратгоҳи Баҳоваддини Балогардон

Куҷо бошад чунин як номи зебо
Ҷунин эъҷоз бошад дар Бухоро.
Бимонад то нишон аз кори меъмор,
Бино карданд меъморони усто.

Биёмад зери бор он Ҳавзи Шарбат
Ки буд маҳсули дасти зӯру ғайрат.
Дарунаш пур бишуд аз гавҳари об
Бишуд як манзили хуби маишат.

Ба ҷашнаш омаданд аҳли замона
Ки оро ёфта буд чун мисли хона.
Биҷӯшид сарбасар дегҳои шарбат
Барои ҳамагон гардид баҳона.

Бигаштанд ҳамагон ширинкома,
Бишуд расми хубе дар байни омма.
Чунин аст таърихи ин Ҳавзи Шарбат
Бирафта шӯҳрataш хона ба хона.

Бухоро, 12 феврали соли 2017

ДЕҲАИ МАН

Деҳаи Шавгони ман,
Асли ман, дудмони ман.

Ҷисми ман, ҳам ҷони ман,
Қуввату дармони ман.

Як шаҳраки ободӣ,
Осудаву озодӣ.

Сокинонат комгор,
Соҳибони касбу кор:

Пахтакору чорводор,
Меҳнатқарину пуркор.

Соҳиби обу замин,
Ростқавланду ҳам матин.

Шӯҳратёранду номдор,
Дар ҷаҳон овозадор.

Офаридгори неъмат
Босахову боҳиммат.

Ободии ин макон
Ҳам замину ҳам осмон.

Як гӯшаи Бухоро,
Чун арӯси дилоро.

Бухоро, 15 феврали соли 2017

ЗОДГОҲАМ ДЕҲАИ ШАВГОН

Зодгоҳам,
Деҳаи Шавгони ман,
Сарпаноҳу маскани мардони ман.
Хуни нофам дар ҳамон ҷо рехтааст.
Баски дурам, доимо пазмони ман.
Буд Ҳисораш қалъаи ҷанговарон,
Ҷои русти кӯдакону модарон.
Гирди он ҳар душмане саргашта буд,
Мисли мори афъии бехонумон.
Садди роҳи душманон гардида буд,
Зидди онҳо солҳо ҷангида буд.
То намояд ҳифзи ҷону ҳифзи хок,
Хуни гарми душманон полида буд.
Бо шикасте рӯбарӯ гашта мудом,
Мегурехтанд сӯи дашт аз ҳавли ҷон.
Пур бувад аз корнамоӣ таърихаш,
Дӯсту душман менамудад табрикаш.
Дар миёни дуду оташ зинда монд,
Қаҳрамони сарнавишти тақдираш...
Бобо Араб:
Номи қабристони он.
Пиру барно сар ба сар хобидаанд,
Бо тақозои ҳаёт ҷон додаанд.
Буд нигоҳе
Бар гузашти деҳи ман.
Аз ҳамин ҷо,
Дар ҷаҳон шаҳроҳи ман.
Мебарад ин раҳ маро то қуллаҳои одамӣ.
Сокинони ҳамзабон
Домимо ҳамроҳи ман...
Ҳоло чӣ?
Ҳоло обод деҳи ман.
Аз ғами дерина озод деҳи ман.

Дар баҳорон гул кунад домони он,
Шоду хуррам,
Тифли навзод деҳи ман.
Ҷӯйи Тайлоқ
Манбаи оби равон,
З-он бувад ободии ҳар хонадон,
Сарнавишти боғу роғҳо гаштааст.
Боиси сарсабзии Деҳи Калон.
Ҳусни кишвар
Деҳаи Шавгони ман,
Хонаи уммеди ман, армони ман.
Меравам баҳри тамошояш мудом,
Мисли қалъа сарпаноҳи ҷони ман!

ИФТИХОРНОМА

Мо насли номдорем,
Соҳиби ифтихорем.
Тухми ваҳдат мекорем,
Дар кори худ ҳушёрем.
Мо авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати чаҳонӣ.

Мо ёру дӯсти ҳамдам,
Ҳарҷо набошем бо ҳам.
Ҳаргиз набошем мо кам,
Ҳаргиз набошем дар ғам.
Мо авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

Ҳамоҳанги замонем,
Қадам дониста монем.
Ҳаргиз қафо намонем,
Қаҳрамони майдонем.
Мо авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

Мо мардуми баорем,
Миллати худ дӯст дорем.
Аз хидмат рӯ натобем,
Аз он дар ифтихорем.
Мо авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

Бухоро аст мизбонам,
Қуввати тану ҷонам.
Бе ту набошам манам,
Зи номи ту ҳарф занам.
Мо авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

Бухоро, 16 феврали соли 2017

ТОҚҲОИ БУХОРО

I. ТОҚИ САРРОФОН

Тоқи Саррофони он
Гашта машҳур дар ҷаҳон.
Дар синаи Бухоро
Ба ҳама манзур аст он.

Ҷойи сайру тамошо
Барои аҳли дунё.
Мағозаву[9] дӯконҳо
Пур-пури молу ашё.

Банкаву кассаҳояш
Пулҳоро майда созанд.
Пул гиранду қарз диҳанд,
Роли асосӣ бозанд.

Тамоми рӯз дар ин ҷо
Деги савдо мечӯшад.
Ҳар кӣ ҳарчӣ мехоҳад,
Моли худро фурӯшад.

Маркази асъор[10] бувад,
Барои савдогарон.
Шароиташ муносиб,
Барои тадбиркорон.

Муомилоти пулро
Ба танзим[11] медароранд,
Хизмати худро ба халқ
Беминнат мерасонанд.

Бухоро, 4 феврали соли 2017

[9] Мағоза – магазин.
[10] Асъор – валюта.
[11] Танзим – тартиб, интизом.

II. ТОҚИ ТЕЛПАКФУРӮШОН

Маркази касбу ҳунар
Тоқи Телпакфурӯшон.
Дӯкону коргаҳҳо,
Манзили дӯзандагон.

Устоҳои пурҳунар
Пӯстро аввал ош диҳанд.
Дар гӯшае хушконда,
Пас обутоб медиҳанд.

Буррандагон бурида,
Ба қолабҳо мекашанд.
Пас аз лаганда кардан
Ҷузвҳо ба ҳам пайванд.

Маҳсулот тайёр шавад,
Телпакҳои баррагӣ.
Вориди дӯкон шавад,
Молӣ фурӯшандагӣ.

Гашта ба он маҳлиё
Харидорон мехаранд.
Ба нархи дилхоҳашон
Ба ҷойи худ мебаранд.

Телпаки сар давлат аст,
Зиннату ҳам савлат аст.
Пӯшед, саломат бошед,
Пиру бадавлат бошед.

Бухоро, 4 феврали соли 2017

III. ТОҚИ ЗАРГАРОН

Аз унвонаш маълум аст,
Қадамҷойи мардум аст.
Макони зардӯзон аст,
Коргаҳи заргарон аст.
Ҳама ҳунарманд бувад
Ба касби худ банд бувад:
Яке қуроқӣ дӯзад
Дигаре тоқи дӯзад.
Заноне ҷома дӯзанд
Чанде дӯзад камарбанд.
Гурӯҳе чойникпӯшак
Сӯзаниву дастпӯшак.
Бо риштаи зар дӯзанд,
Ба касби худ дилсӯзанд.
Заргарон бо зар бозанд,
Гӯшвораҳо месозанд.
Молашон бозоргир аст
Меҳнаташон дилгир аст.
Аз рӯяшон нур борад,
Завқу сурур меорад.
Машҳури олам гаштанд,
Аз имтиҳон гузаштанд.
Тоқиҳо мисли офтоб,
Чашми касро диҳанд об.
Ҷомаҳои зардӯзӣ,
Аз сар то по гулдӯзӣ,
Чашми касро мебаранд,
Ҳама-ҳама мехаранд.
Ба гӯшаҳои олам
Баранд чу тӯҳфа ҳар дам.
Фахр созад Бухоро,
Бо ҳунарҳои зебо!

Бухоро, 5 феврали 2017

ЧОРБАКР

Як тараф қасру биною мадраса,
Як тараф ҳам қабрҳо хушҳандаса.

Хӯрда захми асрҳо санҷитҳо,
Эй басо ранҷидаҳо, санҷидаҳо.

Ҷисмашон зарби замона хӯрдаанд,
Шоххо чун дасти хушки мурдаанд.

Гӯиё, ки аз гузашта ҳикматанд,
Гарчӣ андар анҷуман, дар хилватанд.

Қабрҳои орифони илми Ҳақ,
Медиҳанд аз ишқ бар мардум сабақ.

Пешвои дину мазҳаб будаанд,
Соҳибони турфа мактаб будаанд.

Баҳри мардум ғамгусорӣ кардаанд,
Илм то гиранд, ёрӣ кардаанд.

ХОНАҚОҲИ ДЕВОНБЕГӢ

Маҷмӯаи ёдгории Нодир Девонбегӣ

Маркази шаҳр аст инҷо,
Ба чор тараф барад роҳ.
Гӯё, ки маҷлисгоҳ аст,
Аз он ҳама огоҳ аст.
Сарпаноҳи дарвешон,
Дур аз диёри хешон.
Маскани маърифат он,
Як ҷои машварат он.
Рӯзу шаб дар хизмат аст,
Хизматаш беминнат аст.
Қадамгоҳи уламо
Мударрису муллоҳо,
Пешвоёни дин инҷо
Меҳмони қасри Худо.
Баҳси динӣ мекунанд,
Баҳси илмӣ мекунанд.
Ҷойи ибодат инҷо
Як ҷойи тоат инҷо.
Бегоҳӣ ҷои хоб аст
Хобидан ҳам савоб аст.
Як қасри беҳамто аст
Нақшҳояш пурҷило аст.
Деворҳо кошинкорӣ
Пур аз гули баҳорӣ.
Гӯё баҳористон аст
Ягона дар ҷаҳон аст.

Бухоро, 17 феврали соли 2017

МАДРАСАИ КӮКАЛДОШ

Мадрасаи динӣ аст,
Қадамгоҳи Айнӣ аст.
Устод инҷо хонда буд,
Нақши худро монда буд.
Илму амал омӯхт ӯ,
Ба дунё дида дӯхт ӯ.
Феълаш, ки буда пуршаст,
Алломаи замон гашт.
Донишманди забардаст
Парчами илм дар даст,
Миллатеро эҳё кард,
Дарди варо даво кард.
Садҳо асарҳо навишт,
Ҷои ӯ бодо Биҳишт.
Қаҳрамони замон шуд,
Машҳури ин ҷаҳон шуд.
Олимони забардаст,
Шоирони чирадаст,
Пешвои дину мазҳаб,
Мардони илму адаб
Андешаҳо рондаанд,
Нақши худро мондаанд.
Қасри бузургу зебо,
Дилкашу ҳам дилрабо.
Чунин бувад Кӯкалдош,
Чунин монад Кӯкалдош.

Бухоро, 17 феврали соли 2017

МАДРАСАИ ДЕВОНБЕГӢ

Исми накӯяш Нодир,
Соҳибмансаби Амир.

Бо хоҳиши Тахтнишин,
Қасре бисохт дилнишин.

Бо ғишти пухта, бо ганч,
Кашида хело ҳам ранҷ,

Бо маблағе бисёре,
Бидода рангу боре.

Зеботарин кошона,
Иморати шоҳона.

Зеби Бухоро гардид,
Офарин гуфт, ҳар кӣ дид.

Маскани хониш гардид,
Нодир ба мақсад расид.

Мадрасаи номдор шуд,
Мухлисаш бешумор шуд.

Илмомӯзӣ сар бишуд,
Зиндагӣ дигар бишуд.

Довталабон бешумор,
Омада аз ҳар канор.

Ташнаи илму дониш,
Ба хондан доранд хоҳиш.

Сайидо[12] ҳам аз Насаф[13]
Истода буда дар саф,

Шомили инҷо гардид,
Пешсафи дунё гардид.

Алломаи даврон шуд,
Шоири пуртавон шуд.

Ҳаминҷо меҳан гирифт,
Олам ӯро тан гирифт.

Фахри Бухоро гардид,
Ифтихори мо гардид.

Бухоро, 17 феврали соли 2017

[12] Сайидои Насафӣ – шоири классики тоҷик.
[13] Насаф – номи қадимии шаҳри Қаршӣ.

ҚЎШ МАДРАСА Ё КИ МАДРАСАҲОИ УЛУҒБЕК ВА АБДУЛАЗИЗХОН

Ду паҳлавони номӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ
Рӯ ба рӯ истодаанд,
Сӯҳбате оростаанд.
Баҳсашон бошад илмӣ,
Масъалаҳои динӣ.
Ҳар ду мударрис ҳастанд,
Аз майи дониш мастанд.
Шогирди бисёр доранд,
Аз он дар ифтихоранд.
Донишҷӯёни зирак
Ба таҳсилот муштоқанд.
Қуръонро дафтар кунанд,
Хондаву аз бар кунанд.
Тарафдорони динанд,
Ошиқони ойинанд.
Пайрави пайғамбаранд,
Аз ӯ ибрат мегиранд.
Мӯъмин-мусулмон шаванд,
Донову пурдон шаванд.
Ҳақиқӣ мулло шаванд,
Бо сари боло шаванд.
Дар дидаҳо ҷо шаванд,
Аз Худо огоҳ шаванд.

Бухоро, 19 феврали соли 2017

БА ЁДИ УСТОД

Ба муносибати 100 солагии зодрӯзи шоири бухороӣ Иброҳим Қосимзода

Марди тавоно Шумо,
Дидаи бино Шумо.
Олими доно Шумо,
Доимо бо мо Шумо.

Шоири мумтоз Шумо,
Бар мане устоз Шумо!

Шеъри шумо равон аст,
Чу дарёи дамон аст,
Қасидаву достон аст,
Мухаммасу чистон аст.

Шоири мумтоз Шумо
Бар мане устоз Шумо!

Панду ҳикмат фаровон,
Қиссаи ишқи ҷонон,
Дар забони гулрухон,
Дар суруди ҳофизон.

Шоири мумтоз Шумо
Бар мане устоз Шумо!

Пуршӯҳрату шон ҳастед,
Булбули хушхон ҳастед,
Ба ҷисми мо ҷон ҳастед,
Соҳиби девон ҳастед.

Шоири мумтоз Шумо
Бар мане устоз Шумо!

Олитарин муслимин,
Пешвои дини мубин.
Бар Худо буда хушбин,
Бар масҷиде пешнишин.

Шоири мумтоз Шумо
Бар мане устоз Шумо!

Исматон вирди забон,
Гӯё ки инҷо меҳмон,
Омада ёру дӯстон,
Шод кунанд арвоҳатон.

Шоири мумтоз Шумо
Бар мане устоз Шумо!

То ҷаҳон ҳаст, зиндаед,
Ҷовиду пояндаед,
Имрӯзу ояндаед,
Бар касе банда наед.

Шоири мумтоз Шумо
Бар мане устоз Шумо!

Шуморо чун ёд кунем,
Қалби худро шод кунем,
Анҷуман бунёд кунем,
Дунётон обод кунем.

Шоири мумтоз Шумо,
Бар мане устоз Шумо!

ҶАШНИ ШОИР

Ба муносибати 60-солагии шоир Самандар Воҳидов – дӯст ва тарҷумони моҳири адабиёти тоҷик

Ҷашни ту табрик бодо, шоири боиқтидор,
Ёфтӣ аз касбу корат эътибор.
Шеър гуфтӣ аз забони ошиқон
Шеър гуфтӣ аз забони маъшуқон,
Шеъри олӣ гуфтӣ ту,
Дурри маънӣ суфтӣ ту!

Васф кардӣ заҳмати меҳнаткашон,
Ҳам диёри мустақил, беҳтар зи ҷон,
Ҷои корат родиёву телевизион,
Нақши худ бигзоштӣ бар ҷовидон.
Шеъри олӣ гуфтӣ ту,
Дурри маънӣ суфтӣ ту!

Халқ кардӣ[14] достонҳо бешумор
Аз ҳаёти мардуми пурифтихор.
Бӯстоне аз бухориёни[15] олам сохтӣ,
Парчами шеъру адаб афрохтӣ.
Шеъри олӣ гуфтӣ ту,
Дурри маънӣ суфтӣ ту!

Зинда бошу зинда бош, эй хушнаво,
Мисли шамсе ҳар саҳаргаҳ ту баро.
Шеъри худро ҳамраҳи булбул саро.
Шоиро, эй шоиро, эй шоиро!
Шеъри олӣ гуфтӣ ту,
Дурри маънӣ суфтӣ ту!

[14] Халқ кардан – офаридан.
[15] Ишора ба китоби шоир – “Бухорийлар бӯстони”.

ДАРГОҲИ СУХАН

Ба зери сар китоби шоирон аст,
Насиҳатгӯю раҳбар носирон аст.
Бихонам ҳар китобу ҳар маҷалла,
Бароям ҳикмату пандаш гарон аст.

ДАР СИТОЙИШИ МОДАР

Зан!
Духтар асту хоҳар асту Модар аст,
Дилкаш асту дилбар асту сарвар аст.
Ифтихори одамӣ Зан будааст,
Ибтидои одамӣ Зан будааст.
Шоҳу султон назди у
Тифли нодон будааст,
Ё ба мисли гарди домон будааст.

Ишқи ӯро мисли ҷон парвардаем,
Номи ӯро бар забон мо бурдаем.
Чеҳраашро субҳдам чун офтобе дидаем,
Шом ҳамчун моҳтобе дидаем.

Лафзи ӯ ширин зи ҷон,
Қисмати ҳар як забон.
Мо ҳаловат аз забонаш бурдаем,
Ҳарфи ӯро ҳалқа бар гӯш кардаем.
Ишқи ӯро мо зи ҷон парвардаем,
Гоҳи нокомӣ басо ғам хӯрдаем.

Мурдаи садсоларо,
Бо муҳаббат зинда кард.
Пас ба ишқи хештан ӯ банда кард,
Ӯ банда кард!

Оғуши ӯ равзаҳои ҷаннат аст,
Ҷисму ҷонро роҳат аст.
Духтар асту Модар аст
Модар асту хоҳар аст.
Ҷони моро ҷавҳар аст,
Кони моро гавҳар аст.

МЕҲРИ ПАДАР

Ба Гулмуҳаммад Нурзода

Эй Падар, аз кӯдакӣ дар мактабат ман хондаам,
Аз насиҳатҳои ту ганҷи фаровон бурдаам.
Дар танӯри ҳастият чун нони гарме пухтаам,
Аз намакдонат намак ман ҷои қанде хӯрдаам.

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ, Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар ту турбати беҷисму ҷон.

Коми ман аз марги ту чун заҳри море гаштааст,
Ин замон бар гарданам чун банди доре гаштааст.
Ман надонам, роҳи умрам то куҷо дорад давом,
Мурғи дил дар доми ғам хуниншикоре гаштааст.

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ, Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар ту турбати беҷисму ҷон.

Ман надонам, кай шавад ободу зебо манзилам,
Ваҳми марги ногаҳон торе танида бар дилам.
Кори ман охир надорад дар ҷаҳони бевафо,
Кай пазад дар оташи сӯзони ишқ обу гилам?

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ, Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар ту турбати беҷисму ҷон.

Чун кунам, ки номи ту сарлавҳаи достон шавад,
Ҳайкалат аз санги мармар дар бари дӯстон шавад?
Ман равам баҳри зиёрат, назди ту сар хам кунам,
Тахтасанги зери поят қиблаи имон шавад.

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ, Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар ту турбати беҷисму ҷон.

БАҲОРИ УМР

Ба бародари муҳандисам Раҳмат Гулзода

Тарҳи сад сарманзилу коху работ,
Тарҳи шаҳру деҳу майдон мекашӣ.
То шавад ободу зебо кишварат,
Нақшаҳоро аз дилу ҷон мекашӣ.

Ҳар куҷое аз ту монда як нишон,
Нақш баста исми ту дар лавҳи он.
Баҳри мардум кори хайре мекунӣ,
Сарбаландӣ аз замин то осмон.

Тарҳи сад сарманзилу коху работ,
Тарҳи шаҳру деҳу майдон мекашӣ.
Рӯи авроқи сафеде бо умед
Тарҳи истиқболи инсон мекашӣ.

ҲАСТИЯМ “ОВОЗИ ТОҶИК”

Манам хонандаи “Овози тоҷик”,
Асиру бандаи “Овози тоҷик”.
Ҳамеша кош, бинам мисли хуршед
Рухи тобандаи“Овози тоҷик”.

Ба роҳи зиндагонӣ нури миллат,
Забони ширадори дурри миллат.
Кӣ бар мо мерасонад пайки олам?
Ҳама ҳарфаш бувад манзури миллат.

Ба гӯшам мерасад “Овози тоҷик”,
Ба қадрам мерасад “Овози тоҷик”.
Бувад дармони дарди ҳамзабонон,
Ба фардо мебарад “Овози тоҷик”.

НАВРӮЗИ АҶАМ

Резаборон ҳар шабу рӯз боридаст,
“Оби раҳмат” се шабу рӯз боридаст.
Чашмаю рӯд аз сари кӯҳ шоридаст,
Ҷисми хокро мисли марҳам форидаст.
Чун баробар ҳар шабу рӯз омадаст,
Бар дари мо Иди Наврӯз омадаст.

Гул ба дасту гул ба мӯйи духтарон
Мисли лола рангу рӯйи дилбарон.
Гул бичинанду бибӯянд хоҳарон,
Бахти фирӯз дар нигоҳи модарон.
Чун баробар ҳар шабу рӯз омадаст,
Бар дари мо Иди Наврӯз омадаст.

Бин, ки олам аз сари нав зодааст,
Ҳар ситора рӯйи гул афтодааст.
Ғунчаи гул ранги ҷоми бода аст,
Мулки моро ҳусни тоза додааст.
Чун баробар ҳар шабу рӯз омадаст,
Бар дари мо иди Наврӯз омадаст.

Бар димоғам мерасад бӯйи Баҳор,
Боз бинем мову ту рӯйи Баҳор.
Нозанину дилкаш аст кӯи Баҳор,
Менамояд инқилоб хӯи Баҳор.
Чун баробар ҳар шабу рӯз омадаст,
Бар дари мо иди Наврӯз омадаст.

Лолазор аст дашту саҳроҳои мо,
Пур зи об аст рӯду дарёҳои мо.
Ҷомаи сабз дар бари кӯҳҳои мо,
Чун насими фораме авзои мо.
Чун баробар ҳар шабу рӯз омадаст,
Бар дари мо иди Наврӯз омадаст.

Бин, ки гул ҳам бар сари бор омадаст,
Мурғи хушхон сӯйи гулзор омадаст.
Аз раҳи дур булбули зор омадаст,
Баҳри деҳқон фурсати кор омадаст.
Чун баробар ҳар шабу рӯз омадаст,
Бар дари мо иди Наврӯз омадаст.

Дил бихоҳад халқро табрик кунам,
Қавми бисёре ба ҳам наздик кунам.
Қавли худро бар шумо тасдиқ кунам,
Шукрҳо бар неъмати Холиқ кунам.
Чун баробар ҳар шабу рӯз омадаст,
Бар дари мо иди Наврӯз омадаст.

ШЕРИ МАЙДОН

Ба Бозор Собир

Қуфли вазнин бар дари ту, ҷим нагардад душманат,
Дарди олам бар сари ту, хам нагардад қоматат.
Он ки дур кард аз Ватан, лоиқ бувад бар сад ҷазо,
Мухлисонат дар бари ту, кам нагардад кисматат.

Шоирӣ аст касбу корат, васфи миллат мекунӣ,
Шеъри нав бар ту бифорад, сахт меҳнат мекунӣ.
Ҳар кӣ шеъратро бихонад, шери майдон мешавад,
Баҳри халқи номдорат, дон, ки хидмат мекунӣ.

Дар миёни кору борат садди сахте кардаанд,
То шавад паст эътиборат, кори пасте кардаанд.
То шавӣ дилмонда ту аз ёру дӯсти беғараз,
То бубинанд хору зорат, “пешка”гаште кардаанд.

ОРЗӮМАНДИ СОЛИ НАВ

Одамон, эй одамон, эй одамон,
Мардуми заҳматкашу пурормон.
Соли нав бар кишвари мо омадаст,
Мужда омад бар Замин аз Осмон.

Ранги пахта барфи тоза боридаст,
Бар замини хобида ӯ форидаст.
Хуб донам бурду бохти зиндагӣ,
Ин ҷавоби фоли нек гардидааст.

Ай муборак ёру дӯстон, Соли нав,
Бар ҳама бахти сафед, иқболи нав.
Гул кунад ин кишвари зебои мо,
Хайра макдам, Соли нав, эй Соли нав.

Офтобӣ, пушти абре мондаӣ,
Аз фироқат чашми ман пурнам бувад.
Ҳеҷ гаҳ манмо ҷафо бар ҷони ман,
Раҳм бинмо, қалби ман пурғам бувад.

МИЛОДИ [16] ҲАМСАРАМ

Асолатро нигаҳ дорӣ, Адолат,
Нишинад бар сарат он мурғи давлат.
Шавад остонаат бешубҳа аз зар,
Муяссар мешавад ин гуна ҳолат.

Гумон созӣ, ки ин афсона бошад,
Зи фаҳми одамӣ бегона бошад.
Набошад беҳақиқат ҳар фасона,
Ки таҳқурсӣ асоси хона бошад.

Агар қалбам бувад қасри муҳаббат,
Ту дар он ҷо бинеҳ аврангу[17] тоҷат.
Калиди қуфли дарвоза ба дастат,
Набошад бар қасам як зарра ҳоҷат.

Ба болои сарат парвона Хуршед,
Зи рӯят нур гирад шом Маҳтоб.
Насиб созад ба ту умри Заминро,
Нагардӣ мисли Моҳ асло ту бетоб.

[16] Милод – таваллуд, рӯзи таваллуд.
[17] Авранг – тахт.

НӮШБОД

Ба дунё омадӣ рӯзи баҳорон,
Муборакбод гуфтат шамси тобон.
Шавад сарсабз нахли бахти умрат,
Биборад бар сарат борони найсон.

Дуои модари ту мустаҷоб шуд,
Ҳама ҳарфи падар бар ту дуо шуд.
Худоро шукр, бар мақсад расидӣ,
Дар олам сарпаноҳи ту Худо шуд.

Ба ҳар ҷо дӯстат беҳад зиёд аст,
Ки душман мисли хас дар чанги бод аст.
Шавад умрат зиёда то қиёмат,
Ҳамин шеъре, ки гуфтам, нӯшбод аст.

ХОТИРА

Тори сар арвоҳи саргардонатон,
Дар куҷое он рухи сарсонатон?
Ман надонам, дар кадомин гӯшае
Дар ғарибӣ монда ҷисму ҷонатон.

Рафта баҳри ҳифзи ин зебо Ватан,
Бо фашистон карда ҷанге тан ба тан.
Ҷон гирифтеду бидодед ҷони худ,
Шуд ҳамон ҷо бар шумо гӯру кафан.

Монда хоки насли мо дар ҳар куҷо,
Аз падар, аз модарон гашта ҷудо.
Дар ҳамон ҷо қабру қабристонатон,
Ёдатон дар хотири пиру ҷавон.

Тори сар арвоҳи саргардонатон,
Дар куҷое он рухи сарсонатон?
Ҳар куҷо мавҷуд бошад хокатон,
Шод бодо рӯзу шаб арвоҳатон.

ШЕЪРИ СОДА

Ниҳоли орзӯям баргу бар кард,
Рақибамро забун дар баҳру бар кард.
Кунун дар ҳар куҷо ному нишонам,
Маро ҳарфу ҳиҷоям номвар кард.

Ба зери сар китоби шоирон аст,
Насиҳатгӯю раҳбар носирон аст.
Бихонам ҳар китобу ҳар маҷалла,
Бароям ҳикмату пандаш гарон аст.

Худам гоҳе нависам шеъри тоза,
Шавад дар байни ёрон то авоза[18].
Бароям ҳар яке як имтиҳон аст,
Ба шеъри шоирон созам андоза.

Барои тифлакон ҳам шеър гӯям,
Ки қалби мурғаки онҳо биҷӯям.
Гаҳе қисса, гаҳе афсона бофам,
Ба лафзи соддаву ширин бигӯям.

[18] Авоза – овоза.

БАҲОРИ НАВ

Қомати худ рост кунад
Табиати пурғусса.
Қабои кӯҳнаи худ
Бадар кунад зи ҷусса.

Либоси тоза пӯшад
Бо шодии идона.
Аз нав гардад ҷавонмард
Бо рӯҳи рустамона.

Аз роҳи дур меояд
Наврӯзи навбаҳорон.
Нишонаи он бувад
Чак-чаки рӯзи борон.

Барзада остини худ
Саҳро барояд деҳқон.
Ба кору бораш нигар
Озода асту чаққон.

Заминро гардонад ӯ
Ба кони нозу неъмат.
Шабу рӯзаш баробар
Дар ҷабҳаҳои меҳнат.

МУАЛЛИМ

Дар боғи дониш боғбони моҳир
Дар кори таълим бар ҳар чӣ қодир.
Олиму доно, хоксору бино,
Исмаш муаллим, надоремаш сир.

Муаллими мо, ҳам падари мо,
Мӯътабар асту ифтихори мо.
Дар ҳаёти мо пешвои доно,
Хазинаи илм дар назари мо.

Номи муаллим, исми муқаддас,
Шогирди содиқ, ба қадри ӯ рас!
Ҳар панди устод гавҳари ноёб,
Танбалӣ, дардарӣ кӯтоҳ куну бас!

Илми замонро аз ӯ гирифтем,
Муроди дилро бар ӯ бигуфтем.
Ҳоло саводнок, соҳиби касбе,
Чун гули даврон ҳар як шукуфтем.

Дар сояи ӯ чун гуле растем,
Меҳру муҳаббат мо ба ӯ бастем.
Ҳар як рӯзи ӯ рӯзаки ид бод,
Як умр меҳраш дар дил парастем.

МАКТАБАМ

Ин қадар дилкаш бувад оғӯши ту,
Бори ирфони замон бар дӯши ту.
Мисли ту бӯстон надидам, мактабам,
Ҳар чӣ гӯям, мерасад бар гӯши ту.

Сархати хар як китобам, мактабам,
Дар шиору дар хитобам мактабам.
Чашми кӯрам ту кушодӣ дар ҷаҳон,
Ҳар суолеро ҷавобам, мактабам.

Ҷойи хониш, ҷойи санҷиш, мактабам,
Чун китоби дарси хониш, мактабам.
Ҳам макони илму фарҳанг астӣ ту,
Боби сайру боби варзиш, мактабам.

Солҳо шуд аз ту дурам, мактабам,
Ифтихору ҳам ғурурам, мактабам.
Чашми манро ту кушодӣ бар ҷаҳон,
Шодию завқу сурурам, мактабам.

ТЕҲРОН

Ассалом, Теҳрони ман, Эрони ман,
Ассалом, бар ҷисми ман чун ҷони ман!

Дар ҷаҳони муслимин имони ман,
Дар тани озурдаам дармони ман.

Дар баҳорон ту арӯси нозанин,
Байни дӯсту душманон болонишин.

Кӯчаҳоят равзаҳои ҷаннатанд,
Чӣ қадар ободу зебо, дилписанд.

Қасрҳои пуршукӯҳат дилнишин,
Ҳар яке чун манзили шоҳон барин.

Боғу роғат дилрабову дилкушо,
Ҳар кӣ дорад майли дидан, марҳабо!

Баҳри ман Берлину Порис ҳастӣ ту,
Шеъри ман, чун рӯҳи Ҳофиз ҳастӣ ту.

Дар само гардидаӣ чун Меҳру Моҳ,
Дар замин гардидаӣ хуршедгоҳ.

Дил бихоҳад маркази олам шавӣ,
Қиблагоҳи оламу одам шавӣ.

Гарчӣ будам ҳамчу меҳмон ҳафтае,
Меҳри ту дар дил барам чун тӯҳфае.

Теҳрон, 2 майи соли 2002

ТӮЙ

Дастурхони тӯёна,
Дастурхони идона,
Тӯйи фарзанд баҳона,
Кушода дар миёна.

Марҳамат, эй меҳмонон,
Тоҷи сари мизбонон!

Самбӯсаву тушбера
Пухта зи гӯшти барра.
Меваҳои сершира,
Гузоштаанд яксара.

Марҳамат, эй меҳмонон,
Тоҷи сари мизбонон!

Тӯйи келину домод,
Бахту тахти худодод.
Дар хонадони обод,
Ҳама гардида дилшод.

Марҳамат, эй меҳмонон,
Тоҷи сари мизбонон!

Аз зарби тору дойра
Кафам гӯяд ин давра.
Чу булбулони дара,
Хониши хофиз сара.

Марҳамат, эй меҳмонон,
Тоҷи сари мизбонон!

Анвоъи хӯрданӣ ҳаст,
Ҷоми нӯшокӣ дар даст.
Ба мисли улфати маст,
Сӯҳбати мо қаймоқ баст.

Хуш омадед, меҳмонон,
Тоҷи сари мизбонон!

ҚАДАҲ

Арӯс чу моҳи мунир
Сафеду ҳамранги шир.
Домод бичӯяд тадбир,
Зи мо медорадаш сир.

Бахт муборак шавад,
Тахт муборак шавад!

Ду гули сурхи чаман
Ҳусну ҷамоли гулшан.
Ҷомаи заррин ба тан
Соҳиби мулки Ватан.

Бахт муборак шавад,
Тахт муборак шавад!

ТӮЁНА

Фариштаи беозор,
Лолаи сурхи гулзор.
Хушбӯю хушрӯ бувад,
Дилбару дилҷӯ бувад.
Дар бари шавҳари худ,
Дар бари гавҳари худ.
Чӣ гуна зебанда аст,
Бо лаби пурханда аст.
Дар тоқии гулдӯзӣ,
Дар либоси зардӯзӣ.
Парда зи рӯ бардорад,
Дили домод мебарад.
Қандили базми тӯй аст,
Дилнавозу хушрӯй аст.
Тоҷи сари арӯсон,
Дар давраи хубрӯён.
Ҳамаро мафтун кунад,
Меҳмонон мамнун кунад.
Домод дар паҳлӯи он,
Хурсанду хеле шодон.
Аз бахти худ ризо аст,
Қалби ӯ пурнаво аст.
Харидор аз дилу ҷон,
Ишқи онҳо ҷовидон.
Ба якдигар меҳрубон,
Яке тану дигар ҷон.
То абад бо ҳам бошанд,
Қарину ҳамдам бошанд.
Умрашон зоянда бод,
Бахташон поянда бод.
Доимо озод бошанд,
Хушбахту дилшод бошанд.
Соқу саломат бошанд,
Бою бадавлат бошанд.

* * *

Дар ин қасри пуршукӯҳ,
Ҳашаматаш мисли кӯҳ.
Базми дилбохтагон аст,
Шодии ҳамагон аст.
Тӯйи бахти фарзандон,
Ширину беҳтар аз ҷон.
Духтари хуби хона,
Дар либоси тӯёна,
Дар рӯзи шодиёна,
Дар сурати шоҳона.
Нишастаанд сарбаланд,
Бахти онҳо бегазанд.
Дӯстони решапайванд,
Меҳрубону ҳушманд.
Табрикаш менамоянд,
Ба дарди мо давоянд.
Хешу ақрабо ин ҷо,
Ёри дилрабо ин ҷо.
Бобою момо ин ҷо,
Далеру доно ин ҷо.
Дар навои муноҷот,
Рақс кунад мавҷудот.
Раққосаҳо дилбаранд,
Дили моро мебаранд.
Ҳофизони хушовоз,
Бо садои тору соз.
Гӯши фалак кар кунанд,
Суруди нав сар кунанд.
Олами шодӣ ин ҷост,
Олами бозӣ ин ҷост.
Саҳни тамошогаҳ аст,
Қалби ҳама огаҳ аст.
Базми тӯйи иншаба,
Бо суруду замзама.

Дар хотирҳо бимонад,
Одам қадри худ донад.
Сурхии рӯй муборак,
Инчунин тӯй муборак!

Бухоро, 13 сентябри соли 2012



ДЕҲҚОН

Саҳар хезад зи хоб деҳқони зарбдор,
Чу фурсатро ғанимат мешуморад.
Равад хушнуду дилпур аз пайи кор,
Ба марзи дилписандаш базр[19] корад.

Кашад заҳмат пайи уммеду орзӯ,
Кашад бори накӯяш дар тарозу.
Расонад ҳосили дилхоҳ ба саҳро,
Нагардад хаста зӯри дасту бозу.

Бигардад пуру паймон ризқи мардум,
Шавад анборҳо пур-пур зи гандум.
Намонад зодаи инсон гурусна,
Кунад ӯро ситойиш аҳли анҷум.

Бухоро, 24 сентябри соли 2013

[19] Базр – тухмӣ.

ҚАҲРАМОНИ МЕҲНАТ

Ба ту таҳсин, ба ту аҳсант, деҳқон,
Ба ту пиру ҷавон бошад дуохон.
Ту бошӣ қаҳрамони дашту ҳомун,
Зи дастат гул кунад дашту биёбон.

Зи зарбат зинда гардад хоки мурда,
Ки чангу хоки онро бод бурда.
Шавад аз ғайратат обод дунё,
Ту бошӣ баҳри инсон сарсупурда.

Ту асрори заминро хуб донӣ,
Зи кору бори худ ҳаргиз намонӣ.
Ба ту омад, ба ту шаъну шарафҳо,
Ту охир қаҳрамони ҳар замонӣ.

Бухоро, 24 сентябри соли 2013

ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони модариям, тири пайкон,
Забони модариям, теғи буррон.

Ба мисли раъду барқи осмон аст
Забони ашъори бузургон аст.

Сипар гардад ба халқи пуртавонам,
Кушояд мушкилашро, хуб донам.

Зи ин сарват ҷудо ҳаргиз намонам.
Забони ноби ман ҷону ҷаҳонам.

Ба қадри лафзи худ бояд расидан
Ба ҳифзи он бояд нахуфтан.

Намонем, ки забон олуда гардад,
Чу шахси бесаводе содда гардад.

Ба боғи маърифат борони найсон
Намояд дашту ҳомун боғу бӯстон.

Агар рӯзе, ки мо бе он бимонем,
Дар ин дунёи дун бехонумонем.

Ватан пас давлати бегонагон аст,
Замини сабзи мо боғи хазон аст.

Мақоми он баланду бегазанд аст,
Барои бесарон бешубҳа панд аст.

Забони модарӣ шаҳд асту қанд аст
Зи ҷавҳари Бухорову Самарқанд аст.

Бухоро, 13 ноябри соли 2016

АРЗИ СИПОС

Ба сарпарасти китоб, Инсони соҳибмаърифату худшинос, ҳимматбаланду ҷонфидо, писари арҷмандам Шералӣ Гулов, ки хароҷоти молии китобро пурра ба зима гирифт, ин мисраъҳои пур аз меҳри падаронаро мебахшам.

Ҳамчу Ҳотам ҳиммате дорӣ баланд,
Ҳамчу Рустам ҷуръате дорӣ бузург.
Баски медорӣ ту қадрамро азиз,
Назди ман бас қимате дорӣ бузург.

Кам нагардад молу мулкат, эй писар,
Арзи худро менамоям мухтасар:
Азм кардӣ бинӣ “Девон”-и падар
Ҳарчӣ дорам, ҷамъ гардад чун асар.

Як китоби хонданӣ шуд бегумон,
Мешавад меҳмони ҳар як хонадон.
Шабчароғи чашми ёрон мешавад,
Пур бувад аз ҳикмату панди замон.

Мекунам аз баҳри ту акнун дуо:
То ҷаҳон ҳаст, сарпаноҳат бод Худо.
Ҳарчӣ гуфтам баҳри ту, беҳудааст,
Хидмати беминнатат шуд бебаҳо!

Бухоро, 22 ноябри соли 2016

ФАХРИЯ

Бо ту фахрам, миллати овозадор,
Бо ту фахрам, миллати бо нур ёр.
Кори ту ободиву созандагист,
Мекунӣ бо касбу корат ифтихор.

Шӯҳрату шон оварад ояндаат,
Кам нагардад давлати пояндаат.
Мулки ту ободу зебо мешавад,
Мадҳи ту достон кунад ин бандаат.

Дашту ҳомун боғу бӯстон кардаӣ,
Кишваратро ҷаннатистон кардаӣ.
Шаҳру деҳат ҳусни олам гаштааст,
Хоки худро кавкабистон кардаӣ.

Қаҳрамониҳои ту олам гирифт,
Душманонатро басо ҳам ғам гирифт.
Ҷовидонӣ офарин, Саъдии ту
Оламеро бо “Бани одам”[20] гирифт.

Бухоро, 23 ноябри соли 2016

[20] Ишора ба шеъри машҳури Саъдии Шерозӣ “Бани одам аъзои якдигаранд”.

БАҚОИ ДАВЛАТ

Забонам шеваи аҳли биҳишт аст,
Зи қавми ориёну суғдиён аст.
Куҷо бошад чунин як лафзи зебо,
Ки рамзи давлати Сомониён аст.

Забонам мояи халқи азизам,
Чунин бошад дигар лафзе надидам.
Равон асту гуворову лазиз аст.
Зи модар зодаму таъмаш чашидам.

Забонам давлатам, тоҷи сари ман,
Забонам зинда дорад давлатамро.
Забони модару ҳам хоҳари ман,
Забонам зинда дорад миллатамро.

Бухоро, 24 ноябри соли 2016

БОРИ САНГИН

Ҳаддалимкон аз пайи коре шудан,
Аз пайи тадбири имконе шудан.
Дар баҳорон то напошӣ донае,
Кай тавонӣ соҳиби ноне шудан?!

Ризқу рӯзӣ аз замин пайдо шавад,
Одамӣ гар бар замин шайдо шавад.
Мисли модар пурсахо ҳаст кишварам,
Зиндагӣ ҳам хурраму зебо шавад.

Мо зи насли мардуми меҳнаткашем,
Соддаву озодаву заҳматкашем.
Оламро пуру паймон мекунем,
Бори сангини замонро мекашем.

Бухоро, 10 декабри соли 2016

БАНДАИ ОДАМ АТО

Одамон дар зиндагӣ ҳар гунаанд,
Хешу дарвеш, дигаре бегонаанд.
Гарчӣ онҳо зодаи як хоку об,
Бархе мушфиқ, дигаре девонаанд.

Гар яке одамшиносу меҳрубон,
Дигаре бадтар бувад аз золимон.
Гар яке озодаву ҳимматбаланд,
Дигаре хунсову дузди хонадон.

Гар яке олам гулистон мекунад,
Дигаре чӯлу биёбон мекунад.
Гар яке қалби маро бахшад фараҳ,
Дигаре пурғусса, гирён мекунад.

Мо нагуфтем бар касе ҳарфи хато
Ҳар кӣ бад кард оқибат гардад ҷазо.
Ҳар кӣ бошад зодаи Момо-Ҳаво,
Бандаи неку бади Одам Ато.

Бухоро, 10 январи соли 2017

ОБ-ҲАЁТ

Об
ин ҳаёт аст,
Об
ин нишот аст.
Дар шоми тор
рӯзу рӯшноист,
асоси зиндагонист!

Об
Шарёни пурҷӯши замин аст,
акси дигари сайёрагон аст.
Бе об
олам сароб аст.
“Об додан савоб аст”.
Бе об
озодагию тозагӣ нест.
Об
доруи ҳама дарду дармон аст,
ҷавҳари абадият он аст,
истеҳкоми Имон аст.
Зиндагии ҷону ҷонзод об аст.
Бо он як умр шодоб аст.
Камобӣ азоб аст.

Об
сипари наҷот аст.
Таҳкурсии мавҷудоти одаму олам аст,
ҳар чӣ гӯям, он кам аст,
умеди насли одам аст.

Об
ҳаёт аст.
Об

нишот аст.
Барқ
кори офтоб мекунад,
ҳам кори маҳтоб мекунад.
Барқ
як мароми зиндагӣ,
рушди созмону созандагӣ,
пешрафти хоҷагӣ,
рафъи азоби бандагист.
Барқ
як рукни истиқлоли давлатӣ,
шукӯҳу шавкати ҳар миллатест.

“Об, манбаи нури зиёст”
гуфта буд, марди Худо.
Нур борад
мисли борон ҳама ҷо,
фахр созад,
месазад Одам Ато.

Об
ҳаёт аст,
Об
нишот аст.
Шукри оби чун зулолаш мекунем,
Шукри оби ҷонфизояш мекунем.
Кам нагардад қатраи оби ҳалол,
Ҳеҷ н-ояд чашмаи обро завол.

Об
ба мисли ҷони одам аст,
Зиндагӣ ҳам як дам аст.
Коинот беодам аст,
беоб асту ҷаҳаннам аст.

Бухоро, 17 январи соли 2017

МАРДИ МАЙДОН

Мард даштеро гулистон мекунад,
Оламеро боғу бӯстон мекунад.
Корзораш дашту саҳрои васеъ,
Умри худро сарфи инсон мекунад.

Ҳосили он моли бозор мешавад,
Ҳар кӣ дид, онро харидор мешавад.
Баҳри мардум ризқу рӯзӣ офарад,
Шӯҳраташ оливу номдор мешавад.

Кору бораш бар ҳама гардад писанд,
Зиндагияш баҳри ҳама гардида панд.
Ҳар ки гӯяд: “Марди майдон аст ӯ”
Ӯ нагӯяд, музди кораш чуну чанд.

Бухоро, 22 январи соли 2017

ПАНДИ ЗИНДАГӢ

Сари қулла чаноре
Ба мисли як маноре,

Босавлату боғурур
Аз хоксорӣ хеле дур.

Бузургиро парастад,
Аз савлат кай биафтад?!

Гӯё мири осмон аст,
Арзандаи дӯстон аст.

Бехабар аст, пир шудаст,
Пири бетадбир шудаст.

Тану ҷон суда гаштаст
Дарунаш пуда гаштаст.

Рӯзе як тӯфони сахт
Варо намуда бебахт,

Аз қулла бар зер афканд,
Ба дигарон шуд ин панд.

Ба сарварони бесар
Намонад ин беасар.

Қадам дониста монед,
Пандномаро бихонед!

Бухоро, 24 январи соли 2017

ҚУРБИ СУХАН

Гавҳари нобест сухан,
Давои дардест сухан.

Офтоби қалби Одам
Ба ҳама бошад ҳамдам.

Гуфтугӯӣ мардумон
Бесухан ғайри имкон.

Бо сухан мо зиндаем,
Машҳуру озодаем.

Нерӯи пурқудрат аст,
Ифтихори миллат аст.

Бебаҳо як сарват аст,
Умре, ки дар хидмат аст.

Хидматаш беминнат аст,
Донистанаш суннат аст.

Чун сухан тоҷи сар аст,
Ҷойи ӯ дар минбар аст.

Бухоро, 26 январи соли 2017

НУРИ ДИДА

Тақдим ба мададгори сарпарасти
китобам, фарзанди азизам
Шерзод Гулов

Ҷону ҷаҳонам туӣ,
Фахри замонам туӣ.
Дар зери чархи гардун
Зӯру тавонам туӣ.

Ҳаётаму мамотам,
Осоишу суботам.
Дар ин ҷаҳони фонӣ
Беҳтарин зурриётам.

Пушту паноҳи Модар,
Нуру зиёи Падар.
Сутуни хонадонам,
Меҳрубонӣ, эй писар!

Ободии хонадон
Тарбияти фарзандон,
Вазифаи ту гаштаст
Дар замони пурармон.

Касбу корат табиркор,
Худо бар ту мададкор.
Роҳат гардад кушода,
Дуо кунад харидор.

Умрат гардад зиёда,
То сад равӣ пиёда.
Ҳаргиз дардро набинӣ,
Ту ҳастӣ нури дида.

Бухоро, 6 феврали соли 2017

ШЕЪРИ РӮДАКИВОР

Ба дӯстам Ҷаъфари Муҳаммад

Эй шоири хушзабон,
Олими ҳар ду замон,
Донишманди илму фан,
Хуршеду Моҳи осмон.

Осорат ҳикмату панд,
Ба мухлисон шуд писанд.
Пурмаънову пурҷило,
Хонанда гӯяд: аҳсант!

Аз санҷишҳо гузаштӣ,
Вирди забонҳо гаштӣ.
Пешвои шоиронӣ,
Хело тавоно гаштӣ.

Шеърҳоят Рӯдакивор,
Пурҷӯш ба мисли обшор.
Дилро ба туғён орад,
Ғофилро кунад ҳушёр.

Ҳоло, ки ту ҷавонӣ,
Бо роҳи рост равонӣ,
Роҳат сафед бодо,
Парвардаи замонӣ.

Ояндаат дурахшон,
Қалби софат беармон,
Зиндаву поянда бош,
Эй дӯсти беҳтар аз ҷон!

Бухоро, 6 феврали соли 2017

ЧЕҲРАИ МОДАР

Модаро, дар назди Ҳақ ту бегунаҳ як бандаӣ,
Мисли хуршеди само нуру зиё бахшандаӣ.
Бе ту олам шоми зулмат, торикистон менамуд,
Ҳар гуноҳу ҷурми моро доимо бахшандаӣ.

Дар ҳаёт арзанда бошад манзалат ҳам ҷойи ту,
Бо малоик дар замину дар замон ҳам пойи ту.
Дар самои бахти мо чун ахтаре рахшанда бош,
Орзӯмон: то абад бо ҳам равем дар роҳи ту.

Зинда бошу зинда мон дар ин ҷаҳони фонӣ ҳам,
Бар сари фарзанди одам то ки бошӣ бонӣ ҳам.
Аз сари мо дур нагардад сояи дастони ту,
То қиёмат шод бошиву набинӣ дарду ғам.

Мо, ки фарзанди туем, дар хидматат омодаем,
Мо, ки дилбанди туем, бар ту мо ҷон додаем.
Дар дилу дар дида бошад чеҳраи хандони ту
Дар нигоҳи гарми ту роҳи саодат дидаем.

Бухоро, 1 марти соли 2017

ҲАМА ФАРЗАНДИ МОДАРЕМ

Эссе

Бинед, Модар киҳоро зодааст,
Ба киҳо шири сафед додааст?

– Сомонӣ кӣ буд?
– Исмоили Модар буд!
– Анӯшервон кӣ буд?
– Як одили[21] Модар буд!

– Рӯдакӣ кӣ буд?
– Чакомасарои Модар буд.
– Фирдавсӣ кӣ буд?
– Шоҳномасарои Модар буд.

– Аттор кӣ буд?
– Тайри[22] Модар буд.
– Мавлавӣ кӣ буд?
– Сайри[23] Модар буд!

– Низомӣ кӣ буд?
– Ганҷинаи[24] Модар буд!
– Саъдӣ кӣ буд?
– Ойинаи Модар буд!

– Ҳофиз кӣ буд?
– Ғазалхони Модар буд!
– Ҷомӣ кӣ буд?
– Нури[25] чашмони Модар буд!
– Ҳилолӣ кӣ буд?
– Бадри[26] Модар буд!
– Айнӣ кӣ буд?

[21] Ишора ба лақаби шоҳ: Анӯшервони Одил.

[22] Тайр – мурғ, паранда. Ишора ба достони “Мантиқ ут-тайр”-и Фаридаддини Аттор.

[23] Яъне: сайри маънавӣ.

[24] Ишора ба зодгоҳи шоир – Ганҷа.

[25] Ишора ба номи шоир: Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ.

[26] Ишора ба номи шоир: Бадриддини Ҳилолӣ.

– Садри[27] Модар буд!
– Искандар кӣ буд?
– Шӯри Модар буд!
– Чингизхон кӣ буд?
– Кӯри Модар буд!

Ҳама фарзанди Модар буданд:
Яке оқил
Дигаре ҷоҳил,
Яке қобил,
Дигаре қотил.
Яке олим
Дигаре золим.

Вале Модар
Байни фарзандон фарқе нагузорад.
Модар
Ба мисли Офтоб бар сари фарзандон
Нур борад...

Модар аз ҳазору сад гуноҳи фарзанд мегузарад. Модар бахшанда аст. Аз ин рӯ ӯ ниҳоят бузург аст.

Модар чашмаи хушкнашавандаи насли инсон дар рӯйи замин аст. Дар назди Парвардигор бегуноҳ аст. Аз ин рӯ ҷояш дар Ҷаннат аст.

Хулоса:

I. Анушервон одил, Исмоили Сомонӣ ба қадри шири сафеди Модар расиданд ва ба "Таърихи Инсоният" номи неки худро гузоштанд.

II. Искандар ва Чингизхон шири сафеди Модари худро сиёҳ карданд. Ҷовидонӣ лаънатзадаи одаму олам гаштанд.

Бадном гаштанд.

Гумном гаштанд.

Бошандагони бадсӯзи дӯзах гаштанд, ки то абад месӯзанду месӯзанд...

Бухоро, 8 марти соли 2017

[27] Ишора ба номи адиб: Садриддин Айнӣ.

ПАЙКИ НАВРӮЗӢ

Булбули шӯридаву ошиқшуда хонад суруд
Ошиқи бечора бар маъшуқи худ гӯяд дуруд.

Дар баҳорон дашту водӣ мисли бӯстон мешавад,
Дар баҳорон кишвари ҷон чун гулистон мешавад.

Қалби ҳар як пиру барно шоду хандон мешавад,
Обу хоки беназираш мисли дармон мешавад.

Дар баҳорон иди Наврӯз дилнавозӣ мекунад,
Марду зан дар базми он бас рақсу бозӣ мекунад.

Даррасад фасли баҳору сар шавад айёми кор,
Роҳи саҳро пеш гирад пахтакору ғаллакор.

Сол агар ояд накӯ, ҳосил фаровон мешавад,
Ризқу рӯзиҳо накӯ, пурфайз ҳар хон мешавад.

Хони мо чун рӯзи ид пурнозу пурнеъмат шавад,
Одамӣ гар сер гардад, дон, ки пурҳиммат шавад.

Бухоро, 11 марти соли 2017

ИНЪОМИ ТАБИАТ

Гармии Офтоб бин,
Тобиши Моҳтоб бин,
Шаршараи об бин,
Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Табиат ҳам таъби дил,
Обу ҳаво мӯътадил,
Ҳузур кунад ҷону дил,
Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Ранги замин дигар шуд,
Зебову гулбасар шуд,
Ороста сарбасар шуд,
Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Дарёҳо дар хурӯшанд,
Чу деги шӯрбо ҷӯшанд,
Оҳангашон дар гӯшанд,
Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Саҳрову дашт лолазор,
Соҳилҳо гашта гулзор,
Рӯйи замин сабзазор,
Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Тоза марзу бум шудаст,
Олам дигаргун шудаст,
Зиндагӣ гулгун шудаст,

Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Ҷаҳон гулистон шудаст,
Шукуфта бӯстон шудаст,
Омади инсон шудаст,
Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Айёми фирӯз шудаст,
Бин, Иди Наврӯз шудаст,
Қалби мо пурсӯз шудаст,
Сайри гулистон бирав,
Суруди булбул шунав!

Бухоро, 13 марти соли 2017

АДАБ ВА ҒАЗАБ

I

Адаб чист?
Маҳаки инсонӣ.
Қувваи созанда,
Хуршеди бахшанда.
Соҳиби илму маърифат
Донишманду устоди муошират
Дилҷӯию дилёбӣ,
На дилшӯӣ!
Хушодобӣ –
Боиси шодӣ.
Дилеро озор надодан,
Мушкилеро осон кардан,
Мадад расонидан.
Хайрхоҳӣ кардан,
Ба ҳама хайрхоҳ будан.
Адабпарвар!
Ошиқи одаму олам аст
Бо некхоҳон ҳамдам аст,
Нақши одам аст,
Ободгари олам аст.
Хушгуфтору хушрафтор аст,
Ифтихори аҳли башар аст.
Чӣ гӯед, ҳамон аст,
Ситойиши он нотамом аст.
Адаб
Асоси сулҳу сафост,
Яке аз фарзҳои банда,
Дар назди Худост.

II

Ғазаб чист?
Офати сӯзанда.

Оташи сӯзон,
Дӯзахи ҳақиқӣ
Дар ҷисму ҷони инсон.
Дағалӣ кардан,
Нисбати боодоб,
Нишонаи беадабист,
Рафтори шармандагист.
Зулм ба насли инсон,
Бадбинӣ нисбати оҷизон.
Феъли манфур!
Хислати муздур!
Ба касе шикаст расонидан
Ӯро дида натавонистан,
Кӯрист,
Зӯрист!
Сабабгори бадбахтиҳост,
Аломати нодонӣ,
Бесаводист.
Сабабгори ҷангу ҷадал
Оташи бебадал аст.
Зуҳуроти харобист,
Асоси нобоварист.
Аз оташи ғазаб,
Гулу гиёҳ сӯзад,
Ҳатто ҳар ҷону ҷонвар,
Озор бинад.
Сазовори ҷазои сахт аст,
Хунсарду карахт аст.
Сазовори дуои бад аст,
Рӯсиёҳ то абад аст.
Оқибаташ хунрезӣ,
Ҳақталабию хунхорӣ,
Зӯрию зорӣ,
Гиряю хорист,
Шармандагӣ,

Шармандагист!
Ғазаб!
Хислати бади инсонист,
Сарчашмаи бесару сомонист.
Фурӯзонидани оташи ҷанг аст.
Заволи илму фарҳанг аст.
Хулоса:
Ҷанг аст,
Ҷанг аст!
Адаб
Душмани ғазаб аст.
Ғазаб
Кушандаи асаб аст.
Ин ҳарду бо ҳам насозанд:
Яке созанда, дигар сӯзанда.
Офатест ба ҷисму ҷон
Эй банда!

Бухоро, 15 марти соли 2017

ДӮСТӢ

Дар байни ёру дӯстон,
Ҳаётат пурдавом аст.
Миёни бегонагон,
Хавфу хатар мудом аст.

Дӯстиро пеша кардан,
Пешаи оқилон аст.
Андеша аз душманон,
Аслиҳаи мардон аст.

Набинӣ рӯзи равшан,
Тираву тор ҷаҳон аст.
Дидаи худро кушо,
Зиндагӣ дар гумон аст.

Аз меҳри гарми дӯстон,
Ғунчаи дил шукуфон.
Рӯзе агар дурам ман,
Ранги рӯям заъфарон.

ИШҚИ МЕРОСӢ

Ғазалҳо ва мухаммасҳо

Эй Бухоро, кӯчаҳову боғу роғат дилкушо,
Шоҳрӯду Масҷиду Арку Манорат дилрабо.
Ҳавзҳои мармаринат дилкашанду дилписанд,
Сокинонат чеҳрахандон, дилбаронат маҳлиқо.

БУХОРО

Қадиму навҷавон астӣ, Бухоро,
Бароям як ҷаҳон астӣ, Бухоро.

Ту шаҳри қиссаву афсонаҳоӣ,
Ба дунё достон астӣ, Бухоро.

Диҳад таърих аз шаънат гувоҳӣ,
Ту таърихи аён астӣ, Бухоро.

Чу Дониш, Ал-Бухорӣ, Ибни Сино,
Бузургонро макон астӣ, Бухоро.

Манору гумбазу Арки ту бемисл,
Ҳунарро ошён астӣ, Бухоро.

Чу маҳди илму ирфон, дину фарҳанг,
Ба дунё ҷовидон астӣ, Бухоро.

ДИЛБАРИ НОМЕҲРУБОН

Дилбари номеҳрубоно, ҷабру озорат кушад,
Айни хобам дидани чашмони хумморат кушад.

Мекунӣ ҳар лаҳза сабри хастаамро имтиҳон,
Гар туро ман гӯш созам, шаҳди гуфторат кушад.

Сӯхтам дар оташи ишқат мудом, эй маҳҷабин,
Шоми ҳиҷрон чашмакони масту беморат кушад.

Чашми ман банди тамошои рухат парвонасон,
Мезанад пар ғофил аз он: нури рухсорат кушад.

Беқарорӣ мекунад ин қалби ман симобвор,
Чун варо ноустувориҳои рафторат кушад.

Тан бидеҳ бар қисмати шӯридаи худ, эй Асад,
Гар кушад рӯзе туро шахсе, бидон: ёрат кушад.

ОШИҚИ ШАЙДО ШУДАМ

Эй парӣ, ман ошиқи шайдо шудам,
Лол будам, булбули гӯё шудам.

Чун шунидам лафзи ширини туро,
Аз ҳама ширинӣ бепарво шудам.

Хоби худ бар об гуфтӣ, ҷонакам,
Таъбираш ҷӯё таҳи дарё шудам.

Гуфта будӣ: кӯи ман фардо биё,
Гӯиё сар то қадам фардо шудам.

Бо умеди васли ту, моҳи ҷаҳон,
Гирди дунё гаштаму дунё шудам.

Бахти некӯ бар ту хандид, эй Асад,
Дар ҷаҳони ошиқӣ бино шудам.

ЧӢ ГУНА ОДАМ АСТӢ?

Намедонам, чӣ гуна одам астӣ,
Ба кӣ душман, ба кӣ ту ҳамдам астӣ?

Гаҳе бо душманон ҳамдаст бошӣ,
Ба назди дӯстон гаҳ мулзам астӣ.

Ту баъзан қалби моро менавозӣ,
Ба ҳар дарде, ки бошад, марҳам астӣ.

Туро ҳамкеши шайтон офариданд,
На аз бошандагони олам астӣ.

Асадро мекушад найрангҳоят,
Намедонам, чӣ гуна одам астӣ?

ГУНОҲИ ОШИҚӢ

Лаби қанди туро ногаҳ газидам,
Зи ҳадди ошиқӣ берун ҷаҳидам.

Шудӣ аз кори ман озурдахотир,
Ки оҳи пасти қалбатро шунидам.

Бубахшо, дилбари ширинтар аз ҷон,
Сари болои ту афтода дидам.

Бикӯшам, то дили ранҷида ёбам,
Ниқоби ишқи рангинро даридам.

Ба гӯшат харфи худро ҳалқа кардам,
Гуноҳи ошиқӣ арзон харидам.

Лаби пурхандаат болу парам дод,
Ба сӯи кӯи ту аз нав паридам!

БУХОРО

Эй Бухоро, кӯчаҳову боғу роғат дилкушо,
Шоҳрӯду Масҷиду Арку Манорат дилрабо.

Ҳавзҳои мармаринат дилкашанду дилписанд,
Сокинонат чеҳрахандон, дилбаронат маҳлиқо.

Ҳар кӣ медонад туро, ангушти ҳайрат мегазад,
Пур бувад оғӯши ту аз авлиёю атқиё[28].

Баъди Макка бас шарифи оламиён гаштаӣ,
Ҳар кӣ дорад майли дидори ту, гӯям: марҳабо!

Шоиронат номи ту машҳури дунё кардаанд,
Ҳар кӣ ояд назди ту, эй ҳамватан, оғӯш кушо.

Хидмати шоистае аз баҳри фардо мекунанд,
Ҷони ман, меҳмони ман, хуш омадӣ, ку, марҳабо!

[28] Атқиё – муттақӣ, аҳли тақво.

ДИЛБАРАМ

Чеҳрахандон, моҳи тобон дилбарам,
Дар самои ишқ чун болу парам.

Ҳусни ту диду парӣ девона шуд,
Рашк ман ҳатто аз ӯ ҳам мебарам.

Рӯзу шаб дар гирди ту парвонаам,
Во аҷаб, савдои ишқат бар сарам.

Дар фироқат мисли чӯбе сӯхтам,
Дарди ту ман бо дилу ҷон мехарам.

Дилбарам, эй дилбари нозукадо,
Шод гардам, гар шавӣ ту ҳамсарам.

Эй Асад, савдои ишқ аз ҳад гузашт,
Ҷо кунам дар дидагон он гавҳарам.

ДУО

Ба бародари муҳандисам Раҳмат Гулзода

Баҳори умри ту гулзор гардад,
Ниҳоли умри ту пурбор гардад.

Зи файзи ҳиммататат олам гулистон,
Зи фарзанд хонаат бозор гардад.

Битобад офтоби толеъи ту,
Мудом бахти накӯят ёр гардад,

Азизу арҷманд он кас, ёр аст,
Равонобин ба наздат хор гардад.

Шавад ободу зебо кишвари ту,
Ба дунё шӯҳратат пойдор гардад.

ХОНА ҶОНОН ОМАДА

Фасли дай охир шуд, инак, фасли гулҳо омада,
Хониши мурғи чаман аз дашту чӯлҳо омада.

Оби дарё бо талотум сар ба соҳил мезанад,
Муждаи фасли баҳор бар гӯши дилҳо омада.

Хирмани ҳамранги барфи кафки дарёҳои маст,
Бин, сари соҳил чу салла бар сари мо омада.

Бо муҳаббат табли шодӣ мезанад абри само,
Оби борон қатрасон бар ёди кӯлҳо омада.

Лола чун хуни табиат рехта рӯи замин,
Мисли қолину гилеми манзили мо омада.

Шодиву хурсандии деҳқон надорад интиҳо,
Ҷуфти ӯ аз сӯи деҳ бар сӯи саҳро омада.

Ронда шуд як порае аз хоки поки ин Ватан,
То бисабзад тухми уммед, мағзи дил во омада.

Дил, саро, ки Иди Наврӯз бар дари мо омада,
Марҳабо, эй рӯзи нав, бар кишвари мо омада.

Баҳри табрики самимӣ хона ҷонон омада,
Бин, Асад бо ин ғазал бо лафзи гӯё омада.

ДАР ҶАВОНӢ МЕШАВАД

Ғайрату маҳсули меҳнат дар ҷавонӣ мешавад,
Мояи ишқу муҳаббат дар ҷавонӣ мешавад.

То шавад нахли умедат сарбаланду мевадор,
Кун ту коре, фатҳу нусрат дар ҷавонӣ мешавад.

То тавонӣ, гӯшаи мулки диле обод кун,
Ҳарчӣ буд аз лутфу ҳиммат, дар ҷавонӣ мешавад.

Дасти худ аз кору бори зиндагӣ ҳаргиз мадор,
Ҳар чӣ буд аз ганҷу сарват, дар ҷавонӣ мешавад.

Рав, дили маҳбубаи беҳтар зи ҷони худ биёб,
Чунки ҳар бахту саодат дар ҷавонӣ мешавад.

Дар муҳаббат тоза будан мисли гавҳар кори мард,
Мард будан дар муҳаббат дар ҷавонӣ мешавад...

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ БОБО ҲОҶӢ

Васли ӯро бар тану ҷон доруворӣ мекунам,
Расми ӯ дар лавҳи хотир кандакорӣ мекунам,
То бубинам рӯи моҳаш, бекарорӣ мекунам,
“Дар мадори ёди ӯ киштисаворӣ мекунам,
Бо хаёли қоматаш шабзиндадорӣ мекунам”.

Ман надонам, кай биёяд он гули хандони ман,
Интизорам дар раҳаш, ку он бути пинҳони ман?
Ман надонам манзилаш, ку он азизи ҷони ман?
“Гар наояд берун аз кӯяш маҳи хандони ман,
Гиряҳо то субҳ чун абри баҳорӣ мекунам”.

Бин, ниҳоли қоматаш ҳусни дусад боғу чаман,
Мӯи ӯ монанди банди ишқ печида ба тан,
Хона монда ишқи покаш дар дили чашмони ман,
“Кишт тухми орзӯро мисли деҳқони сухан,
Шӯразори синаамро обёрӣ мекунам”.

Булбули шӯрида дар оғӯши гулшан зиндааст,
Шомҳо парвонае бо шамъи равшан зиндааст,
Ҳар кӣ дорад ишқ, ҳатто баъди мурдан зиндааст,
“Зинда ман бо ишқ ҳастам, ишқ бо ман зиндааст,
Лозим ояд баҳри ҷонон ҷоннисорӣ мекунам”.

Ман ба мисли булбули шӯрида шайдои гулам,
Ё ки мисли ҳофизе дар боғи санъат булбулам,
Ман агар ошиқ наям, камтар аз он обу гилам,
“Ошиқи шеъру асири зулфу шайдои гулам,
Баҳри ин се зиндагиву кордорӣ мекунам”.

Кай тавонам лаҳзае дилкандагӣ аз шаҳри ёр?
Мекунам бо байтҳо бофандагӣ дар шаҳри ёр,
Нестам гар хоҷа, дорам бандагӣ дар шаҳри ёр,
“Мужда, эй ёрон, ки дорам зиндагӣ дар шаҳри ёр,
Зодаи кӯҳам, валекин шаҳриёрӣ мекунам”.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ СУЛТОН ШАҲЗОДА

Ман ба дилбар гул чӣ бошад, боғу бустон мебарам,
То ки бошад ҳадяи арзандае, ҷон мебарам.
Бубули шӯридаи дилро ба ҷонон мебарам,
“Ман ба фардо ҳадя аз худ шеъри сӯзон мебарам,
Оташи паррони чақмоқи Бадахшон мебарам”.

Оварад ҳусни чаман бар қалби ман илҳоми шеър,
Шар-шари оби равон бар дил диҳад пайғоми шеър,
Илтифоти ёри хандон медиҳад инъоми шеър.
“Аз забони мурғ резад бар дилам илҳоми шеър,
Ман ба фардо лаҳҷаи гунҷишки Шуғнон мебарам”.

Модаре фарзанди худро дӯстдорӣ кардааст,
Дар сари гаҳворааш шабзиндадорӣ кардааст.
Ҷои шир ӯ меҳри худро гӯй, ҷорӣ кардааст,
“Дар каси марде, ки бар ман дасти ёрӣ кардааст,
Хоки пояшро ба сар чун тоҷи Султон мебарам”.

Аз ракибон ҷои раҳмат бори миннат бурдаам,
Аз нигоҳи сардашон борони санг бар гурдаам.
Дар фиреби сангдилҳо эй басо озурдаам,
“Аз рафиқони хасак тири бахилӣ хӯрдаам,
Ман ба фардо дар дилам ёди бахилон мебарам”.

Ман надорам сарвате ё маблағе баҳри ҳисоб,
Кай кунам бар ноширone илтиҷою ҳам хитоб.
Офтоби бахти ман, зоро, ту ҳам боре битоб!
“Кӯшишам кам дар раҳи дилёбию чопи китоб,
Ман ба фардо қалби бозамро чу девон мебарам”.

Мисраҳои шеъри нав имшаб ба дастам даст дод,
Мурғи илҳомам аҷаб имшаб ба дастам даст дод.
Рӯҳи ман болида шуд, имшаб ба дастам даст дод,
“Модарам дар лаҳзаи маргаш ба дастам даст дод,
Ман ба фардо бӯи дасти модари ҷон мебарам”.

Сӯхт нори ҷанг вақте хирманам ҳам ҳосилам,
Он қасоси марду зан чун доғ монда дар дилам,
Шуд зиёратгоҳи гумномони ҷанг обу гилам,
“Худ наҷангидам ба зидди хасм, лекин дар дилам,
Ман ба фардо захмҳои ҷанги “Гирмон” мебарам”.

Ҷангу ҷӯш охир надорад, дар замини Осиё,
Ҷойи жола марг борад дар замини Осиё,
Зиндагӣ аз сар дарояд, дар сарзамини Осиё,
“Г у ш н а ҳ о бисёр ҳоло дар замини Осиё,
М а н б а фардо нони гарми Тоҷикистон мебарам”.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ МАВҶУДА

Ханда бар рӯят, парӣ, чун шамси ховар мекунам,
Ҳарчӣ гӯӣ дилбарам, бешубҳа бовар мекунам,
Ҳарчӣ гӯяд дӯсту душман, гӯши худ “кар” мекунам,
“Шамъаму аз сӯзишам базмат мунаввар мекунам,
Абраму мегиряму лабҳои худ тар мекунам”.

Чашми махмурат бипошад бар сарам нуру сафо,
Ман нагардам мисли дарё аз раҳам ҳаргиз қафо,
Гар бубинам аз рақибон рӯзу шаб садҳо ҷафо,
“Дар миёни оташу обам ба мизони вафо,
Рӯзу шабро ман ба ин маънӣ баробар мекунам”.

Дида рӯи ҳамчу моҳаш чашми ман рахшид шод,
Дил зи шодӣ таркиду бин, кулфаташ гардид зиёд,
Инчунин зебопариро модараш ҳаргиз назод,
“Мева зад аз боғи уммедам ба ман боғи мурод,
З-он димоғи хешро ҳар дам муаттар мекунам”.

Мурғи ишқаш бар сари ман лона барпо кардааст,
Аз фироқаш гоҳ-гоҳе шӯру ғавғо кардааст,
Чида гул аз боғи умр бар ёр савғо кардааст,
“Дар дили Мавҷуда хуршед хонаву ҷо кардааст,
Шӯълаафшонӣ аз он чун меҳри ховар мекунам”.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҶАЪФАР МУҲАММАД

Кори мо рӯзе ба сомон мерасад,
Ҷӯй мо рӯзе ба уммон мерасад,
Доди мо рӯзе ба Раҳмон мерасад,
“Дарди мо рӯзе ба дармон мерасад,
Ҷони мо рӯзе ба ҷонон мерасад”.

Моҳи тиллоӣ расад рӯзе ба шаст,
Нақди мо ҳам мерасад рӯзе ба даст.
Ҳоли мо пурсанд рӯзе, ки бад аст,
“Домани мақсуд меояд ба даст,
Доди мо бар шоҳи хубон мерасад”.

Шоми ҳиҷрон хоб ку дар чашми мо?
Ҷони мо то субҳ дар ранҷу бало.
Мерасад рӯзе, ки меояд шифо,
“Чашми бахти хоби мо дар чашми мо,
Мешавад бедору хандон мерасад”.

Кори дунё баски набвад ҳеҷ саҳл,
Мерасад бар гӯш ҳар дам табли раҳл...
Дур мегардад зи мо ҳар қаҳру ҷаҳл,
“Нози мо бар нозбардорони аҳл,
Рози мо бар роздорон мерасад”.

Он нишоне, ки бидида Аҳриман,
Сарвате, ки ҳам шунида Аҳриман,
Бурданашро хоб дида Аҳриман,
“Он нигине, ки рабуда Аҳриман,
Боз ба дасти Сулаймон мерасад”.

Баҳри пайдо гаштани пинҳони мо,
Баҳри қавми соддаву нодони мо,
Баҳри эҳёи тани беҷони мо,
“Баҳри назми қавми бесомони мо
Ворисе аз Оли Сомон мерасад”.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҶАЪФАР МУҲАММАД

Ҳарчанд ки бар гардани мо ишқ таноб аст,
Он дил, ки нашуд ошиқи дилдор, хароб аст.
Ин зиндагӣ бе ишқ маро кони азоб аст,
“Аз таънаи ағёр агарам сина кабоб аст,
Аз миннати аҳбоб моро дида пуроб аст”.

Аз чӯли ҷигарсӯхта мурдоб биҷӯйӣ,
Аз дидаи бемору хароб об биҷӯйӣ,
Аз мардуми меҳнатзада ту хоб биҷӯйӣ?
“Аз дашти замон ҷӯйи вафоро чӣ биҷӯйӣ?
Он ташти[29] дурахшандаи ин дашт сароб аст”.

Гар беватанӣ нест ба ту ҷойи иқомат,
Гар беҳунарӣ бар сари ту бори маломат,
Ҳар ҷо, ки равӣ, роҳи сафед, бош саломат,
“Бар қасри муҳаббат чӣ кашӣ бори иқомат?
Эй дил, ба Худо, пояи ин қаср хароб аст!”.

Ҳар рӯз чӣ базмест, дар ин шаҳри муборак,
Ҳар рӯз чӣ размест, дар ин шаҳри муборак,
Ҳар рӯз чӣ назмест, дар ин шаҳри муборак?!
“Ин рӯз чӣ рӯзест, дар ин шаҳри муборак,
Ҳар ҷо ки бувад кӯрмуше, ғарқи гулоб аст”.

Хуш бош, Асад, бо ғазали Ҷаъфари танҳо,
Хуррамдилу хушҳолу қавирӯҳу мусаффо.
Баъд аз ҳама ин ранҷу ғаму ғурбати дунё,
“Хуш бош, ки дар додгаҳи довари якто
Эй дил, паси ин шом туро рӯзи ҳисоб аст”.

Бухоро, 20 январи соли 2017

[29] Ташт – тағора.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҶАЪФАРИ МУҲАММАД

Ман иморат кардаву аз боми он афтодаам,
Канда ҷӯву мисли хас дар оби он афтодаам,
Бо хатое зери пойи нокасон афтодаам,
“Мурғи навпарвозаму аз ошён афтодаам,
Рӯйи роҳ оғуштаву ошуфтаҷон афтодаам”.

Ҳар замон бар рӯ ниқобе мекашад баззоли[30] давр
Қавлҳое пуч мегӯяд басо қавволи[31] давр
Марги моро интизорӣ мекашад ғассоли[32] давр,
“Баски даъвои расулӣ мекунад Даҷҷоли давр,
Бо умеди Маҳдии охирзамон афтодаам”.

Роҳҳои зиндагӣ бисёру ҳар як мактабест,
Гуфтаме бо роҳи дигар меравам, бин чӣ шабест!
Роҳ торику махуфу[33] дар само не кавкабест,[34]
“Сар ба шаш сӯ мезанам, аммо сари раҳ миршабест,
Бо сари танҳо ба кунҷи шаб ниҳон афтодаам”.

Ҳар замон аз чор сӯ уллоси гургон мерасад,
Гармсели ғурбат аз дашту биёбон мерасад,
Теғи тези чархи гардун бар тану ҷон мерасад,
“Солҳо шуд з-ин чаман овози ғукон мерасад,
Андалеби ишқаму беҳамзабон афтодаам”.

Бухоро, 20 январи соли 2017

[30] Баззол – базлагӯ, масхарабоз.
[31] Қаввол – ровӣ, гӯянда.
[32] Ғассол – мурдашӯ.
[33] Махуф – хилват, пинҳон, торик.
[34] Кавкаб – ситора.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ГУРЕЗ САФАР

Гарчӣ пур дар зиндагӣ нуру сафоро дидаем,
Аз бузургон дар ҳаёт ақли расоро дидаем,
Борҳо ҳарчанд бас дарду даворо дидаем,
“Гарчӣ пур аз зиндагӣ ҷабру ҷафоро дидаем,
Маззаи ширинии аҳду вафоро дидаем”.

Мурғи дил вораста шуд охир аз ин банду қафас,
Мекашад ин сина ҳам озод инак, хуш нафас,
Гашта охир оштиву сулҳ бар мо дастрас,
“Кина дар дилҳо намегирем аз ваҳдат, зи бас,
Осмони беғаши сулҳу сафоро дидаем”.

Мо, ки худ бошандаи як хонаву як манзилем,
Ҳамзабону ҳамзамину ҳамзамону ҳамдилем,
Аз ниқоби кинадори душманон не ғофилем,
“Мо, ки худ парвардаи як обу як хоку гилем
Дури дигар байни ҳам рӯю риёро дидаем”.

То Ватан дорем, то ҷовид подорем мо,
Камбаҳоён кам шумурданду чӣ бисёрем мо,
Бо ҳама мастонагиҳо боз ҳушёрем мо,
“Якдигарфаҳмӣ агар дорем, подорем мо,
Якдигарнофаҳмиҳои бебақоро дидаем”.

Мушкиле гар сар занад, мушкулшо гардем мо,
Бар заифу нотавонон, муттако гардем мо,
Нури чашми нобиноён ҳар куҷо гардем мо,
“Рӯзи сахте дасти ҳам гирем, аз рӯйи сахо,
Ҷовидониҳои мардони сахоро дидаем”.

Дардҳоро мо даво бахшем бо меҳри дигар,
Солиму озода гардад ҷони мо ҳам сарбасар,

Дӯстӣ дар рӯзгори мо кунун бидҳад самар,
“Дардҳоро беҳтарин доруст меҳри якдигар,
Меҳр агар бошад, давои дардҳоро дидаем”.

Бухоро, 21 январи соли 2017



МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ А.АБДУЛЛО

Эй баҳори мулки озод, омадӣ, хуш омадӣ,
Эй баҳори мулки обод, омадӣ, хуш омадӣ,
Эй баҳори хурраму шод, омадӣ, хуш омадӣ,
“Эй баҳори тозабунёд, омадӣ, хуш омадӣ,
Аз ҷаҳони рафтаи ёд, омадӣ, хуш омадӣ”.

Дилгазону хастаҷону бенавою беҳавас,
Мерасид аз дур қар-қарҳои зоғи шумнафас,
Кас набуд аз гардиши айём моро додрас,
“Беҳавас будем бандӣ ҳамчу мурғони қафас,
Чун ҳавас, чун ишқи озод, омадӣ, хуш омадӣ”.

Аз қадамҳои накӯят ин гулистон тоза шуд,
Хонаву ҷо, кӯчаву гулгашту бустон тоза шуд,
Фасли гул омад, биё, ки аҳду паймон тоза шуд,
“Аз навиди омаданҳоят дилу ҷон тоза шуд,
Нури дил, пайғоми эҷод, омадӣ, хуш омадӣ”.

Гул шукуфту боғу бустон тоза шуд аз раҳматат,
Бошукӯҳу ботароват шуд ҷаҳон аз талъатат,
Оламу одам, табиат зинда шуд аз ҷуръатат,
“Сабз мегардад ба ҳар сӯ боғҳо аз ҳиматат,
Бо гулу бо сабза чун бод, омадӣ, хуш омадӣ”.

Бухоро, 22 январи соли 2017

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ АБДУВАҲҲОБ МУҲАММАД

Шаҳру деҳоти Ватан пайваста зебо мешавад,
Дида онро чашми кӯри душмане во мешавад,
Сад ҳазорон хонаву корхона пайдо мешавад,
“Ҳар бино аз дасти кас хушрӯву зебо мешавад
Бар ту бесаъю амал кай ризқ пайдо мешавад?”

Ин заминро соҳибӣ кун, пахтаву ғалла бикор,
Дар баҳорон қатраи борон шаву бар он бибор,
Ҳосилат гардад баланду боғи ту гардад баҳор,
“Ин заминро саҷда кун, ин чархро маҳкам бидор,
Чунки дар рӯйи замин қасри ту барпо мешавад”

Рав, зи мардони шуҷоъ ибрат бигир, ибрат бигир,
Илм мехоҳӣ, бирав, баргир таълиме зи пир,
Гар раҳат испед[35] мехоҳӣ шудан ҳамранги шир,
“Рав, зи пирони ҷаҳондида дуои хайр гир,
Мустаҷоб ар гардад он, ҷӯйи ту дарё мешавад”.

Ин ҷаҳон қаср аст гӯё, қасрро бому дарест,
Ҳар куҷое ҷамъ бошад, байни он як сарварест,
Зиндагӣ бо дӯстиву ишқ чизи дигарест,
“Дар миёни кишварон пурнозу неъмат кишварест,
Ӯзбекистони азизам мулки зебо мешавад”.

Ҳеҷ кас чун хони мо як хони пурнеъмат надид,
Дар бараш чун даври пешин, шахси пуриззат надид,
Ё ба мисли нону оши миллӣ пурлаззат надид,
“Ҳеҷ давре ҳамчу даври мо чунин неъмат надид
Абдуваҳҳобаш ба васфаш бин, чӣ гӯё мешавад”.

[35] Испед – сафед.

БАХТИ САБЗ

Таронаҳои ошиқона

Ошиқи зорат манам,
Ойинадорат манам,
Ҳам бурду борат манам,
Ёри бухороиям,
Кай ту ҳамеоиям?

ДОҒИ ҲАҶР

Эй моҳи тамоми пур зи нурам,
Чандест, ки аз бари ту дурам.

Дилмурдаву ташнаи ту гаштам,
Худро ба сари кӯи ту куштам.

Мехостамат туро бубинам,
Аз боғи дилат гуле бичинам.

Даргоҳи ту буда аз ту холӣ,
Мондам чу шикастаи сафоле.

Чун булбули боғ нола кардам,
Арзи дили худ ҳавола кардам.

Шоҳид шуда боғбони боғат,
Ман гашта зи дарди ҳаҷр доғат.

ҶОНИ ШИРИНАМ, БИЁ

Сарвқомат, рафтӣ ту аз манзилам,
Холӣ монда хонаву кунҷи дилам.
Ман надонам, кай бигардӣ аз сафар,
Дар даруни оташ аст хоку гилам.

Ҷону ҷононам, биё,
Нури чашмонам, биё!

Аз фироқат сӯз дорад пайкарам
Мисли санги осиё гардад сарам.
Бистарат паҳну парешон мондааст,
Рӯзу шаб холист бе ту бистарам.

Ёри деринам, биё,
Ҷони ширинам, биё!

Гулпарастам, боғу бустонам хароб,
Аз фироқат ҳар ду чашмонам пуроб.
Булбулонам аз чаман кӯч бастаанд,
Орзӯҳоям шуда яксар сароб.

Гул ба гулзорам, биё,
Булбули зорам, биё!

ЁРИ БЕВАФО

Дилбари ғамгусорам,
Мӯнису гулрухсорам.

Бонуи хонадонам,
Фасли хуши баҳорам.

Аз тақдирам нанолам,
Ту ҳастӣ бурду борам.

Гирди сарат мегардам,
Аз ту дар ифтихорам.

Эй бонуи паризод,
Танҳо туро дӯст дорам.

Умрат гардад зиёда,
Дасти дуо бардорам.

Ту ёри бовафоям,
Шаку шубҳа надорам.

Гар рӯзе ман набинам,
Бо чашми пурхуморам.

Ню-Йорк, 10 августи соли 2013

АЗ ТУ НОЗАМ

Дилбари дилнавозам,
Эй нозу нозу нозам.

Бирақсию бирақсӣ,
Садои савту нозам.

Ман гирди ту мегардам,
Булбули хушнавозам.

Ҳамаро мафтун кунӣ,
Шӯхаки ҷонгудозам.

Ҳарфу ҳиҷоят ширин,
Булбули хушовозам.

Эй ҷони ҷони ҷонам,
Ба ишқи ту бисӯзам.

Аз ғам маро раҳо кун,
Ман бо ту сарфарозам.

Умри ту гардад дароз,
Ифтихор аз ту созам.

Асад зи ту бинозат,
Эй нози нозу нозам.

Ню-Йорк, 7 августи соли 2013

ЁРИ БУХОРОЙ

Дар сари роҳат манам,
Бо чашми чорат манам,
Маҷнуни зорат манам,
Ёри бухороиям,
Кай ту ҳамеоиям?

Ошиқи зорат манам,
Ойинадорат манам,
Ҳам бурду борат манам,
Ёри бухороиям,
Кай ту ҳамеоиям?

Туро, ки пазмон шудам,
Сӯхтаму бирён шудам,
Гиряву нолон шудам,
Ёри бухороиям,
Кай ту ҳамеоиям?

Сӯзи дилам рӯ гирифт,
Зулматеро хӯ гирифт,
Соҳилаки ҷӯ гирифт,
Ёри бухороиям,
Кай ту ҳамеоиям?

Оби ҷӯ ашки ман буд,
Ҷӯшида рашки ман буд,
Хунолуд чашми ман буд,
Ёри бухороиям,
Кай ту ҳамеоиям?

Зи дидорат шод шавам,
Бардаму домод шавам,
Аз қафас озод шавам,
Ёри бухороиям,
Кай ту ҳамеоиям?

Ню-Йорк, 6 августи соли 2013

ҶУФТИ МАН

Дар куҷоӣ, ёракам?
Камнамоӣ, ёракам.
Бенишонӣ, ёракам,
Бебарор аст коракам.

Зудтар биё, ҷонакам,
Бе ту ман харобакам.
Медароӣ бесуроғ,
Ҳар шабе дар хобакам.

Аз мани бечорае,
Доимо безоракам.
Гар харидори манӣ,
Зуд биё, бозоракам.

Раҳми ту ояд ба ман,
Дилбару дилдоракам.
Ҷон фидоят мекунам,
Лайлии ғамхоракам.

Хонаи дил ҷои ту,
Боз чӣ гӯям, ҳамсарам?
Гар ту бошӣ дар барам,
Ҷуфт бигардад сарам.

Ню-Йорк, 3 августи соли 2013

ДӮСТОНИ ҶОНӢ

Аз меҳри гарми дӯстон,
Ғунчаи дил шукуфон.
Рӯзе агар дурам ман,
Ранги рӯям заъфарон.

Бе ёру дӯсти ҷонӣ,
Зиндагӣ бемаром аст.
Нону намак ба комам,
Заҳрею ҳам ҳаром аст.

Набинӣ рӯзи равшан,
Тираву тор ҷаҳон аст.
Дидаи худро кушо,
Зиндагӣ дар гумон аст.

Дар байни ёру дӯстон,
Ҳаётат пурдавом аст.
Миёни бегонагон,
Хавфу хатар мудом аст.

Дӯстиро пеша кардан,
Пешаи ошиқон аст.
Андеша аз душманон,
Аслиҳаи мардон аст.

Ню-Йорк, 22 августи 2013

ЗОРУ ЗОРАТ

Эй дилбари пурнозам,
Қалби туро навозам.
Ошиқи зорат манам,
Мешунавӣ овозам?
Ёраки дилҷӯи ман,
Ту бошӣ паҳлӯи ман.

Аз пай ту шабу рӯз,
Метозаму метозам.
Ба дидорат муштоқам,
Оҳанги тору созам.
Ёраки дилҷӯи ман,
Ту бошӣ паҳлӯи ман.

Шеъру тарона хонам,
Зи ишқат сарфарозам.
То шавӣ ту ҳамовоз,
Роли асосӣ бозам.
Ёраки дилҷӯи ман,
Ту бошӣ паҳлӯи ман.

То ишқи ман пазирӣ,
Эй моҳи беозорам.
Асад харидори ту,
Пайваста дар бозорам.
Ёраки дилҷӯи ман,
Ту бошӣ паҳлӯи ман.

Ню-йорк, 23 августи 2013

ПАРАСТОР

То бошад хотирам ҷамъ,
Дар бистари хобам ту,
Шомам гардад мунаввар,
Хуршеду маҳтобам ту.

Эй ёри нозпарварам,
Ҷисми маро ҷонам ту.
Даври сарат мегардам,
Ягона ҷононам ту.

Имрӯзу фардои ман,
Доимо дар барам ту.
Аз ту ҷудо нагардам,
Соябони сарам ту.

Давлату ҳам савлатам,
Ягона гавҳарам ту.
Дар ин ҷаҳони пуршӯр,
Беҳтарин ғамхорам ту.

Ню-Йорк, 27 августи соли 2013

ТУРО ПАРАСТАМ

Орзӯи деринаам,
Боре туро диданам.
Исми ту дар ёди ман,
Боре ба ту гуфтанам.
Ман ошиқи ту ҳастам,
Фақат туро парастам.

Аз ман чаро гурезӣ,
Гаҳе ба ман ситезӣ.
Гаҳе чу гул шукуфӣ,
Заҳри дилам бирезӣ.
Ман ошиқи ту ҳастам,
Фақат туро парастам.

Ҳаррӯз буро чу хуршед,
Ту ҳастӣ нури умед.
Дидаам равшан шавад,
Бахти мо гардад сафед.
Ман ошиқи ту ҳастам,
Фақат туро парастам.

Ҷонакам кӯшиш намо,
Ба дарди ман шав даво.
То мурод ҳосил шавад,
Ҳамин бувад муддао.
Ман ошиқи ту ҳастам,
Фақат туро парастам.

Ню-Йорк, 27 августи соли 2013

ҶАҲОНАМ

Зинда бошӣ дилбарам,
Соҳиби бому дарам.
Умеду орзӯи ман,
Ту бошӣ тоҷи сарам.

Ҷисму ҷонам ба дастат,
Буду шудам ба дастат.
Доимо бош дар барам,
Ихтиёрам ба дастат.

Боиси дилбандиям,
Шодию хурсандиям.
Ободии хонадон,
Решаи пайвандиям.

Доимо бо ту бошам,
Аз ту ҷудо набошам.
Ман ҷисму ту ҷонӣ,
Аз ҷон ҷудо набошам.

Ай ҷони ҷони ҷонам,
Мӯнису меҳрубонам.
Ҷовиду зинда бошӣ
Охир туӣ ҷаҳонам!

Бухоро, 13 октябри соли 2013

ОШИҚИ ЗОР

Сарвару сарпарастам,
Охир ба ту дил бастам.
Садқаи қаду бастат,
Сари роҳат нишастам.

Ба сӯйи ман назар кун,
Аз рақибон ҳазар кун.
Як даме о ба наздам,
Ғами маро бадар кун.

Дилбохтаам манам, ман,
Гунаҳкорам манам, ман.
Боре зи ман хабар гир,
Харидорат манам, ман.

Ба дарди ман шифо бахш,
Ба сози ман садо бахш.
Ҷавоби ошиқ бидеҳ,
Ба дидаам сафо бахш.

Ошиқи зорат манам,
Зору низорат манам.
Зудтар биё, ту ҷонам,
Шабзиндадорат манам.

Бухоро, октябри соли 2013

ОТАШИ ИШҚ

Дар назар чун гулхане ту тофтӣ,
Оташе дар синаам афрӯхтӣ.
Қалби оромам чунон девона гашт,
З-оташи ишқи накӯят сӯхтӣ.

Ин дили бечора бемори ту шуд,
Аз пайят рафту гирифтори ту шуд.
Шаб нахобад, беқарор аст, беқарор,
Дида ҳуснат он харидори ту шуд.

Сӯйи гулзор меравад бо ёди ту,
Сӯйи дарё меравад бо ёди ту.
Ҳар куҷое меравад муштоқи ту,
Умре саргардон шавад бо ёди ту.

То ки ояд раҳми ту, шодаш кунӣ,
Қалби ӯро аз ғам озодаш кунӣ.
То расад бечорае бар коми дил,
Хонавайронро ту ободаш кунӣ.

ИЗҲОРИ МУҲАББАТ

Арӯси нозанинам,
Сафеду маҳҷабинам,
Дар бари ту нишинам,
Доғи туро набинам.

Субҳи умед муборак,
Бахти сафед муборак!

Машъали тӯйхона ту,
Бонуи нурхона ту,
Ҳамсари ҷонона ту,
Гавҳари якдона ту.

Субҳи умед муборак,
Бахти сафед муборак!

Ширинтарӣ зи ҷонам,
Соҳиби хонадонам,
Ту ҳастӣ, дарнамонам,
Ҷовиду зинда монам.

Субҳи умед муборак,
Бахти сафед муборак!

Хуш омадӣ, дилбарам,
Биё, ту тоҷи сарам,
Қадам бинеҳ бар ҳарам,
Товуси боғи Ирам.

Субҳи умед муборак,
Бахти сафед муборак!

ДАРМОНИ ДАРДАМ

Ёраки ҷонам туӣ
Офати ҷонам туӣ.
Ҳам созию ҳам сӯзӣ,
Дармони дардам туӣ.

Бе ту ман бенавоям,
Ба мисли як гадоям.
Барори ман ту ҳастӣ,
Ошиқи бовафоям.

Тоби фироқ надорам,
Танҳо чӣ гуна хобам?
Ҳоли ман гардад табоҳ,
Бемору дар азобам.

Ба ваъдаат соз вафо,
Ба ман макун ту ҷафо.
Гирди сарат мегардам,
Дар бари ман зуд биё.

Бухоро, 7 январи соли 2017

ШОҲИ ИШҚ

Гар марди бединам ман,
Гирди сарат мегардам.
Гар марди ҳочиям ман,
Гирди сарат мегардам.
Гар шахси нодонам ман,
Гирди сарат мегардам.
Гар фарди озодам ман,
Гирди сарат мегардам.
Тозаву озода ман
Гирди сарат мегардам.
Маҷнуни девона ман
Гирди сарат мегардам.
Ошиқи фарзона ман
Гирди сарат мегардам.
Дар роҳат дар намонам
Гирди сарат мегардам.
То ки ман зинда ҳастам,
Гирди сарат мегардам.
Гар подшоҳи ишқам,
Гирди сарат мегардам.
Ошиқаму содиқам,
Гирди сарат мегардам.

Бухоро, 25 январи соли 2017

НИШОНАИ БАҲОР

Исёни рӯди кӯҳсор
нишонаи Баҳор аст.

Суруди ҷӯю чуйбор
нишонаи Баҳор аст.

Нолаи булбули зор
нишонаи Баҳор аст.

Накҳати гулу гулзор
нишонаи Баҳор аст.

Қалби шоди беозор
нишонаи Баҳор аст.

Қолини сабза гулдор
нишонаи Баҳор аст.

Чашми ошиқ пурхумор
нишонаи Баҳор аст.

Фасли хуши беғубор
нишонаи Баҳор аст.

Табиати файзбор
нишонаи Баҳор аст.

ҶОМИ ЗАРРИН

Дубайтиҳо

Бухоро, орзӯям: бо ту монам,
Қадам бар кишвари дигар намонам.
Ту ҳастӣ модару ман тифли навзод
Чӣ тавр аз меҳри ту дил канда тонам?

ДУБАЙТИҲО

Сарат сахту танат бардам, Бухоро,
Бигӯям шукри ту ҳар дам, Бухоро.
Чунин бошу чунин мон то ҷаҳон ҳаст,
Ту модар, аз сарат гардам, Бухоро.

* * *

Аё шаҳрам, харидорат чӣ бисёр,
Ба дидорат ҳама гардида хушдор.
Яқин донам, ки қадрат як ҷаҳон аст,
Барорад нархи молро вазъи бозор.

* * *

Аё шаҳрам, ба дастам хома додӣ,
Зи касбу кори ман бешубҳа шодӣ.
Нависам номае бар исми покат,
Саодатро ба рӯйи ман кушодӣ.

* * *

Бухоро дар ҷаҳон танҳою танҳо,
Ба мисли духтарони Шарқ зебо.
Бифахрад ҳар бухоріӣ зи шаҳраш,
Барои меҳмон ҷойи тамошо.

* * *

Бухоро, гаштаӣ фахри замона,
Қадам монда ба пеш ту рустамона.
Кунун ҳар гӯшаат худ як ҷаҳон аст,
Ҳама корат дурусту оқилона.

* * *

Бухоро, қисмататро хуб хондам,
Зи фардоят ягон ҳарфе надонам.
Яқин донам, ки умрат бехазон аст,
Бароят садқа созам ҷисму ҷонам.

* * *

Бухоро, орзӯям: бо ту монам,
Қадам бар кишвари дигар намонам.
Ту ҳастӣ модару ман тифли навзод
Чӣ тавр аз меҳри ту дил канда тонам?

* * *

Бухоро, таърихат ғамгину ғамгин,
Навишта Нархашӣ бо қалби хунин.
Миёни дуду оташ будай ту,
Ки тақдират буда вазнину сангин.

* * *

Дар ин ҷо ман ғарибу дар ба дар не,
Ба мисли боди саҳро хок ба сар не.
Ватан ҳастӣ маро ту, эй Бухоро,
Зи ҷон дорам гузар, аз ту гузар не.

* * *

Ба обу хоки ту дил бастаам ман,
Ба боғат ҳамчу нахле растаам ман.
Ба ҷисму ҷони ман озуқа додӣ,
Ба ҷонат ҷони худ пайвастаам ман.

* * *

Ба ту дардам нагӯям, бар кӣ гӯям,
Муроду мақсади худ аз кӣ ҷӯям?
Насиҳатгӯи ман танҳо ту ҳастӣ,
Ба оби кӣ дилу дида бишӯям?

* * *

Бухоро, дарди ман дармон надорад,
Ҳавасҳоям ба бегона нафорад.
Биё, меҳан, туро пазмон шудам ман,
Ба сар санги маломат то наборад.

* * *

Аё, сарманзили овозадорам,
Ба мулки дигаре коре надорам.
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон танҳою танҳо,
Ба дунё мавтани дигар надорам.

* * *

Ту ҳастӣ сархати пешонаи ман,
Ту ҳастӣ манзили ҷононаи ман.
Ба оғӯшат сарам боло, Бухоро,
Ту ҳастӣ оқилу фарзонаи ман.

* * *

Бифармо, баҳри ту ҷонро фишонам,
Сари роҳат сари худро бимонам.
Нашинад бар сарат чуғзи хароба,
Ба гӯшат ман дуои нек хонам.

* * *

Ту озодӣ, ту ободӣ, Бухоро,
Ҷавоби дигарон додӣ, Бухоро.
Кунун ҳаргиз наояд душмани ту,
Ҷанозаи душманон хондӣ, Бухоро.

* * *

Бухоро, сарватат аз ҳад зиёд аст,
Аз он қалби ҳама хурсанду шод аст.
Нагардад давлатат як заррае кам,
Шавад қалбам тиҳӣ аз ғуссаву ғам.

* * *

Бухоро, ин қадар ҳавз дар бари ту,
Ки обаш сарвату ҳам гавҳари ту.
Биафзояд шукӯҳу шавкататро,
Ҳавои тоза орад бар дари ту.

* * *

Бухоро дувоздаҳ дарвозае дошт,
Аз он дар даҳр гӯ, овозае дошт.
Ҳимоят менамуд Қалъа зи душман,
Тамоми сол муҳити тозае дошт.

* * *

Ба Синои бузург овардам имон:
Ба дарди дардмандон гашт дармон.
Ҳар он кас, ки бишуд мӯҳтоҷи ёрӣ,
Ба арзаш мерасид бо амри виҷдон.

* * *

Ману ту вориси Ибни Синоем,
Ба дарди одамон боби “Шифо”-ем.
Ба ҳар беморие мо чора созем,
Ягон шахси мариз танҳо намонем.

* * *

Чаноронат баланду пурвиқоранд,
Ба чашми душманон чун чӯби доранд.
Барои нокасон бегона ҳастанд,
Барои дӯстон чашмони чоранд.

* * *

Чӣ давроне ту дидӣ, рӯди Варзоб,
Зи хуни куштагон гаштӣ ту зардоб.
Ба ҳоли халқи худ ту гиря кардӣ
Ту ашки софи худро кардӣ мурдоб.

* * *

Тамоми хоки ту бас тор гардид,
Ҳамон ҷое, ки тири лӯла таркид.
Ба мисли қалби ман шуд лолазоре,
Чунин саҳна ҳама бо чашми сар дид.

* * *

Бародар бо бародар дар ситез аст,
Ба дасти ҳар яке шамшери тез аст.
Надонам, ки зи чӣ ин шӯру савдо?
Кӣ дӯст аз дасти дӯсташ дар гурез аст.

* * *

Ба сӯям чашми пурхунаш бидӯзад,
Худоё, хонаи душман бисӯзад!
Ҳама дарду алам эҷоди душман,
Ки хуни ноҳақи инсон бирезад.

* * *

Ғамат дар дил, ғамат дар дидагонам,
Ту, эй халқам, зи ту ҳаргиз намонам.
Барои маҳви ту душман ба по хест,
“Бихон номард”, туро танҳо бимонам.

* * *

Зану фарзанди худ бадкора карданд,
Зану фарзанди худ бечора карданд.
Ҷиноят кардаву тавба накарданд,
Ҳамон кирдори бад дубора карданд.

* * *

Ҳавои навбаҳор сард асту сангин,
Ба мисли қалби мо пурхуну ғамгин.
Зи ҷанги худкушӣ олам хароб аст,
Ба ҷойи лола сангҳо гашта рангин.

* * *

Надорад боғи умраш бурду боре
Ҳаёташ фоҷиа, ҳам хору зоре.
Руҷӯяш мурдаву аз даст рафта,
Ки гӯё латтаву нокарда коре.

* * *

Дар олам кам набошад зор монда,
Зи айби нокасон бекор монда.
Напурсад ҳеҷ кас аҳволи ӯро
Чу колое, ки аз бозор монда.

* * *

Набошад мисли шоир фарди ҳушёр
Шабу рӯзаш баробар аз пайи кор.
Ғами миллат ба сар дорад, бародар,
Зи дӯсти беғамаш гардида безор.

* * *

Аё деҳқон, ба номат шеър гуфтам,
Равону соддаву шево бисуфтам.
Ба ту фаҳмо бувад ҳар ҳарфу савтам,
Дили поки туро зеро шунуфтам.

* * *

Ту рамзи заҳмати инсонӣ ҳастӣ,
Барои насли некӯ бонӣ ҳастӣ.
Тафаххур мекунӣ бо касбу корат,
Маро охир ту ёри ҷонӣ ҳастӣ.

* * *

Ба ҳар кӣ медиҳӣ нону намак ту,
Расӣ бар қадри хӯшаву сарак ту.
Зи азмат хони мардум пур зи гандум,
Расонӣ аз зафарҳо хуш дарак ту.

* * *

Заминро мисли модар мепарастӣ,
Зи гирдаш гардию ҳаргиз нарастӣ.
Дар он дидӣ умеду орзӯҳоят,
Кунун маъмуру соҳибдавлат астӣ.

* * *

Надорам тоқати ранҷи ҷудоӣ,
Накардам бар касе ман бевафоӣ.
Агар аҳде бубастам, содиқ астам,
Нагӯям ҳеҷ як ҳарфи ҳавоӣ.

* * *

Агар аҳде ту бастӣ, рав, вафо кун,
Кунад арзу шикоят, ту садо кун.
Мапеч сар аз касу нокас, ки бошад,
Агар дорад дусад мушкил, раҳо кун.

* * *

Бикун раҳме ба ҳоли ногиронҳо,
Бигир дасти малулу норавонҳо.
Дари ҷаннат ба ту гардад кушода,
Намо хидмат барои нотавонҳо.

* * *

Хирадмандон адолатпарвар оянд,
Зи наслӣ одами айбе наҷӯянд.
Агар нодон кунад саҳву хатое,
Бипӯшанд чашми худ, бар кас нагӯянд.

* * *

Магӯ, ки шоирон дарде надоранд,
Барои гуфтане ҳарфе надоранд.
Зи мо пурсанд ҳама дарду ғамеро,
Ки бас бори замон дар дӯш доранд.

* * *

Аё халқи азизам, бо ту нозам,
Насозам бо замона, бо ту созам.
Агар дурам, зи қавми тоҷик астам,
Ба тақдири Ватан ҳаргиз набозам.

* * *

Аё халқам, зи бахтат сарфарозам,
Ту ҳастӣ боиси умри дарозам.
Набинӣ дар ҷаҳон ҳаргиз заволе,
Ба гӯшат мерасад овози созам.

* * *

Дили бечораам пур аз гумон аст,
Чу мурғи паршикаста парзанон аст.
Ки монда бесарубон дар биёбон,
Ба шарҳи ишқ аммо безабон аст.

* * *

Зи сӯзи ҷисму ҷон ҳолам хароб аст,
Дили садпораам охир кабоб аст.
Ба кӣ гӯям ҷафои дилбарамро,
Зи ҷабраш дидаам доим пуроб аст.

* * *

Аё дилбар, зи ишқат сарфарозам,
Зи лутфи ширинат ҷонро гудозам.
Табиби ҷисму ҷонам гар ту бошӣ,
Ба ҳар ҷабру ҷафои ту бинозам.

* * *

Гули зебои рӯят бехазон аст,
Намудор бар сараш рангинкамон аст.
Чӣ зебову чӣ дилкаш дилбари ман,
Ба ҷисми бемадорам ҷону ҷон аст.

* * *

Биё, ки дилбарам, зору низорам,
Агарчӣ зиндаам, по дар мазорам.
Зи дастам рафта ҳар буду набудам,
Сари роҳат нишаста интизорам.

* * *

Худо гӯям, ки кас танҳо намонад,
Чӣ коре кардани худро надонад.
Шавад дасту дилаш чун пораи ях,
Агар худ бекасу танҳо бимонад.

* * *

Заифу нотавонам, эй Худованд,
Раҳо кун дасту поямро ту аз банд.
Чунин аст сарнавиштам худ бидонӣ,
Намо қалби маро дубора хурсанд.

* * *

Чу пир̄ даррасад, ҳолат забун аст,
Ҳамоно қалби софат пури хун аст.
Намепурсанд ҳолат хешу дарвеш,
Чӣ рӯз дор̄, туро аҳвол чун аст?!

* * *

Зи дастат ман шифо ёфтам, табибам,
Ту будӣ ёвару дӯсту ҳабибам.
Бигӯям гар ту Синои замон̄,
Наафтад ҳеҷ хатое дар китобам.

* * *

Рухат чун кулчаи ширмоли модар,
Зи нураш хира тобад шамси ховар.
Аз ишқат маст ман бебода гаштам,
Ба ту ошиқ шудам, эй гунчаи тар!

* * *

Миёни дилбарон дидам ҷамолат,
Гувоҳ медод ҷамолат аз камолат.
Бирафтам аз раҳи дилёбии ту,
Бидеҳ аҳде ба ман баҳри амонат.

* * *

Ҳаёт моро чу оташ пухта гардонд,
Гиле будем, хому сӯхта гардонд.
Чунин бошад тариқи зиндагон̄,
Дили сахти маро чун пахта гардонд.

* * *

Бидидам он дару дарвозаи ту,
Шунидам шӯҳрату овозаи ту.
Вале нонрезаат муше надида,
Калиддори кадом як базаӣ ту?

* * *

Чӣ гӯям аз ғамат, эй дилбари ҷон,
Бикуштӣ калби ман аз дарди ҳиҷрон.
Куҷо рафтӣ, чаро рафтӣ зи чашмам,
Зи абри чашми ман ҳар рӯза борон?

* * *

Нигоро, ман туро дар хоб дидам,
Даруни киштие дар об дидам.
Чу моҳӣ сар задам дар мавҷи дарё
Кушода чашми худ, маҳтоб дидам.

* * *

Сари қулла бидидам як чаноре,
Набуд долу дарахт дар ҳеҷ каноре.
Ки гӯё хокими давру замон буд,
Тамоми ҳастияш холӣ зи боре.

* * *

Чӣ зебо кӯдаконам, кӯдаконам,
Ки ҳар як баҳри ман худ як ҷаҳонам.
Агар рӯзе якеро ман набинам,
Шавад нобуд ҳама рӯҳи равонам.

* * *

Аё дӯстам, дигар аз ту наранҷам,
Туро дар умри худ дигар насанҷам.
Гузаштӣ ту зи имтиҳону санҷиш,
Надорам давлате, ту ҳастӣ ганҷам.

* * *

Ҳаво сарду ту ҳастӣ навбаҳорам,
Гули садбарги пур аз баргу борам.
Ту ойӣ, хонаам гардад гулистон,
Ба дидори ширинат зору зорам.

* * *

Равоно, бин, ғарибу нотавон аст,
Тавоно гаштани ӯ даргумон аст.
Раҳи умраш фарозу шебӣ дорад,
Ки доим ӯ ғарибу нотавон аст.

* * *

Агар пирам, дилам ҳоло ҷавон аст,
Ба мисли рӯди шӯх рӯҳам равон аст.
Нагирам пириро ҳоло ба гардан,
Ки қалби поки ман оинасон аст.

* * *

Магӯ корвони умри ту сабукбор,
Ба вазнинӣ бувад чун санги кӯҳсор.
Чунин бори гаронро кас надидааст,
Ҳамин борро Худо бошад нигаҳдор.

* * *

Накардам ман туро ҳайрону сарсон,
Ба ту умре будам ман мисли сорбон.
Раҳи умри накӯят бехатар бод,
Ки инро ман бихоҳам аз дилу ҷон.

* * *

Фидои ту бигардад ҷисму ҷонам,
Туро дар зиндагӣ танҳо намонам.
Ту бошӣ тоҷу тахти ин ҷаҳонам,
Ту ҳастӣ дилбари абрӯкамонам.

* * *

Ватан дорам, Ватан дорам, Ватандор,
Ба ҳифзаш ҳар шабу ҳар рӯз тайёр.
Нагардад ҳеҷ кас дучори террор,
Ба гирдаш саф бубастем мисли кӯҳсор.

* * *

Ба олам омадӣ, шукри Худо кун,
Барои рафтагон арзи дуо кун.
Машав ғофил, ки рӯзи рафтанат ҳаст,
Ба ҳар кори савоб фурсат ҷудо кун.

* * *

Дилам меход сари кӯҳи баландро,
Ва ё ҷойи баланди бегазандро.
Ба осонӣ насозад қулла таъзим,
Нишон деҳ хидмати белу каландро.

* * *

Чӣ мушкил рӯйи коғаз хома рондан,
Суханро ҷо ба ҷо дар мисраъ мондан,
Гузаштан зери фармон маънии ноб,
Варо дар базми шеър бо сидқ хондан.

* * *

Баланд кун наъраат шерона, шоир,
Марому мақсадатро карда зоҳир,
Ба ту гӯш медиҳад аҳли замона,
Ба ҳар ҷое бипурсанд, гашта ҳозир.

* * *

Баро дар минбари аҳли замона,
Бихон аз сидқи дил шеру тарона.
Бидонад одамӣ қадри суханро,
Бигӯ ҳарфу ҳиҷоро дона-дона.

* * *

Шикоят аз замона кори мард нест,
Надидам кишваре, ки гарму сард нест.
Ҳама кори замон бо вақту соат,
Ки ҷисму ҷони мо холӣ зи дард нест.

* * *

Гумон дорӣ, ки номи мо баланд аст,
Ва дасту пои мо озод зи банд аст.
Миёни мову ту фарқе набошад,
Русуми зиндагӣ бозубанд аст.

* * *

Аё дӯстам, ба ту парвози озод,
Муборак дар замин маъвои обод.
Нишаста бар сарат шоҳини давлат,
Чунин бошад ҳамон бахти Худодод.

* * *

Баҳор омад, баҳори ман, куҷоӣ,
Чаро бар пешвози ман наоӣ?
Баро охир ба сайри лолаву гул,
Ба чашмам солҳо шуд, камнамоӣ.

* * *

Гули садбарги зебои баҳорам,
Ба ту ман ишқи беандоза дорам.
Маранҷон ошиқи бечораатро,
Ба лутфу шафқатат уммедворам.

* * *

Зи бахтат душманон сӯзанду сӯзанд,
Ҳама чашми ҳасад сӯйи ту дӯзанд.
Варо парвози бахтат мекушад боз
Яхе ҳастанду аз тарнов резанд.

* * *

Барои тоҷикон нанг офариданд,
Барои душманон санг офариданд.
Ба чашми мо натобад дӯст душман,
Барои оқилон ранг офариданд.

* * *

Забонгумкардагон аз қавми моянд,
Барои халқи худ коре наоянд.
Ки гӯё дар Ватан бегонагонанд,
Худоё, дар ҷаҳон дере напоянд.

* * *

Ту дӯстат хониву душман ҳамон аст,
Ба ту ҳамхонаву зидди забон аст.
Занад дасти таҷовуз бар забонат,
Чу рӯбаҳ дум занад, бар каф камон аст.

* * *

Нагаштӣ худшиносе мисли дигар,
Мақоми давлататро гирӣ аз сар.
Ҳама кайҳо шуданд аз хоб бедор,
Ҳанӯзам хобӣ дар бистар, бародар.

* * *

Гаҳе ғамгин, гаҳе шодон шавам ман,
Гаҳе боғбон, гаҳе посбон шавам ман.
Зи касбу кори дунё рӯ натобам,
Гаҳе духтур, гаҳе муздур шавам ман.

* * *

Насиби ман нагардид моли дунё,
Бигӯям шукр, ки ризқам муҳайё.
Ба дунё ман нахӯрдам ҷуз ғами ишқ,
Накардам бо касе ҳам шӯру ғавғо.

* * *

Ғаматро ман намудам дар дилам ҷо,
Нагуфтам ҳам ба ту як ҳарфи беҷо.
Ту ҳастӣ баҳри ман як ёри ғамхор,
Фидо созам бароят ҷони худро.

* * *

Аё шаҳри азизу меҳрубонам,
Фидои ту бигардад ҷисму ҷонам.
Ба ишқат сӯзаму бо ту бинозам,
Илоҳо, то қиёмат бо ту монам.

* * *

Бифахрам, ки ҳамеша бо ту будам,
Ягон рӯзе зи ту берун набудам.
Ғаму андӯҳҳоят дар дилам буд,
Ту будӣ ҳам нузулам,[36] ҳам суъудам.[37]

* * *

Зи меҳри модарият дил накандам,
Ба рӯям то нахандӣ, ман нахандам.
Агар умре будӣ содиқ ба фарзанд,
Зи ту уммеди худ ҳаргиз накандам.

* * *

Чунин бошӣ Бухорои азизам,
Аё шаҳри қадиму ботамизам.
Ба ҳуснат лолу ҳайрон гашта олам,
Ба ту таъзим созад насли одам.

[36] Нузул – фаромадан.
[37] Суъуд – баромадан, парвоз.

* * *

Туро баҳри тамошо офариданд,
Туро баҳри тамонно офариданд.
Ту бошӣ то абад хуштарҳу зебо,
Туро баҳри замонҳо офариданд.

* * *

Аё шаҳрам, набинӣ офату ғам,
Машав аз шаҳри дигарҳо ту ҳам кам.
Кушо ҳусну ҷамолат то ба охир,
Ба таърихат шавад як боби нав зам.

* * *

Аё шаҳрам, ту хело дилрабоӣ,
Ба фасли сабзаву гул дилкушоӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳонро тӯҳфа карданд,
Ба дарди ошиқон охир давоӣ.

* * *

Агар номи ту ояд бар забонам,
Пур аз қанду асал гардад даҳонам.
Намоям васфи ту дар шеъру достон,
Ба бозӣ медарояд сад ҷаҳонам.

* * *

Бухоро, номи некат бар забонам,
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон зебо маконам.
Ба сад дардам шифо обу ҳавоят,
Зи оғӯшат ҷудо ҳаргиз намонам.

* * *

Зи номат сар шавад сархатти шеърам,
Биҷӯшад мисли чашма мавҷи меҳрам.
Шавад садчанд илоҳо, шӯҳратат беш,
Ту ҳастӣ саҷдагоҳи аҳли олам.

* * *

Аё шаҳрам, ба оғӯшат бизодам,
Тамоми давлатамро бар ту додам.
Шавӣ ободу зебо дар нигоҳам,
Зи ҳусни безаволат гашта шодам.

* * *

Туро мепарварам, шаҳри Бухоро,
Ту ҳастӣ меҳварам, шаҳри Бухоро.
Ту ҳастӣ шӯълаи қалби бузургам,
Ту ҳастӣ дилбарам, шаҳри Бухоро.

* * *

Аё шаҳрам, ту зебоӣ ин ҷаҳонӣ,
Ту фахру ифтихори ин ҷаҳонӣ.
Ҳама қасру биноят дилрабо аст,
Ба мисли фасли гулҳо бехазонӣ.

* * *

Ту шаҳри гулрухонӣ, эй Бухоро,
Ту шаҳри булбулонӣ, эй Бухоро.
Тамоми фаслҳо дар ту баҳор аст,
Ту шаҳри ошиқонӣ, эй Бухоро!

* * *

Ту шаҳри фозилонӣ, эй Бухоро,
Ту шаҳри шоиронӣ, эй Бухоро.
Ту ҳастӣ маркази илму амалҳо,
Ту шаҳри олимонӣ, эй Бухоро!

* * *

Қадамгоҳи бузургон, эй Бухоро,
Ту бахту тахти Сомон, эй Бухоро.
Замоне Рӯдакӣ ҳам зист бо ту,
Туӣ фахри Хуросон, эй Бухоро.

* * *

Ту таърихи ҷаҳон ҳастӣ, Бухоро,
Ту таърихи замон ҳастӣ, Бухоро.
Ки ҳар қасрат бувад як боби таърих,
Ту таърихи калон ҳастӣ, Бухоро!

* * *

Ту ҳастӣ ифтихорам, эй Бухоро,
Ту ҳастӣ иқтидорам, эй Бухоро!
Ягона шаҳри ишқи ман ту ҳастӣ,
Ту ҳастӣ интизорам, эй Бухоро.

* * *

Буду нобуди ман ҳастӣ, Бухоро,
Набахшам ман туро бар мулки Доро.
Ту ҳастӣ гавҳари якдонаи ман,
Умеди ман ту ҳастӣ, эй Бухоро!

* * *

Чӣ зебо дилбаронат, эй Бухоро,
Чӣ зебо духтаронат, эй Бухоро.
Ба ишқи ҳар яке Маҷнун бигаштам,
Чӣ оқил модаронат, эй Бухоро!

* * *

Туро ҳар зарра хокат зарри холис,
Ҳама устоди илманду мударрис.
Тамоми мардумонат босаводанд,
Ҳама безори шайтон ёки иблис.

* * *

Ту шаҳри одамони сарбаландӣ,
Ту шаҳри олимони дилписандӣ.
Яке шоир, дигар аъло хирадманд,
Ба ҳар як холисона меҳр бандӣ.

* * *

Ту додӣ бар ҷаҳон Ибни Синоро,
Ту додӣ бар ҷаҳон садҳо даҳоро.
Дар оғӯшат камол ёфт Рӯдакӣ ҳам,
Бигаштӣ шаҳри ман машҳури дунё.

* * *

Зарафшоно, Зарафшоно, Зарафшон
Гурезоно, гурезоно, гурезон.
Чаро бегона гаштӣ аз Бухоро
Гулафшоно, гулафшоно, гулафшон?!

* * *

Бухоро гар равӣ, Арки Амир бин,
Ба тахти холияш ту ҳам даме шин.
Ба ёдат оварад таърихи халқат,
Ба қасди мулки мо хун рехта аз кин.

* * *

Агар рӯдам зи шохоби Зарафшон,
Гаҳе тӯфон кунам, гоҳе парешон.
Ба ёди Рӯдакӣ оям Бухоро,
Маро ҳаргиз нагӯед ҳастӣ меҳмон.

* * *

Ба ту дил бастаам, шаҳри Бухоро,
Набошад қалби ту ҳам санги хоро.
Ба домонат бизодам, Модари ман
Зи ҳарфи ту забонам гашта бурро.

* * *

Манам шоир, ба васфат шеър гӯям
Фақат айби туро ҳаргиз начӯям.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷон, Бухоро,
Гули гулзори зебоят бибӯям.

* * *

Замоне будаӣ пойтахти Сомон,
Итоат менамуд Балху Хуросон.
Туро хону амирон пора карданд,
Ҳазор сол байни оташ монда ҳайрон.

* * *

Зарафшон, шӯриши пешинаат ку,
Зарафшон, шӯҳрати деринаат ку?
Зи дарё буданат ному нишон монд,
Шару шӯри азими синаат ку?!

* * *

Зарафшон, зодаи кӯҳу камар ту,
Барои халқи тоҷик кони зар ту.
Барои хотири даврони Сомон
Гаҳу ногаҳ зи хоки мо гузар ту.

* * *

Зарафшон, рози ту бешубҳа донам,
Китобатро зи ҳар мавҷат бихонам.
Гирифта дар кафам он оби софат,
Ҳунармандам, аз он зар меситонам.

* * *

Зарафшон, ҳар ду як давре бишинем,
Шароби офият бо ҳам бинӯшем.
Ғами дунё ба ҳамдигар бигӯем,
Даруни хум ба мисли май биҷӯшем.

* * *

Бухоро, бо ту ман дамсоз будам,
Шабу рӯз дар барат ҳамроз будам.
Миёни якдигар сирре надоштем,
Чу тори ҳофизе ман соз будам.

* * *

Бухоро, аз ту ман кай дил гусастам?
Ба шаҳри дигаре ман дил набастам.
Ту будӣ модару ман тифли домон,
Ту гӯё шамъу ман парвона ҳастам.

* * *

Аё шаҳрам, ба ман ҳамдам ту будӣ,
Дар умри кӯтаҳам бо ҳам ту будӣ.
Чӣ форам буд ҳавои гарму сардат,
Ба дарди ҷони ман марҳам ту будӣ.

* * *

Аё шаҳрам, ту будӣ хонаи ман,
Ту будӣ ишқи ман, паймонаи ман.
Ба хар як тифли ман ту доя гаштӣ,
Ба ҷойи ҳамсару ҷононаи ман.

* * *

Бухоро, синни ту гардад зиёда,
Намо сад қарни дигарро пиёда.
Чӣ мушкил меравам ман аз бари ту
Ба ёдат нақши худро монда-монда.

* * *

Бубахшо шоири дилдодаатро,
Бубахшо ошиқи дилсодаатро.
Ба дунёи адаб машҳур бинмо,
Дар оғӯшат яке озодаатро.

* * *

Ба номат садқа ман, шаҳри Бухоро,
Ба ишқат зинда ман, шаҳри Бухоро.
Ту ҳастӣ манзилам, ҳам хоки покам,
Ба халқат банда ман, шаҳри Бухоро.

* * *

Агар рӯзе набинам кӯчаҳоят,
Дару дарвозаҳои бебаҳоят,
Ғарибу бекасу девона гардам,
Фидоят ман, фидоят ман, фидоят!

* * *

Ту ҳастӣ гавҳари кони забонам,
Ту ҳастӣ давлати ҳар ду ҷаҳонам.
Гувоҳӣ медиҳад "Таърихи Наршах",
Ту будӣ давлати Сомониёнам.

* * *

Забони тобдори ман ту ҳастӣ,
Забони обдори ман ту ҳастӣ.
Намедонам ба олам ғам чӣ бошад,
Чаро ки ғамгусори ман ту ҳастӣ.

* * *

Замини сабзу осмонам ту ҳастӣ,
Тани фарсударо ҷонам ту ҳастӣ.
Набудӣ ту, гар аз ман ҳам нишоне
Дар ин олам саробонам ту ҳастӣ.

* * *

Бухоро, маншаи шавқам ту ҳастӣ,
Ба олам рӯзию ризқам ту ҳастӣ.
Аё шаҳри азизу шеърпарвар,
Қиёми шеъри пурзавқам ту ҳастӣ.

* * *

Ту будӣ шаҳри ман, пойтахти Сомон,
Ту будӣ бешаи шеру палангон.
Ба марзи сабзи ту оташ кашиданд,
Ҳамон безориҳои дашти беҷон.

* * *

Бубин шаҳрам, ҷаҳони дигар омад,
Ки таърихи гузашта ҳамсар омад.
Ту ҳам бедор шав, андешае кун,
Ба ту бахту саодат ҳампар омад.

* * *

Камарбанди заринат гашта Шаҳрӯд,
Барорад аз димоғат оташу дуд.
Ба қалби ташнагонаш мезанад об,
Раҳаш дар кунҷи Қалъа гашта мавдуд.

* * *

Аҷаб зебо Лаби Ҳавзи Бухоро,
Зи санги кӯҳу мармар ёфта оро.
Набошад дар ҷаҳон тимсоли онро
Ба сайёҳон шуда ҷойи тамошо.

* * *

Куҷо дидӣ ту мисли Чор манораш,
Ба зери шамси ховар нурбораш?
Аз аҷдодон ба мо монда нишона
Шавад ҳайрон ҳама бар рангу бораш.

* * *

Баромад насли покат мисли хуршед,
Бишуд соҳиб ба тоҷи тахти Ҷамшед.
Гирад акнун зи душман хунбаҳоят,
Ба ӯ халқи азизат дорад уммед.

* * *

Куҳан қасре бувад Мағоки Аттор,
Нахустин манзили шаҳр аст, эй ёр!
Бурун монда қадаш чун қадди Одам,
Даруни хандақе по монда ночор.

* * *

Маро ёд оварад ашъори зинда,
Ба тӯли қарнҳо сайқал бидида.
Тамоми умр зистам дар Бухоро,
Ягон мулки дигарро ман надида.

* * *

Намо сайру тамошо Моҳи Хоса
Бувад фасли тобистон ҷойи хоса.
Куҷо бошад чунин як боғи обод?
Ки ҳавзи пур зи обаш чинӣ коса.

* * *

Регистон саҳнае бас дилнишин аст,
Дар ин ҷо Арки олӣ ҷогузин аст.
Намуди кӯҳнаи шарқона дорад,
Ҳисораш гӯиё девори Чин аст.

* * *

Дарунаш товусу хам мурғи Марҷон
Битобад дар назар чун дурри ғалтон.
Бубин ин хама дар Моҳи Хоса
Ту гӯӣ, пораи мулки Ҳиндустон.

* * *

Намозгаҳ тарҳи меҳроби бузург аст,
Ба самти қиблааш меҳроби хурд аст.
Шавад барпо намози рӯзи идҳо,
Ба тақдири ҳама як ҷойи бурд аст.

* * *

Куҷо дидӣ ба як ҷо Чор Манора,
Ки гӯё гаштаанд бо ҳам канора?
Бухоро бошадаш онро нишона
Ба зери осмони пурситора.

* * *

“Бухоро куввати ислому дин аст”,
Дар ин ҷо зодгоҳи Баҳоуддин аст.
Ҳамин ҷо сар ниҳода зери гардун
Чу Макка саҷдагоҳи муслимин аст.

* * *

Надидам олиме дар олами дин,
Надонад таълимоти Баҳоуддин.
Буда Мири Кулол бар ӯ муаллим,
Яке аз фозилони илми пешин.

* * *

Бухоро, кони эҷодам ту ҳастӣ,
Ягона шаҳри ободам ту ҳастӣ.
Ба васфат шоиронат шеър гӯянд,
Бубин ин бахт: устодам ту ҳастӣ.

* * *

Надонам фоли тақдирам чӣ бошад?
Ба хоби дида таъбирам чӣ бошад?
Зи дарёи Зарафшон моҳӣ доштем,
Чунин сайди батадбирам чӣ бошад?!

* * *

Забонам ифтихорам, ҳам ҷаҳонам,
Ту ҳастӣ зиндагиям, ҳам имонам.
Ту ҳастӣ давлату ҳам сарвари ман,
Ту ҳастӣ то абад ман зинда монам.

* * *

Худоё, ту забонамро нигаҳ дор,
Ту шону шӯҳраташро боз бардор.
Набошад дар ҷаҳон ин гуна лафзе,
Ба он арҷе гузор арзанда бишмор.

* * *

Забони модарӣ форсӣ-дарӣ аст,
Пур аз меҳру вафои модарӣ аст.
Камарбанди дуи он “тоҷикӣ” аст,
Дар он қомуси шеъру шоирӣ аст.

* * *

Бихоҳам бошӣ ту бедарду беғам,
Набошӣ хору зору аз касе кам.
Макун ҳаргиз ҳавас ту моли дунё,
Қаноат кун ба кам, шод бошу хуррам.

* * *

Агар ғамгин шавӣ, гирам дар оғӯш,
Навозиш менамоям дар бари гӯш.
Намехоҳам шавӣ як лаҳза хомӯш,
Намесозам ғаматро ман фаромӯш.

* * *

Аё дилбар, ту ҳастӣ ғампарастам,
Ҳама нозу нузатро мепарастам.
Ту охир баҳри ман танҳову якто,
Ба ишқи поки ту ман қоил астам.

* * *

Ту ҳастӣ сарпарасти кӯдаконам,
Ту ҳастӣ шамси тобони маконам.
Агар бе ту бимонам, бенишонам,
Ба чашмам хира тобад ду ҷаҳонам.

* * *

Зи ту, эй ёр, обод ин маконам,
Зи бори зиндагӣ озод ҷонам.
Ту ҳастӣ сарсутуни зиндагиям,
Бигашта пури паймон хонадонам.

* * *

Аё дилбар, ту ҳастӣ тоҷи давлат,
Ба хуни набзи ту ҷорист ҳиммат.
Зи ту болида гардад, ҳар кӣ ояд,
Ки хонат пур бувад аз нозу неъмат.

* * *

Шиносед, ҷуфти худро хубу аъло,
Мақомаш дар ҳаёт гардида боло.
Агар оқил бувад ҷуфти ҳалолат,
Зи ту дур мешавад дарду балоҳо.

* * *

Манам шайдои ишқат, ёри ҷонӣ,
Бикун коре, ки ҳаргиз дарнамонӣ.
Зи ишқат беқарорам, беқарорӣ?
Харидорат манам, бояд бидонӣ.

* * *

Парӣ гӯям туро, бояд наранҷӣ,
Суханҳои маро баргашта санҷӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳонеро Худо дод,
Ту охир насли моро кони ганҷӣ.

* * *

Аё халқам, сағирию кабир̄,
Ба фарзандони некат ту дабир̄.
Ба олам чӣ қадар аллома додӣ?
Ба дӯсту душманат нукта нагир̄.

* * *

Аё халқи далеру пуртавонам,
Ту ҳаст̄ машҳури давру замонам.
Ба ту тан додааст ҳар он ки душман,
Ту охир сарбаланду қаҳрамонам.

* * *

Ба тахтат ворисонат по ниҳоданд,
Ба таърихат баҳои пурра доданд.
Ту гашт̄ ифтихори миллати худ,
Ҷазои душманонатро бидоданд.

* * *

Ба ту таъзим созам, марди деҳқон,
Ту ҳаст̄ қаҳрамону марди майдон.
Зи дастат пур зи нон шуд хони мардум
Ба ту бодо ҳазорон шӯҳрату шон.

* * *

Ҷиноятқор бувад бадтар зи ҳайвон,
Зи кирдори бадаш гардад пушаймон.
Гуноҳашро набахшад аҳли олам,
Агарчӣ авф бинмояд-ш Яздон.

* * *

Нигоҳи гарми ту сеҳр асту ҷоду,
Ба мисли дидагони барқи оҳу.
Ба қалби мурдаам уммед бахшад,
Зи пай дорад ба дил охир ҳаёҳу.

* * *

Накардам бар касе арзу шикоят,
Бикардам аз замонам ман ҳикоят.
Чӣ хуб буду чӣ бад буд, ман надонам,
Гузашт умри азизи ман ниҳоят.

* * *

Барои тозашеърам шаб нахуфтам,
Биҷустам қофия, байте бисуфтам.
Шавад шеъри равону хонданибоб,
Зи ишқи нотамомам қисса гуфтам.

* * *

Бузургони ҷаҳон ангуштшуморанд,
Ба насли одамӣ кина надоранд.
Агарчӣ доимо мушкилкушоянд,
Вале худро каси оддӣ шуморанд.

* * *

Макун коре, ки бар мардум нафорад,
Ки ранҷу ташвиши бисёр орад.
Ба ҳар рафтори худ андешае кун,
Ба рӯзе бар сарат санге наборад.

* * *

Зи бонги душманон ҳаргиз натарсам,
Зи дӯғи душманон ҳаргиз натарсам.
Ба назди дӯсту душман бегуноҳам,
Ба некӯву навозиш дон, ки арзам.

* * *

Суханҳои қабеҳ бар ман магӯед,
Агар дорам ягон айбе, бигӯед.
Ба мисли кӯдаки беайбу ҷурмам,
Агар доғе ба дил доред, шӯед.

* * *

Аё ёрам, куҷоӣ ту, садо кун,
Ба аҳди додаат ҷонам, вафо кун.
Туро гум кардаму девона гаштам,
Агар маргам расад, рӯзе дуо кун.

* * *

Худоё, бандаро аз ғам раҳо кун,
Ту қалби торикамро пурсафо кун.
Накардам бар касе ҷабру ҷафое,
Ба дарди бедавоям ту даво кун.

* * *

Аё ёрам, туро ман мепарастам,
Ба якҷо зодаву бо ту бирастам.
Бихоҳам то абад бо ҳам бибошем,
Низоми ёриву хешӣ ба дастам.

* * *

Ба нодон шеваи гуфтан биомӯз,
Тариқи сӯхтану пухтан биомӯз.
Агар хоҳӣ, ки ӯ гардад забондон,
Китоби тоҷикӣ хондан биомӯз.

* * *

Зи тақдирам нанолам, эй бародар,
Ки дорам хоҳару чандин бародар.
Ҳама дар гарди сар парвона ҳастанд,
Ҳамин бошад дар олам давлати сар.

* * *

Зи бӯйи бодае маст гаштагонем,
Дар ин олам ҳама саргаштагонем.
Нахӯрда бода аз хуми замона,
Ба оби чашмаи худ ташнагонем.

* * *

Азизонам, маро танҳо намонед,
Ғарибу бекасу беҷо намонед.
Агарчӣ аз шумо чанде ки дурам,
Маро бемеҳру бегона надонед.

* * *

Аё ёрам, ба ту аз ман чӣ хидмат?
Бифармо, то намоям хайру ҳиммат.
Ҳама молу манолам аз ту бодо,
Ту бошӣ бар сарам доим саломат.

* * *

Гумон созӣ, ки мо дарде надорем,
Сару гардан дигарбора нахорем.
Даруни синаи мо кони дард аст,
Ба мисли ашки ғам аз дида шорем.

* * *

Гаҳе шоду гаҳе мотамсароем,
Аз ин ҷода чӣ гуна мебароем?
Гаҳе мо табли шодӣ менавозем,
Суруди маҳзуне гоҳе сароем.

* * *

Ғами он хӯр, ки ғамхори ту бошад,
Бидеҳ дил, то ки дилдори ту бошад.
На ҳар як кас ба ту арзанда бошад,
Азизу мӯътабар ёри ту бошад.

* * *

Ба ишқи дилбаре обу адо шав,
Ба ҳар дарде, ки дорад ӯ, даво шав.
Наафтад байни ӯву ту ҷудоӣ,
Ба ҳар фармони ӯ доим ба по шав.

* * *

Чаро афсона гардид ишқи Фарҳод,
Аз ишқи бебароpаш карда фарёд?
Шунидӣ ишқи Фарҳоду Ширинро
Ҳамон шоҳи замона дода барбод.

* * *

Ҳадиси ошиқӣ аҳду вафо аст,
Агар бошад муҳаббат, босафо аст.
Раву бар ҷуфти худ ту ҳам вафо кун,
Тариқи ошиқӣ дар дин раво аст.

* * *

Ҷавонӣ давраи ишқу муҳаббат,
Муҳаббат дар ҷавонӣ зебу зиннат.
Дар ин давре, ки қалби ҳар ду пок аст,
Дар ин ҷода нишон деҳ ту матонат.

* * *

Ҷавонӣ давраи бебозгашт аст,
Дили пурвусъаташ монанди дашт аст.
Зи сарфи умри худ парво надорӣ,
Бубин рӯзе, ки ту умрат гузаштаст.

* * *

Ҷавонӣ ҳамчу фасли навбаҳор аст,
Замони беқарори гиру дор аст.
Бубар бар дилбарат ту дастаи гул,
Ба роҳат рӯзу шаб ӯ интизор аст.

* * *

Ҷавонӣ қудрати давру замон аст
Ба қадри он расидан дар гумон аст.
Равад вақтат, намонад накд дар даст,
Ба пирӣ чун расӣ, фасли хазон асг.

* * *

Бихоҳам бо ту монам, эй ҷавонӣ
Ту ҳастӣ бахти ман дар зиндагонӣ.
Дарахти умри ман гул мекунад, гул,
Агар ту ҳамраҳи ман по бимонӣ.

* * *

Баҳори гулфишон ҳастӣ, ҷавонӣ,
Равон чу корвон ҳастӣ, ҷавонӣ.
Макону манзиле ҳаргиз надорӣ,
Ба чашмам ноаён ҳастӣ, ҷавонӣ.

* * *

Бигир аз дӯши ман бори замонро
Чу дидӣ бар сарам барги хазонро,
Барои ман замин сарду зимистон,
Дигар тира бубинам ман ҷаҳонро.

* * *

Ба ҳар ҷо сар занӣ ту, дарнамонӣ,
Бикун коре, ки ту ҳоло ҷавонӣ.
Макун ҳаргиз ҳавас нони ҳавоӣ,
Расад даврони пирӣ, нотавонӣ.

* * *

Шавад рӯзе расӣ ту дар нишоне,
Ту ҳоло мисли тири дар камонӣ.
Чӣ бадбахтӣ, агар тират хато рафт
Намонад аз ту як ному нишоне.

* * *

Ватан бе ту чӣ ҳол дорад, ҷавонӣ,
Ту ҷисми ҷони ӯро посбонӣ.
Набошӣ ту агар дар хатти сархат,
Ҳама саргум занад дар бемаконӣ.

* * *

Чӣ беғам одамони гӯлу нодон
Ба мисли сабзаи хушки биёбон.
Ки раҳми кас биояд бар чунин кас,
Набошад фарқи онҳо з-асли ҳайвон.

* * *

Чӣ бадбахт аст он фарди хабаркаш,
Забонаш офату ҷағҳо чу оташ.
Куҷо афтад, бисӯзад оламеро
Зи касбу кори ӯ чандин диле ғаш.

* * *

Агар бинам дилеро ман шикаста,
Ва ё аз кулфату ғам гашта хаста.
Шавам аз зиндагӣ садҳо пушаймон,
Ки ман монам ба қалби сангбаста?!

* * *

Агар як лаҳзае бекор монам
Ба чашми аҳли олам хор монам.
Надорад сад пушаймонӣ ба ман суд,
Зи шоме то саҳар бедор монам.

* * *

Писарҷонам, шунав аз ман насиҳат,
Матоб гардан ту аз даргоҳи меҳнат.
Касе аз бори меҳнат дарнамонад,
Бишав одам, бишав ту кони ҳиммат.

* * *

Манам ҳамдарди ту, эй ошиқи зор,
Нагардӣ дар ҷаҳон афтодаву хор.
Ба ту омад, ба ту бахти баланде,
Ба марзи дил ту базри ишқро кор.

* * *

Бувад чашмам ба роҳи дилбарам чор
Надонам, ки куҷо рафтаст дилозор?
Биё зудтар ту, ҳусни хонадонам,
Надорам тобу тоқат бе ту ман ёр.

* * *

Ба олам кӯдаке дида кушодааст,
Ва ё модар варо бо дард зодаст.
Ба ӯ модаркалон номе ниҳода,
Сари фоли накӯяшро бидидаст.

* * *

Садои қалби пинҳонат шунидам,
Ҳамон рафтору кирдори ту дидам.
Ба дарди бедавои ишқи ҷонсӯз,
Каме андеша кардам, лаб газидам.

* * *

Баҳори умри ман фасли ҷавонӣ,
Ба лавҳи хотирам ҷовид монӣ.
Худат гаштӣ сароғози хаётам
Биё хамроҳи ман аз ман намонӣ.

* * *

Аё дилбар, чаро ту бевафоӣ,
Гаҳе бо ман, гаҳе аз ман ҷудоӣ?
Набахшидан ба хилват бӯсае тар,
Набошад дар тариқи ошноӣ.

* * *

Пас аз мо ҳам бимонад Меҳру Маҳтоб,
Нагардад мисли оҳан з-оташе об.
Набинад одамӣ умри дубора,
Аз олам меравад ду дида дар хоб.

* * *

Равон ҳастӣ, давон ҳастӣ, ту дарё,
Чӣ пир астӣ, ҷавон ҳастӣ, ту дарё!
Надонам манзили ту дар куҷояст?
Ҷаҳон гаштӣ, зи ғам растӣ, ту дарё.

* * *

Шаби тӯи шумо дар хидмат астем,
Зи аҳди бастаи худ кай гусастем?
Чаро тарсем мо аз кори дунё?
Тамоми шаб ба гирди дег нишастем.

* * *

Азизонам, маро осуда монед,
Зи даргоҳам маро ҳаргиз маронед.
Бухоро шаҳри ин бечора шоир,
Ба ҳар кӯю дараш номам бимонед.

* * *

Нигоро, зулфи ту худ доми ишқ аст,
Лаби ширини ту худ коми ишқ аст.
Ман аз чашмони шаҳлои ту мастам,
Ду чашми масти ту худ ҷоми ишқ аст.

* * *

Ту оё дидаӣ Растаи савдо?
Чунин ҷо гаштааст хоси Бухоро.
Ки бозор мешавад аз Раста оғоз
Чизе хоҳӣ дар ин ҷо гашта пайдо.

* * *

Китобамро “Хати пешона” номам,
Дар он гуфтам ҳар он чӣ худ бидонам.
Гумон созам, ки он бошад хазина,
Калидашро кафи дастат бимонам.

* * *

Наям аз умри рафта ман пушаймон,
Аҷаб не, ки шавӣ бар ман ту ҳайрон.
Ба мисли оби ҷонбахши Зарафшон,
Гулистон кардаам дашту биёбон.

* * *

Надорам ман хусумат бар Сикандар,
Намуда мулки Доро хок бар сар.
Зи хоб бедор кард он Шарқи кӯҳна,
Ба худ ояд, шавад озод яксар.

* * *

Зи ишқат бекарорам, кишвари ҷон
Ба сад кӯ сар занам мисли Зарафшон.
Ба дил наздику аз ту дуру дурам,
Ки роҳаш мебарад дашту биёбон.

* * *

Аё шаҳрам, маро кардӣ ту серам,
Бидодӣ қудрате, кардӣ чу шерам.
Далеру беҳаросу бекарорам,
Кунам хидмат ба ту, гарчанд пирам.

* * *

Дили пурдарди манро ту маёзор,
Гумон созӣ, ки ман даллоли бозор.
Даруни синаам як қалби хушдор
Барон қалби ту даркору даркор.

* * *

Бидида суратат, девона гаштам,
Ба шаҳрат омада бехона гаштам.
Намедонам куҷо буд манзили ту?
Ба дарди ишқи ту ғамхона гаштам.

* * *

Ҷаҳони кӯжпушт бар мо ҷафо кард,
Ба душманҳои мо доим вафо кард.
Надонам айби мо охир чӣ бошад,
Ки рӯзи мо чу шаб доим сиё кард.

* * *

Агар асли манӣ, мушкилкушо шав,
Ба дарди одамӣ доим шифо шав.
Ки то номат бимонад ҷовидона,
Пайи хидмат ҳамонанди Сино шав.

* * *

Ба бори нокасон коре надорем
Ба ҷойи тухми гул хоре накорем,
Ба ҷойи хорию андӯҳу зорӣ,
Ба сар чун "Оби раҳмат" мо биборем.

* * *

Чу Ҳотам, ҷуръати шоҳона дорӣ,
Чу Рустам, ҷуръати шерона дорӣ.
Ба дарди бенавоён ту давоӣ,
Аҷаб ту хислати фарзона дорӣ.

* * *

Аё дилбар, надонам манзили ту,
Ҳаё кардӣ, чиҳо буд дар дили ту?
Нагардид сирри ишқи мо кушода,
Ба ман дору бувад хоку гили ту.

* * *

Аё дилбар, намесозӣ ту ёдам,
Чаро ҳаргиз намефаҳмӣ ту додам.
Зи ҳичронат дили бечора нолон,
Ба гирди сар бубастам саллаи ғам.

* * *

Диламро бурдаю бечора кардӣ,
Маро дар кӯи худ овора кардӣ.
Ба сад дар сар задам, аз ту дарак нест,
Ба ишқат мубтало якбора кардӣ.

* * *

Зи дарду доғи ту ҳаргиз нанолам,
Ту ҳастӣ ёри ман, аз он биболам.
Ту бошӣ бахту иқболи баландам,
Набошад мисли ту дигар ба олам.

* * *

Ту бошӣ дар барам, осуда гардам,
Зи шаҳди зиндагӣ болида гардам.
Шавам озод аз дарди замона,
Ҷамолатро мудом гар дида гардам.

* * *

Намехоҳам ба пои ту халад хор,
Бубинад ҷисму ҷонат дарду озор.
Гирам дарду балоятро чу марҳам,
Худам ҳастам бо ишқи ту харидор.

* * *

Туро як дам намесозам фаромӯш,
Ки умре будаем бо ҳам ҳамоғӯш.
Намудор ишқи мо то, ки ҷаҳон ҳаст
Суханҳоят нарафтаст аз бари гӯш.

* * *

Ту ишқи аввалу ҳам охири ман,
Ту монӣ дар ҷаҳон пас аз сари ман.
Магӯ, ки ҳеҷ намонад қиссаи ишқ,
Бимонад ишқи ту дар дафтари ман.

* * *

Бимондам сар ба болини вафоят,
Насозам дар ҳаёт ҳаргиз ҷафоят.
Вафодори ту ҳастам то ба охир,
Зи худ ҳаргиз набинам ман ҷудоят.

* * *

Вафодорӣ ба ёр худ кори мард аст,
Ҳадиси бевафоӣ дон, ки дард аст.
Дар ишқи ошиқон дарзе наафтад,
Агар афтад, ҷаҳони ҳар ду сард аст.

* * *

Ба бозӣ дасти маъшуқро нагирам,
Агар гирам, бидон, ки ман асирам.
Ба тақдири касе зомин нагардам,
Ба аҳди худ вафоро мепазирам.

* * *

Асири ёрӣ хушрафтор раво аст,
Ба дарди ошиқон зеро даво аст.
Мабод ёре, ки рафтораш нафорад,
Бидон, ҳарфаш ба ҷони ту ҷафо аст.

* * *

Агар пире шавӣ, кони дуо ту
Зи густохӣ тамоман шав ҷудо ту.
Биёбӣ иззату икроми бисёр,
Фараз созӣ, ки паҳлӯи Худо ту.

* * *

Ба охир мерасад роҳи ҳаётам,
Ба дар ангушт занад арзи мамотам.
Гузашт умри азизам мисли тире,
Ба дил афтодааст кайҳост мотам.

* * *

Ба пирӣ мерасонад, бохабар бош,
Бигардад ризқи ту ҳам хирмани чош.
Макун ҳаргиз хароҷоти зиёда,
Худо бар ту диҳад тавфиқу бардошт.

* * *

Худо хоҳад, шавӣ пири бадавлат,
Бупарҳез аз ғуруру ҳам зи савлат.
Мақоми мӯсафедиро ба ҷо ор,
Набошӣ рӯ ба рӯ бо дарду иллат.

* * *

Зи ту ибрат гиранд кулли ҷавонон,
Ба ҳама гардӣ ту сардору сарбон.
Зи даст ҳаргиз мадеҳ ту мӯсафедӣ,
Ба наздат сар фарорад марди майдон.

* * *

Наҷоти мӯсафедон гашта парҳез,
Намояд умри эшон сабзу серрез.
Диҳад умри дубора баҳри онҳо,
Худо бахшад гуноҳи ҳар саҳархез.

* * *

Макун канда намозро, эй мусулмон,
Биёвар ту ба имоми худ имон.
Бубахшад ҳар гуноҳатро Худованд,
Напарто аз кафи дастат ту Қуръон.

* * *

Агар хонӣ шабу рӯзе ту Қуръон,
Шавад бахтат ба мисли моҳи тобон.
Кунӣ аз бар тамоми сураҳоро,
Шавӣ бешубҳа пешвои мусулмон.

* * *

Парстад ҳар мусулмон дини Ислом,
Ки дорад шӯҳрату шон дини Ислом.
Набошад дар ҷаҳон ғофил зи Қуръон,
Ҳидоятгар ба инсон дини Ислом.

* * *

Муҳаммад Мустафо пайғамбари мо,
Битобад мисли шеде бар сари мо.
Расули Акрам аст аҳли ҷаҳонро
Ба ду дунё бувад ӯ сарвари мо.

* * *

Забонамро зи нобудӣ раҳондӣ,
Зи нав бар тахти шӯҳрат ту шинондӣ.
Шинохт ислом туро, ҳам миллататро,
Ҳама шубҳа зи байни мо равондӣ.

* * *

Зи ту фахрем ҳама Имоми Аъзам,
Ба мисли ту бувад дар оламе кам.
Тасаввур менамоям чӣ бузургӣ,
Ба васфат ҳар чӣ гӯям, хотирам ҷамъ.

* * *

Ҳавас дорам ба ту, Имоми Аъзам,
Кунад таъзим ба ёдат насли одам.
Бувад қонун барои мо хитобат,
Нагардад эътиборат заррае кам.

* * *

Ту ҳастӣ раҳнамои сулҳу ваҳдат,
Ту ҳастӣ сарвари ин халқу давлат.
Ту охир беҳтарин дӯсти Худоӣ,
Ба дил мепарварӣ бахту саодат.

* * *

Ба ҳар амри накӯ бошӣ кафолат,
Ту созмондодаи кохи адолат.
Маҳаки одамӣ дар дасти ту буд,
Накӯкорӣ ба ту гардида одат.

* * *

Ту будӣ раҳбари поки аҳолӣ,
Куҷое гар равӣ, ҷойи ту холӣ.
Бубин бозор шавад маҷлиси аҳбоб,
Надорӣ чун дигарҳо қарзи молӣ.

* * *

Амалҳоят ба нафъи дини ислом,
Сабақ омӯхт мусулмон аз ту, имом.
Ту будӣ сарвари дину шариат,
Ширин гардид зи ҳарфи ноби ту ком.

* * *

Зи ту омӯхтем асли тариқат,
Зи ту омӯхтем дини ҳақиқат.
Бишуд машҳур ба олам дини ислом,
Зи ту омӯхтем меҳру муҳаббат.

* * *

Ба номат, эй Худо, ҳар як намозам,
Фаромӯш ман туро асло насозам.
Ту худ ҳастӣ нишони ҳар ибодат,
Ту бошӣ лоиқи розу ниёзам.

* * *

Ба олам бешуморанд пайравонат,
Ки ҳар як бандаи рӯҳи равонат.
Ба ту таъзим, ба ту рӯ оварем мо,
Ҳақиқат будааст ҳар як гумонат.

* * *

Чӣ н-осуда буда давру замонат,
Зи сабза бештар барги хазонат.
Ту овардӣ ба олам сулҳу ваҳдат
Гузоштӣ ҷисму ҷонро ту амонат.

* * *

Ту будӣ марди доно, худшиносе,
Далеру паҳлавону беҳаросе.
Надоштӣ дар дилат кину адоват,
Ба ин буд покият равшан асосе.

* * *

Аё дӯстам, биё, меҳмони ман шав,
Ба ҷисми ранҷурам ту ҷони ман шав.
Чизе дорам, ба ту пешкаш намоям
Агар деҳқон манам, боғбони ман шав.

* * *

Ба ту ҷонам фидо, эй ёри ҷонӣ,
Нигаҳдорат Худо, эй ёри ҷонӣ.
Ба ту бахшад Худо умри заминро,
Фақат созам дуо, эй ёри ҷонӣ.

* * *

Мапиндорад маро аз хона безор,
Гаҳе бинед ба кӯча, гаҳ ба бозор.
Пайи коре равам ҳар дам ба ҳар сӯ,
Нашинам як даме дар хона бекор.

* * *

Худо хоҳад, сари коре бигирам,
Ки ҳоло байни бекорон асирам.
Бикард дарду ғаме хонанишинам,
Будам кӯдак, шудам ҳоло кабирам.

* * *

Бишав мисли дигарҳо марди майдон,
Ба дарди бенавоён гард дармон.
Ба дунё омадӣ, кори савоб кун,
Равад номи накӯят то ба кайҳон.

* * *

Аё қалбам, гоҳе бар тан асар кун,
Ғаму дарди зиёде мухтасар кун.
Даме дар зиндагӣ осуда гардад,
Роҳи пешинаатро ту дигар кун.

* * *

Худат поку худат танҳо, Худоё,
Гуноҳи бандагонатро бубахшо.
Агар кардам хатое, бошам иқрор
Гуноҳи вазнине онро махоно.

* * *

Надониста кунам ман як гуноҳе,
Ва ё гардам зи саргумӣ ба роҳе,
Дар ин ҷо айби ман бошад тасодуф,
Ки худ донам, шавад ҳолам табоҳе.

* * *

Зи нурат оламе гардид рахшон,
Ба ҷунбиш омада аҳли Хуросон.
Намуданд эътиқод бар ту, Имомам,[38]
Расида дар замон даврони Сомон.

* * *

Ту будӣ раҳкушои бахти Сомон,
Ту будӣ фоли неки бахти Сомон.
Замон дар ҳукми мо гардид тамоман
Муяссар шуд ба тоҷик наҷди Сомон.

* * *

Биё, ҷонам, гирифтори туям ман,
Шуда пазмон ба рафтори туям ман.
Ҷудоӣ баҳри ман ҳамсанги марг аст,
Яке ташна ба гуфтори туям ман.

* * *

Зи ҳуснат қалбам ингун гулшукуфон,
Биболад бахти ман, гардад нурафшон.
Ҳаёти ман шавад доим баҳорон,
Ту ҳастӣ бар тани фарсудаам ҷон.

[38] Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит.

* * *

Ту ҳастӣ, хонадон пурфайзу обод,
Дилам аз дарду ғам гардида озод,
Ки ҳастам доимо саргарми меҳнат,
Ҳама аз бахти мо бошанд дилшод.

* * *

Худат ҳастӣ ба ман пушти паноҳе,
Чу мисли як фаришта бегуноҳӣ.
Зи ту меҳнат пазирам то қиёмат,
Назар афкан ба сӯйи ман ту гоҳе.

* * *

Дилам ҷӯшад зи ишқи зиндагонӣ,
Зи ишқи дилбари зебову ҷонӣ.
Чу офтоб доимо бо чеҳраи гарм,
Гирад пешвоз маро бо меҳрубонӣ.

* * *

Расад рӯзе миёни мо ҷудоӣ,
Напиндор, ҳарфи ман бошад ҳавоӣ.
Дар ин олам ҳаёти мо муваққат,
Кунад бар мо ҷаҳон ҳам бевафоӣ.

* * *

Агар маргам расад, бар хок бимонед,
Ба маҳфилҳо маро мурда нахонед.
Рӯҳи покам нагардад аз шумо дур,
Кунед раҳму зи дар берун намоед.

* * *

Чӣ безорам зи шахсони мунофиқ,
Намояд хислати онҳо мувофиқ.
Ба як тин мову туро мефурӯшанд,
Нагарданд то қиёмат дӯсти содиқ.

* * *

Насозем мо ҷудо неку бадонро,
Зи қалби худ барорем он гумонро.
Ҳама фарзандҳои Одам астем,
Баҳам меоварем аҳли ҷаҳонро.

* * *

Ҳама дар назди Яздон бандагонем,
Ҳама бошандагони як ҷаҳонем.
Миёни одамон фарқе набошад,
Агар фарқе бувад, он дар забонем.

* * *

Набошад зиндагӣ ҷойи фароғат,
Шабу рӯзе кунӣ ту истироҳат.
Бикун ҷаҳду талош дар зиндагонӣ,
Нагардад давлати зоянда ғорат.

* * *

Магӯ, ки умри мо охир надорад,
Агар гӯӣ, ба Яздонат нафорад.
Намонӣ дар ҷаҳон поянда ҳаргиз,
Ба сар тухми аҷал пайваста корад.

* * *

Агар аз кори худ гардӣ пушаймон,
Макун такрор, бошад кори ҳайвон.
Чу бад кардӣ, бидон ки осӣ ҳастӣ,
Набахшанд он гунаҳро ҳеҷ осон.

* * *

Ҳар он касбе, ки дорӣ, пухта гардон,
Ки ин бошад ба инсон кори мардон.
Зи ҳар як кори бад парҳез бинмо,
Ту шаъни касби худ ҳаргиз магардон.

* * *

Машав нону намак ту бо хасисон,
Машав дӯсти қарин ту бо ҳарисон.
Шавад ҳар луқмаат заҳру зақуме,
Агар хӯрдӣ зи хони он ҳасудон.

* * *

Баробар кай буванд бо мо ҳасудон,
Ки ҳар як лоиқи заҳдони зиндон.
Кунанд ҳатто зи фарзандон шикоят,
Чӣ хайф аст номи инсонӣ ба онон.

* * *

Бимонад меҳнатат дар мулки дигар,
Ҳамон ҷо мешавад обод саросар.
Биё, зудтар зи нав созӣ Ватанро,
Ки роҳи зиндагӣ гирӣ ту аз сар.

* * *

Ватан, дар роҳи ту шабзиндадор аст,
Ҳама дӯсту бародар интизор аст.
Ҷаҳон дар зарраи хокаш наарзад,
Гули боғи дигар дар дида хор аст.

* * *

Куҷо бошӣ, ба ёди ин Ватан бош,
Диле дорӣ, ба ишқи ин Ватан бош.
Фаромушаш макун ту модари худ,
Ту доим дар ғами кӯҳу даман бош.

* * *

Бирафтӣ аз сарам чун соя, эй ҷон,
Надонам, дар куҷое гаштӣ сарсон.
Дилам меход бубинам рӯйи зебот,
Хаёлам мешавад ҳар дам парешон.

* * *

Бишуд модар туро бисёр пазмон,
Ба ёдат доимо нолону гирён.
Биё, зудтар, ки дардаш бедаво аст,
Бигашта қалби бемораш пурармон.

* * *

Ба роҳат, эй писар, мо интизорем,
Ба дидори ширинат ҳама зорем.
Биё, ки дурӣ мебошад гуноҳе,
Ба роҳи гашти ту гулҳо бикорем.

* * *

Биё, охир ба ин ҷо ҳам баҳор шуд,
Баҳори дилкушову лолазор шуд.
Тамоми кӯҳу саҳро гул ба сар шуд,
Ки чашми дилбарони мо хумор шуд.

* * *

Ватан, бар мову ту чашмингизор аст,
Барои мову ту бозори кор аст.
Гумон созӣ дар ин ҷо ҳама бекор,
Ба дасти коргарӣ бешубҳа зор аст.

* * *

Чӣ мушкил баҳри ман аз ту ҷудоӣ,
Ба дарди ман худат охир давоӣ.
Чашидам ман азобҳои ғарибӣ,
Набудаст дар ҷаҳон ризқи ҳавоӣ.

* * *

Чӣ форам оғуши гармат, диёрам,
Диёри дилнишини ғамбарорам.
Ба ҳар ҷое равам, он ҷо ватан нест,
Ғарибу бенавову беқарорам.

* * *

Магӯ, ки тоҷики дур аз диёрам,
Сари кӯят чу бороне биборам.
Агарчӣ берунам аз марзи хокат,
Ба ҳифзат мисли Рустам ҷоннисорам.

* * *

Ба мисли сабза аз хокат бирӯям,
Наҷоти зиндагиро аз ту ҷӯям.
Ту ҳастӣ токягоҳи пурумедам,
Ҳама дарди диламро бар ту гӯям.

* * *

Набошад сарвате қиммат зи обат,
Ба чашми ташнагон чун шӯъла тобад.
Набошад зиндагӣ бе неъмати об,
Ба чашмат олами хушкида тобад.

* * *

Зи бахтат дар ҳаросанд душманонат,
Гиранд аз хони ту як пора нонат.
Бисӯзанд то ҳанӯз чун ҳезуми тар,
Расонанд осебе бар ҷисму ҷонат.

* * *

Чӣ мулки хурраму доро, диёрам,
Азизу меҳрубону ғамбарорам.
Фароғатбахши чу оғӯши модар,
Зи ту болам, зи ту дар ифтихорам.

* * *

Набошад мисли ту дигар дар олам,
Ту ҳастӣ саҷдагоҳи насли одам.
Ягона дар ҷаҳон бошӣ диёрам,
Баҳои оламеро бар ту дорам.

* * *

Паи хидмат ба мулки дил шитобам,
Чу сафбозаш шабу рӯзе нахобам.
Расад нафъам ба халқи беназирам,
Раҳи беҳбудии кишвар бикобам.

* * *

Накардам хидмате бар халқу кишвар,
Ки гӯё бетараф чун мисли довар.
Дилам мехост кунам кори савобе,
Бимондам доимо дар вақти дигар.

* * *

Гузашта умри мо дар беҳудиҳо,
Гаҳе бо буду гаҳ бо нобудиҳо.
Нафаҳмидам кучо шуд моҳу солҳо,
Набуд холӣ басе аз камбудиҳо.

* * *

Ба пирӣ кас бидонад умри рафта
Азобаш медиҳад он бахти хуфта.
Намонад осуда хобу хаёлҳо,
Бигардад ҷисму ҷонат санги суфта.

* * *

Ба охир мерасад роҳи ҳаётат,
Равад аз дасти ту азму суботат.
Наёбӣ фурсате баҳри насиҳат,
Равӣ бар оламе баҳри саёҳат.

* * *

Чӣ осон мерасад даврони пирӣ,
Зи умри рафтаат нукта нагирӣ.
Бимонад одамӣ дар доми ғафлат,
Кашад дар доми худ дарди асирӣ.

* * *

Мақоми мо баланд асту баланд аст,
Ки ному шӯҳрати мо бегазанд аст.
Надонад ҳар касе таърихи моро
Ба зиндони ҷамолат басту банд аст.

* * *

Ҳадиси мову ту ҳаргиз ниҳон нест,
Ҳамон коре, ки мо кардем, гумон нест.
Баҳо бар мо диҳанд наслу насабҳо,
Ки бурду бохти мо беҳад гарон нест.

* * *

Наборад бар сарам санги маломат,
Ки бошад ҷисми ман соқу саломат.
Маранҷондам ягон мӯру малахро,
Надорам тарсу ларзе аз қиёмат.

* * *

Агар мардӣ, ба кас роҳатрасон бош,
Ту доим дар ғами заҳматкашон бош.
Агар шоҳӣ ва ё як фарди оддӣ,
Шабу рӯз дар қатори мардумон бош.

* * *

Надорам аз касе арзу шикоят,
Напурсам аз касе ҳаргиз ҳимоят.
Ба даст орам дили пиру ҷавонро,
Куҷо созам ба аҳди худ ҷиноят?

* * *

Мусулмонон маро маъзур доред,
Ба роҳам тухми тӯҳматро накоред.
Агарчанде, ки ман ринди харобам,
Ба панду ҳикмати ман гӯш доред.

* * *

Ба олам омадӣ, шукри Худо кун,
Ба олам омадӣ, кори савоб кун.
Макун коре сабабгори гуноҳ аст,
Ба ҳар неку баде зудтар садо кун.

* * *

Ба роҳат интизорам, ёрӣ ҷонӣ,
Зи ҳаҷрат дилфигорам, ёри ҷонӣ.
Битарсам, ки миёни раҳ намонӣ,
Ба аҳдам устуворам, ёри ҷонам.

* * *

Ҳама фикру хаёлам дарбадар буд,
Ғами олам, ғами одам ба сар буд.
Надоштам ман ягон дам хотири ҷамъ,
Умеду орзӯям бесамар буд.

* * *

Дар ишқи меҳнату дар ишқи ёрам,
Дар ишқи чашмаю рӯди диёрам.
Дилам хоҳад фақат фасли баҳорон,
Ҳавас бар кишвари дигар надорам.

* * *

Ман аз мурдан дигар тарсе надорам,
Ба ҷуз меҳри Ватан дарсе надорам.
Кунам шукри худо, ки ман Ватанро
Ба қалби пурвафо гарде надорам.

* * *

Бигӯям, шукр, дар рӯйи заминам,
Ба аҳли хонавода бас қаринам.
Надорам тоқати дарди ҷудоӣ,
Ба ин ҳарфе, ки ман гуфтам, аминам.

* * *

Замоне дар ҷаҳон Гулзодае буд,
Гаҳу ногаҳ ба кайфи бодае буд.
Гирифта ибрате аз панди Хайём
Ба шеър устоду фарди соддае буд.

* * *

Надодам умри худ беҳуда барбод,
Бикардам зиндагӣ ҳушёру озод.
Бичустам дурӣ аз мардони беғам,
Бикардам гӯшаи мулки худ обод.

* * *

Туфу гуфтам ба ин чархи ҷафокор,
Туфу гуфтам ба ин рӯзи пурозор.
Гаҳе рӯзам сафеду гаҳ сияҳ буд,
Туфу гуфтам ба ин ҳоли гирифтор.

* * *

Гаҳе соқу гаҳе бемор будам,
Гаҳе серу гаҳе хуммор будам.
Басе пурӣ, басе хорӣ бидидам,
Ба марги ногаҳонӣ зор будам.

* * *

Ба роҳи охират ҳамроҳ бошем,
Зи қайди раҳравӣ гумраҳ набошем.
Яке бар дигаре асои роҳем,
Ба чашмони сияҳ мо нур пошем.

* * *

Ману ту дар миёни ғурбат астем,
Ба қавли душмане беҳурмат астем.
Надонем ҳолати душман чӣ бошад,
Ба назди қавми худ дар иззат астем.

* * *

Набошад мактаби ахлоқу одоб,
Набинӣ мактабе ин гуна дар хоб.
Ҳаёт бошад ба ин мактаб асосе,
Чунин ганҷ аз китоби зиндагӣ коб.

* * *

Агар хоҳӣ, ки ту бошӣ хирадманд,
Ба хониш ҳам ба дониш бош дилбанд.
Зи таҳлилу зи тақриз гашта бино,
Ба аҳли олиму фозил бипйванд.

* * *

Машав ғарра ба молу давлати худ,
Маноз аз сурату аз савлати худ.
Шавад рӯзе, зи ту ҳарду бимонад,
Бидон то зинда ҳастӣ, иззати худ.

* * *

Зимистон омада дар мулки хуррам,
Талотум мекунад сармо дамодам.
Ба хотир оварад фасли тобистон
Замини кишт шавад шодобу сернам.

* * *

Ҳавои тоза дорад фасли сармо,
Равонбахши тану ҷони ҳазорҳо.
Намоем сайри кӯҳу дашту саҳро,
Кунад сарбанд аз як рӯду дарё.

* * *

Ҳиҷоби сап-сафед дорад зимистон,
Чу мову ту умед дорад зимистон.
Бишинад, то бубахшад одилона,
Аз ин бахти сафед дорад зимистон.

* * *

Чӣ ҳусни дилкушо дорад зимистон,
Ба ҳар дарде даво дорад зимистон.
Агарчӣ шаб дарозу рӯз кӯтоҳ,
Ба гӯшу хуш наво дорад зимистон.

* * *

Зи сармо ҳар дарахт ҳамранги қандил,
Дурахшад зери нур, равшан кунад дил.
Диҳад ҳусну латофат бар ҷаҳоне,
Накардан рақсу шодӣ гашта мушкил.

* * *

Биборад қадбақад як барфи заррин,
Ба мисли ҷогаҳе нармасту паррин.
Барои қитъае ҷойгоҳи хоб аст,
Бубинад ҳар шабе як хоби ширин.

* * *

Магӯ ки барфи сард асту ҷафокор,
Барои мову ту бошад шифокор.
Зи оби тозааш ту баҳра бардор,
Ки рӯзе мешавад бар ҳама даркор.

* * *

Макун аз фасли дай бар ман шикоят,
Кунам онро ба мисли тан ҳимоят.
Аз он бошад фаровонӣ ба ҳосил,
Туро созам ба фасли хуш ҳидоят.

* * *

Зимистон бошадаш даврони таътил,
Ҳама фориғ бувад аз кору таҳсил.
Ту ҳам шоир, даме қомат бикун рост,
Шавад ҳар як муродат баъд ҳосил.

* * *

Ба барфи борида олам дигар шуд,
Чу тоҷи зарринаш аз нав ба сар шуд.
Чӣ зебо бар танаш пероҳани нав,
Ҳама дарду аламҳо пушти сар шуд.

* * *

Ҳаво софу мусаффо оби дарё,
Таҷассум кардааст он ҳусни дунё.
Табиат гаштааст, зебою зебо,
Барои мову ту фасли тамошо.

* * *

Ба рӯйи бистаре ҷон кандани худ,
Надорам бими рӯзи мурдани худ.
Набошад баҳри ман бегона ин хок,
Фақат тарсам зи танҳо мондани худ.

* * *

Набошад зиндагӣ то охир осон,
Ҳама рӯзаш гумон созӣ, ки яксон.
Чизе бошад, зи ҷузъи умри мо аст,
Ба мақсад мерасад бешубҳа инсон.

* * *

Бигардад чархи гардун бо маромаш,
Набинӣ луқмаи хоме ба комаш.
Агарчӣ сӯхтану ҳам сохтанаш ҳаст,
Ба сар афтад гаҳе санге зи бомаш.

* * *

Аё, эй зодгоҳам, деҳи Шавгон,
Ба ҳадди саҳрову дашту биёбон,
Ту ҳастӣ боғу бустони ҳақиқӣ,
Ба ҷисми гарми ман ту гавҳари ҷон.

* * *

Туро ёд мекунам, эй деҳаи ҷон,
Ба дидорат шавам пазмону пазмон.
Диламро мекушояд боғу роғат,
Ба дарди бедавоям ҳастӣ дармон.

* * *

Кунам озод туро аз банди зиндон,
Набошад ҷойи ту аз дида пинҳон.
Билағҷид пойи ту дар лойи бӯҳтон,
Халосӣ кай шунидӣ бошад осон?!

* * *

Бихоҳам, ки шавӣ аз ғам ту озод,
Бинои зиндагиро созӣ обод.
Бикун коре ки он арзанда бошад,
Бизӣ охир ту ҳам чун одамизод.

* * *

Аз он ҳарфу ҳиҷоям гаштӣ ношод,
Бикун коре, набошӣ кам зи Фарҳод.
Яқин донам, ки аз карда пушаймон,
Бикун парвозҳо чун мурғи озод.

* * *

Намирад душмане дар хонаи худ,
Накарда хидмати хирсонаи худ.
Чунин бошад дуои ҳар яки мо:
Набинад навҳаи ҷанонаи худ.

* * *

Ба кӣ гӯям аламҳои диламро,
Муммои гарони манзиламро?
Нашуд обду зебо дар ҳаётам,
Ба ғорат бурданд обу гиламро.

* * *

Куҷо рафт шӯҳрати пешинаи ман,
Ғурури шавкати деринаи ман?
Намонд дар зиндагӣ ному нишоне,
Ба ҷуз содда ғаме дар синаи ман.

* * *

Қаноат кардаам бар обу ноне,
Ки будам кору боре як замоне.
Кунун олам дигар гашту замон ҳам,
Бубинӣ беқарор аст ҷисму ҷоне.

* * *

Агар бекор гардӣ, хору зорӣ,
Шуда расми замона мардикорӣ.
Фурӯши меҳнатат бар мулки дигар,
Илоҷи дигаре оё надорӣ?

* * *

Масозам нокасеро ман ситойиш,
Ва ё шоҳу гадоеро навозиш.
Чу дӯсту душманамро мешиносам,
Раво бошад бо ҳар як коре санҷиш.

* * *

Тавоноӣ ба молу зар баҷо нест,
Ба оби шӯр ҳар дарде даво нест.
Зи илму маърифат гардӣ тавоно,
Шикасти қудратат ҳаргиз раво нест.

* * *

Куҷо донӣ, ки сирре дар дили ман,
Куҷо донӣ, ки тире дар дили ман.
Зи ин захмест, к-аз мижгони ёр аст,
Дили шӯридаам бемори зор аст.

* * *

Ду дасту дидаам саргарми кор аст,
Сари дардолудам дар зери дор аст.
Нависам номае бар насли фардо,
Ниҳоли навбарам дар зери бор аст.

* * *

Тулӯъи меҳри туро то бубинам,
Зи боғи ҳусни ту гулҳо бичинам.
Ту бошӣ боғбони хонадонам,
Фидо созам бароят ҷисму ҷонам.

* * *

Дар ишқи ҷонгудозат ман бисӯзам,
Ба роҳи гулшанат ман дида дӯзам.
Надонам, ки куҷо рафтӣ, кай ойӣ?
Зи ҳичронат сияҳ гардида рӯзам.

* * *

Ба дарди бедавоям ту давоӣ,
Ба чашми нобиноам ту сафоӣ.
Набошад бе ту як дам зиндагонӣ,
Саранҷоми ҳаёти ман ҷудоӣ.

* * *

Бигаштам ноаён гирди нигорам,
Наход охир шавад фасли баҳорам?
Ҳанӯз ҳам файзи гулзорам нарафтаст,
Биё, бар роҳи ту ман интизорам.

* * *

Ки ҳар сангат ба ман худ як ҷаҳон аст,
Ба мисли тахти шоҳони замон аст.
Ҳар оне ки дар он ман менишинам,
Сари пастам баланд аз осмон аст.

* * *

Бихоҳам, ки набошад кулфату ғам,
Яке аз дигаре ҳаргиз мабод кам.
Ҳама халқи ҷаҳон гардад баробар,
Ҳама дар зиндагӣ бошанд хуррам.

* * *

Битарсад одамӣ аз маргу мурда,
Ба ҷогаҳ асту хоби марг бурда.
Ки умри мову ту бошад амонат,
Машав асло зи марги худ озурда.

* * *

Ватан, ман ору номуси ту ҳастам,
Ватан, ман марди дилсӯзи ту ҳастам,
Ба ҳар хору хасат дилбастаам ман,
Қасам бар ҷон, ки сарбози ту ҳастам.

* * *

Ватан, бо номи ту панҷ вақт намозам,
Биболам бо туву бо ту бинозам.
Дуои ман барои шӯҳрати туст,
Ту бошӣ дар ҷаҳон розу ниёзам.

* * *

Биборид барфу олам зери он монд,
Зимистон аз вурудаш номае хонд.
Ҳама хуррам зи пайғоми табиат,
Ғаму кулфат зи қалби одамон ронд.

* * *

Зи дасти нокасе то кушта гаштан
Ва ё умре зи дасташ гӯшна гаштан,
Насозем бо чунин тақдири носоз
Даруни бахри бетаг ташна гаштан.

* * *

Ҳама бехуд гирди деги ошанд,
Барои мизи мансаб дар талошанд.
Гумон созанд, мансаб тахту бахт аст,
Ҳама бегона аз қавми кӣ бошанд?!

* * *

Мақоми ҳокимӣ бар ӯҳда дорад,
Зи чашми сарди ӯ бин, жола борад.
Ба наздаш одамӣ камтар зи мӯр аст,
Чӣ кӯдак, пиракӣ фарқе надорад.

* * *

Зи ҷисмат меравад ҷону ҷаҳонат
Намонад дар ҷаҳон ному нишонат.
Аз умри рафтаат андешае кун,
Бикун коре ба дил армон намонад.

* * *

Ки мурғи беҳунар ҳаргиз нахонад,
Агар хонад чизеро ӯ надонад.
Шунав ту хониши зебои булбул,
Ба гӯшат то абад боқӣ бимонад.

* * *

Чӣ форам аст насими навбаҳорон,
Гирифта оламеро лолазорон.
Тамоми ҷону ҷонвар зинда гардад,
Шавад ҷойи тамошо боғу бӯстон.

* * *

Шавад тӯи табиат дар баҳорон,
Шавад хуррам замин аз оби борон.
Ҷаҳон пӯшад ба тан пероҳани сабз,
Ҷило бахшад ба он хуршеди тобон.

* * *

Ту гӯӣ, оламе бозори гул шуд,
Дили бадмасти мо хуммори гул шуд.
Нишоти тоза дорад рангу бӯяш,
Пари рухсори мо хушдори гул шуд.

* * *

Ба соҳил кай бигунҷад оби дарё?
Занад худро ба сангу кӯҳу саҳро.
Зи ишқи фасли гулҳо гашта Маҷнун,
Гирифта раҳ ба сӯйи мулки Лайло.

* * *

Ба шохи ҳар гуле як булбуле ҳаст,
Ба ҷисми булбуле дон, як диле ҳаст.
Дили булбул ба гул гардида шайдо,
Барои ошиқон хуш манзиле ҳаст.

* * *

Аҷаб фасли дилоро аст баҳорон,
Аҷаб фасли гуворо аст баҳорон.
Биборад мӯъҷиза чун барфу жола,
Бигардад хоки тира боғу бӯстон.

* * *

Шикасти қимати гул дар баҳорон,
Ба сар гулдаста доранд он дарахтон.
Табиат рангу бӯйи тоза дорад,
Чу ҳар лаҳза биборад резаборон.

* * *

Баҳори ҷовидони ман ту ҳастӣ,
Хумори ҷовидони ман ту ҳастӣ.
Набошад бе ту як дам зиндагонӣ,
Ҳисори ҷисму ҷони ман ту ҳастӣ.

* * *

Чӣ фасли дилкушо ҳастӣ, баҳорон,
Ба ҳар дарде даво ҳастӣ, баҳорон.
Ту фасли дилрабоӣ чун арӯсон,
Ба чашми мо зиё ҳастӣ, баҳорон.

* * *

Ба фасли қаҳратон гаштӣ музаффар,
Зи файзат оламе гардад мунаввар.
Ба ҳуснат қудсиён ошиқ шудастанд,
Гирифт бӯйи гулат ҳастӣ саросар.

* * *

Равам ҷое, ки он ҷо ғам набошад,
Нишон аз оламу одам набошад.
Гулистонею як соҳибҷамоле,
Дилам аз ишқи покаш кам набошад.

* * *

Дили бемори манро марҳаме нест,
Дар ин ғамхонаам як маҳраме нест.
Намедонам, ба кӣ гӯям сирамро,
Дар ин олам маро як ҳамдаме нест.

* * *

Бало борад ба сар аз чархи гардун,
Дилу дида зи ҷабраш гашта пурхун.
Макони дарду ғам гашта тану ҷон,
Бихоҳам, ки равам аз давра берун.

* * *

Зи мо рӯ тофта айёми равшан,
Ба дида кай битобад ранги гулшан?
Ту гӯӣ, дар баҳор фасли зимистон,
Набошад гармие дар ҷисму дар тан.

* * *

Табиат мешавад ҳар лаҳза дигар,
Гоҳе барфу гоҳе борон шавад сар.
Ки ранги вазъи имрӯзи замона
Дили моро ба ваҳм орад саросар.

* * *

Куҷо донам, мусулмон ё ки кофир,
Ҳама пиру ҷавон бошад мусофир.
Замин бошад макони ҳамаи мо,
Ки рӯзе меравем ба ҳукми тақдир.

* * *

Надӯхтем чашми худ бар моли дунё,
Қаноатро зи давлат дида авло.
Напӯшиду нахӯрд шуд расми дуздон,
Бидидем ҳоли зори шахси доро.

* * *

Зи ҳадди одамӣ берун нарафтем,
Зи қалби беқарор ҳарфе нагуфтем.
Ба ризқи додааш карда қаноат,
Ба боғи зиндагӣ чун гул шукуфтем.

* * *

Агар афтам, шумо дастам бидоред,
Зи лоқайдӣ паси сарро нахоред.
Расад рӯзе, бигирам дасти дӯстро,
Чунин пандро ба гӯши худ бидоред.

* * *

Ба уммеди касон ҳаргиз назистам,
Агарчӣ дар ғами халқам гиристам.
Ҳамон вақте ки душман ҳамла овард,
Зи зарби шери ман, донист, ки кистам.

* * *

Зи ҳаҷрат пир шудам, абрӯкамонам,
Ба ёди ишқи ту то кай бимонам?
Дили шайдои ман аз нав ҷавон шуд,
Расидан васли туро дар гумонам.

* * *

Аё деҳқони пуркору забардаст
Зи дастат дашт бо гулзор пайваст.
Ту ҳастӣ ҷонфидои аҳли олам,
Гулистон шуд куҷо даште агар ҳаст.

* * *

Зи деҳқон хони мо пурнозу неъмат,
Хӯрем аз дасти ту нони беминнат.
Фидо созад барои мо тану ҷон,
Кунад бар нафъи мо пайваста меҳнат.

* * *

Ки тухми лухсида аз хок нарӯяд,
Агар рӯяд, касе онро набӯяд.
Ба мисли шӯраву гулҳои худрӯй,
Касе ҳосил зи онҳо кай биҷӯяд?

* * *

Баҳор омад, замин пурлола гардид,
Найи чӯпонӣ ҳам пурнола гардид.
Бишуд иди бузурги сабзаву гул,
Дилам бар ишқи дилбар вола гардид.

* * *

Баҳор омад, ба роҳаш дида медӯз,
Ба ишқаш меҳри тобон дар табу сӯз.
Бихезад оламе аз хоби нозаш
Расонад муждае аз Иди Наврӯз.

* * *

Гузашта таърихи давру замонҳо,
Шикаста тахту тоҷи шоҳу хонҳо.
Бимонад халқи азизам пой бар ҷо
Агарчӣ монда буд зери гумонҳо.

* * *

Шавӣ халқӣ азизам, хонаобод,
Ки бошӣ доимо аз ғусса озод.
Ба ту бахти накӯ гардид муяссар
Сари сахти ту доим дар амон бод.

* * *

Бизӣ, эй миллати овозадорам,
Зи ту мебошаму дар ифтихорам.
Манам тоҷик, ҷигарбанди ту ҳастам,
Ба шону шӯҳратат саҳме гузорам.

* * *

Ба кӯят саҷда орам, эй диёрам,
Ба поят сар гузорам, эй диёрам.
Дар олам ту ягона сарпаноҳам,
Ту ҳастӣ ғамбарорам, эй диёрам.

* * *

Ба сад дардам шифо аст обу хокат,
Шикаст шаҳди асал аз себу нокат.
Чизе бо боғу роғи хушҳавоят
Бубахшад бар дилу дида назокат.

* * *

Ба домонат намудам истироҳат,
Сари кӯҳат намуда истиқомат.
Шифо бахшад ба дардам оби покат,
Гумон кардам ки дору гарди хокат.

* * *

Зи обат тозатар обе набошад,
Зи бодат тозатар боде набошад.
Барои зиндагӣ ҷойи муносиб
Зи боғат олитар боғе набошад.

* * *

Бираҳсад оби дарёи Зарафшон,
Шавад аз файзи он боғҳо гулафшон.
Расад дасташ ба домони Бухоро,
Кунад ободу зебо мулки дӯстон.

* * *

Зарафшоно,Зарафшоно, Зарафшон,
Ту мондӣ ёди нағзе аз Хуросон.
Туро дӯстони мо дар ёд доранд,
Куҷо таърихи ту бо гуфтан осон?

* * *

Зи тифлӣ оби ту дармони мо буд,
Ҳаловатбахши ҷисму ҷони мо буд.
Агар обат бихушкад, сӯзат олам,
Зарафшон, соҳилат бӯстони мо буд.

* * *

Зарафшон, роҳи ту дигар нагаштааст,
Зи умрат соли бисёре гузаштааст.
Ту ҳоло навҷавонию ҷавонӣ,
Сари роҳат харидорон нишастааст.

* * *

Нагардад кам шумори ташнагонат,
Биафзояд дамодам ошиқонат.
Барои сарватат доранд талошҳо
Ҳарисанду куҷо созанд қаноат?

* * *

Зи обат баҳраҳо гирад Самарқанд,
Томоми боғу роғаш бар ту пайванд.
Ту ҳастӣ ҳавзаи оби равонаш,
Ки тамъи мевааш авлотар аз қанд.

* * *

Замоне мегузаштӣ аз Бухоро,
Бидода шаҳру деҳашро ту оро.
Кунун аз ту фақат ному нишонест.
Бихушкад оби ту дар коми кӯлҳо.

* * *

Ту шаҳри дилписанд астӣ, Бухоро,
Ҳамеша бегазанд астӣ, Бухоро!
Ту будӣ маркази мулки Хуросон,
Ту шаҳри Борбанд[39] астӣ, Бухоро!

* * *

Ба меҳнат умри ту гардида моил,
Зи хоки тира рӯёнӣ ту ҳосил.
Ту донӣ рози пинҳони заминро,
Ту бошӣ бо замин ҳамрозу ҳамдил.

* * *

Зи тафти қалби гармат дона рӯяд,
Зи оби сарди борон дида шӯяд.
Шавад ҳосил фаровон фасли гармо,
Гурусна аз паи ту чора ҷӯяд.

* * *

Аё Шаҳрӯд, камарбанди Бухоро,
Диҳӣ шаҳри куҳанро зебу оро.
Зи обат хӯрдаанд Шоҳони Сомон,
Занӣ сар ҳар даме бар санги хоро.

* * *

Аё шаҳрам, ҷигарбанди ту Сино,
Ба оғӯшат кушод ӯ чашми бино.
Агарчӣ дар бари ту дер напоид,
Намуд номи туро машҳури дунё.

[39] Аҳмади Борбанд – шоири охири асри XIX ва аввали асри XX.

* * *

Аё шаҳрам, ба дидори ту зорам,
Зи ту берун равам, дон хору зорам.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷони ширин,
Ба ту охир бибахшам баргу борам.

* * *

Зи дӯстӣ зиндагӣ гардад мунаввар,
Зӣ дӯстӣ мешавад обод кишвар.
Ба қадри ваҳдати миллӣ расем мо
Зи дӯстӣ мешавад озод кишвар.

* * *

Аё шаҳрам, фазоят дилкушо аст,
Ҳама қасру биноят дилрабо аст.
Ба чашмам ту ягон айбе надорӣ,
Ҳамон лафзи чу қандат бебаҳо аст.

* * *

Бухорои шарифу номдорам,
Зи ту менозаму пурифтихорам.
Зи ту бошад маро ному нишоне,
Ба ту ман меҳри беандоза дорам.

* * *

Аё шаҳрам, зи ту дурӣ наҷӯям,
Раҳи мулки дигарро ман напӯям.
Ту ҳастӣ баҳри ман танҳову танҳо,
Сири дилро ба бегона нагӯям.

* * *

Ба дардам дардмон астӣ, Бухоро,
Замин ман, осмонӣ астӣ, Бухоро.
Мақоми ту расида то Сурайё,
Ту боғу бӯстон астӣ, Бухоро.

* * *

Агар ҳозир ба ҳарфи ман диҳӣ гӯш,
Маро ҳаргиз насозӣ ту фаромуш.
Ба васфат шеъри бисёре бигуфтам,
Биё, охир туро гирам ба оғуш.

* * *

Зи ишқи поки ту чун гул шукуфтам,
Тамоми рози худ бар ту бигуфтам.
Биё, як дам дили манро бар даст ор,
Чизи беҳударо аз ту нуҳуфтам.

* * *

Ту сӯзу сози ишқи дилбар омӯз
Ки бошад зиндагият иди Наврӯз.
Макун коре, ки орад хору зорӣ,
Ба гирди шамъи ҳуснаш рӯзу шаб сӯз.

* * *

Биё, ки манзилам сард аст, дилбар,
Дилам ғарқобаи дард аст, дилбар.
Надорад раҳму шафқат фасли сармо,
Биё, ки ранги ман зард аст, дилбар.

* * *

Ба ҳоли ман бикун ту раҳму шафқат,
Ки кайҳо додаам аз даст тоқат.
Шудам бемору зор аз дасти ҳаҷрат,
Зи хобу хези ман бегона роҳат.

* * *

Ба ҳоли зори ман коре надорӣ,
Магар бо ман сари ёрӣ надорӣ?
Хаёли ман гаҳе гардад парешон,
Ту дил бар дигаре дорӣ, надорӣ?

* * *

Ба назди пои ту сар мегузорам,
Дигар ёри дилороме надорам.
Дили бечораам майли ту дорад,
Ба ҳусни беқиёсат зору зорам.

* * *

Зи ту маъмуру шод аст хонадонам,
Зи ту осоиши ҳар ду ҷаҳонам.
Чӣ мешуд ҳоли ман, гар ту набошӣ?
Ту ҳастӣ, ман ғаму кулфат надорам.

* * *

Ба майдони ҷасорат гар даройӣ,
Гирехи зиндагиро мекушойӣ.
Агар созам ба ту ман раҳнамойӣ,
Ҷаҳонеро ба ин олам намойӣ.

* * *

Магӯ, ки меравӣ рӯзе зи олам,
Агарчи будаӣ ту нақши одам.
Машав садди раҳи дуру дарозам,
Барои кору борам фурсатам кам.

* * *

Замона нокасонро сарварӣ дод,
Басо кӯру каронро бартарӣ дод.
Ба зиндон маҳкуманд мардони оқил,
Барои ҷоҳилонаш доварӣ дод.

* * *

Чӣ нолӣ аз ҷафоӣ чархи гардун?
Дили бечораам гардида пурхун.
Ба дарди худ чӣ гуна чора ҷӯям?
Чу худ девонаам бадтар зи Маҷнун.

* * *

Ба аҳдам устуворам, дилбари ҷон,
Ба ишқат хору зорам, дилбари ҷон.
Накардам баҳри ту ман бевафоӣ,
Туро дӯстат бидорам, дилбари ҷон.

* * *

Чӣ мехоҳӣ, зи ман, эй олами дард?
Суханҳоят чу яхча сахту ҳам сард.
Ту қалби софи ман олуда кардӣ,
Биё, эй боду тӯфонам, бубар гард.

* * *

Ба ҳар ҷо мегузорам нақши худро,
Куҷо пинҳон кунам он рашки худро?
Бихонам гаштаю баргашта таърих,
Ба ёдат ҷорӣ созам ашки худро.

* * *

Аё шаҳри базебу дилпазирам,
Чӣ ободу чӣ зебо, беназирам.
Ту ҳастӣ ҷойи сайру ҳам тамошо,
Ба ҳусни чун арӯси ту асирам.

* * *

Гаҳе дилхун шавам аз таърихи ту,
Гаҳе мамнун шавам аз таърихи ту.
Гаҳе гаштӣ зи сар дарду давоҳо,
Гаҳе афсун шавам аз таърихи ту.

* * *

Гаҳе аз ту равам бар шаҳри дигар,
Шавад андӯҳу ғам шояд, ки камтар.
Кашад бар сӯйи худ боз ишқи дилбар,
Ҳаёти ман шавад аз буда батар.

* * *

Надорам тоқати аз ту ҷудоӣ,
Набошад ишқи ман пучу ҳавоӣ.
Бубин, ман ҳам ба мислат бандаи ишқ,
Надорам хислати дил бар гадоӣ.

* * *

Куҷо берун равам аз қалби покат,
Ба чашмам тӯтиё ҳар зарра хокат.
Ҳамин ҷо зодаму хокам дар ин ҷо,
Ки борҳо хушкида сабзам чу токат.

* * *

Агарчӣ ҷисми ман бошад тавоно,
Шиносад ҷомеа чун марди доно.
Ба назди дӯсту душман мисли кӯдак,
Хамӯшу нотавоне бинӣ, ҷоно.

* * *

Макун ишқи маро ту хору зоре,
Надорам бо касе ман кору боре.
Бубин, доим гирифтори ту ҳастам,
Набошам бар кафи пои ту хоре.

* * *

Надорам бар касе ҳаргиз хусумат,
Насозам бар касе беҳуда тӯҳмат.
Ҳама бошад сазовори замона,
Барои ҳар яке ҳастам ба хидмат.

* * *

Аё дӯстам, манам пазмони дидор,
Ба кору бори ҳаррӯза гирифтор.
Дилам меход, ки дар назди ту бошам,
Шудам аз дурият бисёр безор.

* * *

Гаҳе аз кори олам бенизомам,
Гаҳе хушвақту шоду хушмаромам.
Ҳаёт ҳамранги дарёи хурӯшон,
Гаҳе дорад зиён, гоҳе ба комам.

* * *

Бикун бовар, зи ту ҳаргиз наранҷам,
Ту бошӣ давлату ҳам симу ганҷам.
Надорам дар ҷаҳон ман шахси дигар,
Туро ҳаргиз дигарбора насанҷам.

* * *

Худо хоҳад, шавӣ машҳури дунё,
Ба ту бовар намояд халқи доно.
Худоё, зиндагият бехатар бод,
Насиби ту бигардад лафзи гӯё.

* * *

Зи ҳар фатҳат бигардад қалби ман шод,
Шавад шаҳру деҳот зебову обод.
Ба ту қойил бимонад аҳли дунё,
Ту ҳастӣ дарҳақиқат мулки озод.

* * *

Зи лутфат мешавад қалбам гулистон,
Зи ҳуснат мешавад хона дурахшон.
Ту ҳастӣ дилбари зебову оқил,
Ту ҳастӣ неъмати мулки Зарафшон.

* * *

Аё дилбар, чаро аз ман гурезӣ,
Гаҳе дил мебарӣ, гоҳе ситезӣ.
Ба доми зулфи ту афтодаам ман,
Зи ту тарсам, ки хуни ман бирезӣ.

* * *

Чаро бераҳмӣ ту, эй дилбари ҷон,
Ба дадри ман намегардӣ ту дармон.
Надонам, дар куҷоӣ, камнамоӣ,
Биё, зудтар ба назди ёри армон.

* * *

Шабона моҳи рахшонам ту ҳастӣ,
Ба ҷисми хастаам ҷонам ту ҳастӣ.
Набошӣ ту, шавад олам гӯристон,
Манам рӯҳонӣ, имонам ту ҳастӣ.

* * *

Магӯ, ки нотавону бенавоям,
Ба сад дарди замона ман давоям.
Кунам хидмат ба халқи меҳрубонам,
Ба раҳгумкардагон ман раҳнамоям.

* * *

Магӯ, ки ман ғами дунё надорам,
Магӯ, ки дидаи бино надорам.
Ба сар дорам ҳама ғамҳои инсон,
Зи ғавғои рақибон бекарорам.

* * *

Бародар бо бародар гар насозад,
Ба сози дигарон пайваста бозад.
Набошад сулҳу осоиш дар олам,
Ки ҷисму ҷони маро ҳам гудозад.

* * *

Агар айбе надорӣ, аз кӣ тарсӣ,
Аз пурсишҳои пурсанда наларзӣ.
Напӯшӣ чашми офтобро ба доман,
Агар покӣ, ба сад унвон ту арзӣ.

* * *

Зи меҳнат заррае ҳам кам набинӣ,
Сари коре агар гирӣ, ту мардӣ.
Шавад осуда аҳли хонадонат,
Ба дасти ҳеҷ касе мӯҳтоҷ нагардӣ.

* * *

Биё, зудтар, гули садбарги боғам,
Бикобию намоӣ ту суроғам.
Ғарибу бекасу ҳам нотавонам,
Надорад шӯълае шамъу чароғам.

* * *

Зи базми нокасон парҳезу парҳез,
Ба зидди инчунин шахсон ту ҳам хез.
Ҳама одамнамо шайтони дӯзах,
Бисӯзанд оламе бар оташи тез.

* * *

Ту ҳастӣ ҷаинати ман, деҳи Шавгон,
Барои ҳар яки мо модари ҷон.
Чӣ хушбахтам, дар оғӯши ту зистам,
Илоҳо, дар ҷаҳон ту то абад мон.

* * *

Аё Шавгон, ту донӣ ҳоли манро,
Чӣ доштам дар гузашта моли манро.
Ки ҳоло гаштаам дорои олам
Худат донӣ кунун аҳволи манро.

* * *

Зи номи неки ту дар ифтихорам,
Ту як дастагулӣ дар ин диёрам.
Шавӣ то ботароваттар зи пешин,
Шавам борону пайваста биборам.

* * *

Ба истиқболи рахшоне расидӣ,
Кушода чашми худ олам бидидӣ.
Кунун озодии ту бебадал бод,
Ҳама неку бади олам шунидӣ.

* * *

Бубин, инак ба ҳар як хонадон ид,
Тамоми ҷашну суратро ҷаҳон дид.
Саро мадҳи Ватанро ту баландтар,
Садоят то расад бар гӯши Хуршед.

* * *

Агар шоир туӣ, як шеъри нав гӯй,
Ба кӯи маърифат ту роҳи нав ҷӯй.
Гузар аз қолаби кӯҳнапарастӣ,
Агар тухми хубӣ, дар ҷои нав рӯй.

* * *

Ту дасту доман аз худпараст шӯй,
Агар арзе ту дорӣ, бар дарахт гӯй.
Шикам пур аз ҳаво ҳамчун нағора,
Надорад дарду ранҷе як сари мӯй.

* * *

Чу шоху бор дорад, он чанор аст,
Вагарна чӯби хушке дар канор аст.
Бигирад дарди моро ёри ҳамдил,
В-гарна зиндагӣ ҳам бебарор аст.

* * *

Сагу гурба ба ҳам ҳаргиз наояд,
Агар ояд, бидон, ҳаргиз напояд.
Яке обу дигар ҳамранги оташ,
Миёни обу оташ сулҳ н-ояд.

* * *

Барори кор хоҳам, дӯсти ҷонӣ,
Зи кору бори худ ҳаргиз намонӣ.
Ту ҳам дорӣ ба олам касбу коре,
Пайи мақсад ҳамеша ту равонӣ.

* * *

Ба олам одами беғам набошад,
Агар бошад, аз ин олам набошад.
Ғаму шодӣ асоси зиндагонист,
Яке аз дигаре ҳам кам набошад.

* * *

Ба дарди ишқ сӯзӣ, ҳамсарат ку?
Ба роҳаш дида дӯзӣ, раҳбарат ку?
Ману ту ҳам ба мисли ҷуфти булбул,
Пайи парвоз ҳамболу парат ку?

* * *

Ба олам буданат хуршеди бахт аст,
Зи олам рафтанат як рӯзи сахт аст.
Худо бар ту диҳад умри дарозе,
Сари ҳар санг бо ту беҳ зи тахт аст.

* * *

Дарахти бесамар қадре надорад,
Аз ин рӯ ҳеҷ кас онро накорад.
Агар одам шавад беқадру қимат,
Суханҳояш ба гӯши кас нафорад.

* * *

Агар мардӣ, навозиш кун падарро,
Ту ҷо дар тори сар кун тоҷи сарро.
Ки сарфи ту намуд ҷону ҷаҳонро
Наёбӣ инчунин ҷону ҷигарро.

* * *

Аё Модар, Аё Модар, чӣ зотӣ?
Ҳуқуқи зиндагӣ бар ман ту додӣ.
Зи насли одамӣ ё худ фариштa,
Ки то ин ҳад чунин некӯниҳодӣ?

* * *

Куҷо донӣ, чаро ғамгин шудам ман,
Зи рафторат чаро хашмин шудам ман?
Ба ҷойи ваъдагӣ пайдо нагаштӣ,
Ба мисли ҳайкали сангин шудам ман.

* * *

Биё, эй дилбари хонанишинам,
Рухи бепардаатро сер бинам.
Туро манзил бувад ин хонаи ман,
Бароят даста-даста гул бичинам.

* * *

Сарат дарде набинад, эй ҳабибам,
Бадиеро нахоҳам бар рақибам.
Ҳамарӯза бувад касбам дуое:
Илоҳо, доимо бошӣ қарибам.

* * *

Бухоро, дарди ту бар ман аён аст,
Ба дӯшат бори сангини замон аст.
Ба тахтат дӯсту душман буд талабгор,
Ки оҷиз ҳарфи ман аз ин баён аст.

* * *

Чу фарзандат дилам бар ту бисӯзад,
Ҳамон вақте ки душман чашм дӯзад.
Ба молу мулки ту бошад харидор,
Миёни дуду оташ монда резад.

* * *

Аҷаб дунпарварӣ, эй чархи гардун,
Ҷигарҳо аз ҷафоят гашта пурхун.
Надида илтифотат халқи мазлум
Ҳамеша аз ту бошад зору маҳзун.

* * *

Надонад ҳеҷ кас аъмоли моро,
Напурсад ҳеҷ кас аҳволи моро.
Ҳаётему азоби гӯр дидем,
Ки мехоҳанд шикастан боли моро.

* * *

Ҷигарбандам, шунав ту панди устод,
Тамоми умр шав хушбахту дилшод.
Нарӯяд донае дар мазраъи шӯр,
Бишав одам, раҳи умрат дароз бод.

* * *

Муаллим, обрӯи ту баланд аст,
Ки ному шӯҳрати ту бегазанд аст.
Ба ту омад, ба ту умри дарозе,
Ҳама гуфтори ту бар мо писанд аст.

* * *

Ту ҳастӣ ҷони ман, ҷононаи ман,
Миёни гулрухон фарзонаи ман.
Набошӣ рӯзаке, қалбам кабоб аст
Чу холи зери лаб, якдонаи ман.

* * *

Ку парвозат, пару болат набошад
Асоси давлатат, молат набошад?
Дар олам бекасу бечорагӣ ту,
Ба гирдат дӯсти ҳамсолат набошад.

* * *

Фаромӯшам макун, эй ёри ҷонӣ,
Зи ҳар чӣ монию аз ман намонӣ.
Бароят садка бод, ин сар, ки дорам,
Фақат қадри маро худат бидонӣ.

* * *

Калиди қулфи дунё илму дониш,
Агар дастат диҳад пайваста хониш.
Расӣ бар қуллаи илми ҷаҳонӣ
Бувад кори заифон дарду нолиш.

* * *

Биё дилбар, ту рашки Моҳу Парвин,
Ба оина назар кун, суратат бин.
Миёни духтарон шоҳи париён,
Агар хоҳӣ, ба тахти ошиқон шин.

* * *

Ту ғамхорӣ ба шогирдон, муаллим,
Миёни дигарон пурдон муаллим.
Кушоӣ ҳар гиреҳи илму дониш,
Туӣ сарчашмаи ирфон, муаллим.

* * *

Бузургони ҷаҳон ангуштшуморанд,
Ба мисли қатраи борон наборанд.
Замона пур бувад аз зоти золим,
В-агарна тухми носолим накоранд.

* * *

Зимистон баҳри кӣ фасли азоб аст,
Барои дигаре сарду хароб аст.
Ҳама тартиб диҳад як нақшаи нав,
Барои деҳқон вақти ҳисоб аст.

* * *

Даромад фасли дай бо барфу борон,
Панаҳ бурданд мӯру мурғу морон.
Куҷо рафтанд мурғони фирорӣ,
Ба ёди сабзи фасли навбаҳорон?

* * *

Аҷаб зебо бувад фасли зимистон,
Тамоми оламе гардида яксон.
Замин пӯшидааст пероҳани нав,
Ба вақти зодрӯзаш гашта хандон.

* * *

Магӯ, ки халқи мо нодору ночор,
Ба даври иқтисоду моли бозор.
Ҳама Ҳотам, ҳама Қоруни даврем,
Ки ҷисму ҷони мо бедарду озор.

* * *

Зи кори худ шудам акнун пушаймон,
Шикастам аҳду паймонро чаро, ҷон?
Қасам хӯрдам ба наздат, ҷону ҷонон,
Пушаймонам, пушаймонам, пушаймон.

* * *

Зимистон буд, зи дар омад баҳорам,
Чароғон гашт чашмони хуморам.
Биё, гуфтам баҳори нозанинам,
Шавад рӯшан зи нурат қалби зорам.

* * *

Шуда борон, сару рӯят бишӯям,
Дили ошуфтаатро ман биҷӯям.
Марав аз худ, зи олам меравам ман,
Ба гӯшат шеъраки ишқӣ бигӯям.

* * *

Расид аз роҳ фасли навбаҳорон,
Бубин, мужда расонад резаборон.
Насим по мезанад ба рақсу бозӣ,
Баланд гардид навои чашмасорон.

* * *

Дамад ҷон дар танам чун сабзаи тар,
Ба ҳар сӯ барфи гул борад саросар.
Баҳор омад, бикун бовар, бародар,
Бигирем зиндагии тоза аз сар.

* * *

Мапиндорам, ки зору нотавонам,
Чу дарёи хурӯшони дамонам.
Гаҳе аз қаъри соҳил мебароям,
Гаҳе сарпасту сусту пурфиғонам.

* * *

Худованди карим, бар мо назар кун,
Гумони бад зи қалби мо бадар кун.
Зи фармони ту мо бурун нарафтем,
Бикун раҳму ҷазои худ дигар кун.

* * *

Намозу ҳам ниёзатро бидонем,
Ҳама амри туро пайваста хонем.
Аз ичрояш дигар мо сар натобем,
Зи боргоҳат қадам берун намонем.

* * *

Ба сӯят дидаи уммед бандем,
Дили саршори меҳр аз ту накандем.
Ҳама бар ту имон овардаем мо,
Ба ҳоли кофирон дониста хандем.

* * *

Бидонем дӯзаху ҳам ҷаннати ту,
Умедвор қалби мо аз ҳиммати ту.
Раҳо кун мушкили мо дар қиёмат,
Насиби мо бигардад раҳмати ту.

* * *

Шабу рӯз номи ту вирди забонам,
Ки меҳри гарми ту дар мағзи ҷонам.
Насозам ман туро як дам фаромӯш,
Агар ҷонам гирӣ як дам намонам.

* * *

Аҷаб бахшандаӣ, Парвардигорам,
Умеди зиндагӣ ман аз ту дорам.
Агарчӣ бегунаҳ ҳаргиз набудам,
Ба раҳму шафқатат умедворам.

* * *

Ту моҳу офтобе офаридӣ,
Ту хоку боду обе офаридӣ.
Шавад то қалби мо аз нур рӯшан,
Ба оташ Ту чӣ тобе офаридӣ.

* * *

Ту бошӣ Холиқи ҳар ҷони зинда,
Ҳама инсон ба наздат буда банда.
Ҳуқуқи зиндагӣ додӣ ба мардум,
Худат меъмору олам офаранда.

* * *

Асосӣ зиндагонӣ – дини Ислом,
Ба инсон муждагонӣ – дини Ислом.
Дилу дида зи ту гардад чароғон,
Саводи бандагонӣ, дини Ислом!

* * *

Дили бечораам дар изтироб аст,
Зи дасти ишқи нокомам кабоб аст.
Намедонам, ки ёри ман куҷо шуд?
Куҷо донад, ки ҳоли ман хароб аст.

* * *

Ғами олам тану ҷонро бисӯзад,
Нигоҳи офаташ дар дида сӯзад.
Куҷо ҷойи гурез аз дасти зулмаш,
Сияҳ чун шоми торик гашта рӯзат.

* * *

Надорам шиквае аз зиндагонӣ,
Худат феълӣ бади манро бидонӣ.
Гаҳе шӯрам гаҳе осудаҳолам,
Маранҷ аз ман ба ҷисми ман ту ҷонӣ.

* * *

Гирифтори туям, эй ёри ҷонӣ,
Пас аз ман ҳам ту бояд зинда монӣ.
Дилам хоҳад, ки ҳамроҳи ту бошам,
Ки ишқи мову ту ҳаст ҷовидонӣ.

* * *

Набинад ҳеҷ кас дарди ҷудоӣ,
Нагӯям бар касе ҳарфи ҳавоӣ.
Ҳама бошад ба ҷуфти хеш содиқ,
Шавем ҳар як ба ёри худ фидоӣ.

* * *

Машав ғарра ба молу давлати худ,
Бишав оқил, бигард аз савлати худ.
Сароб аст давлату ҳам савлати ту,
Расад рӯзе ту донӣ иллати худ.

* * *

Касу нокас набошад дӯсти ҷонӣ,
Дар олам бешумор аст дӯсти нонӣ.
Набошад арраву ранда баробар,
Ки бояд фарқи ҳар дуро бидонӣ.

* * *

Насозад шоире даъвои шӯҳрат,
Кунад рӯзу шабон пайваста меҳнат.
Қалам аз дасти он ҳаргиз наафтад,
Ки бошад беҳтарин сарбози миллат.

* * *

Ту донӣ дарду озори диламро,
Ту донӣ ҳам суроғи манзиламро.
Чаро аз баҳри дилпурсӣ наоӣ?
Худат парвардаӣ хоки гиламро.

* * *

Ту ҳастӣ сарвару ҳам сарпаноҳам,
Худат ғамхори имрӯзу пагоҳам.
Зи дасти ту бувад осоиши ман,
Биё, наздам, шунав ту дарду оҳам.

* * *

Ду-се рӯз аст, аҳволам хароб аст,
Ки чашмони хуморам пур зи об аст.
Нагаштам сер зи дидори парирӯ,
Дили бечораро ёфтан савоб аст.

* * *

Худоё, бандаат танҳо набошад,
Агар бошад, зи ин дунё набошад.
Дилам торс мекафад аз тарси ёрам,
Агар дар хона он барно набошад.

* * *

Зи дарди ишқ сӯзад ҷисму ҷонам,
Ки гӯё рафтааст ҷону ҷаҳонам.
Ба чашмам оламе гардад хароба,
Надонам дар куҷо ман сар бимонам.

* * *

Сарам гардад ба мисли чархи гардун,
Зи базми ёру дӯстон монда берун.
Зи кирдорам биранҷид ёри ширин,
Ғами деринаам гардид афзун.

* * *

Биё, ҷонам, ки ҷоят дар дили ман,
Ба ту пешкаш макону манзили ман.
Марав аз ман, ки ҷонам мебарояд,
Агар хорам, ту шав доим гули ман.

* * *

Шикоят кай барам аз ту, парирӯ,
Ту ҳастӣ дилбари зебову хушрӯ.
Ба гирдат чарх занад сад ошиқи зор,
Худам гардам ба ту дилдору дилҷӯ.

* * *

Гузашт аз сар баҳори навҷавонӣ,
Куҷо рафту чӣ шуд бар ӯ, надонӣ.
Фақат донам баҳори гулфишон буд,
Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ.

* * *

Бубин, умри азизи ман адо шуд,
Надонам, ки пас аз онҳо чиҳо шуд.
Ки роҳам мебарад бар мулки нестӣ,
Ҳама буду набуди ман куҷо шуд?

* * *

Биё, ҷонам, каме бо ҳам бубошем,
Дар ин олам каме беғам бубошем.
Мисоли шамъ умри мо шавад кам,
Биё, ки доимо ҳамдам бубошем.

* * *

Надорам тоқати дурӣ, паризод,
Насиби ту бувад бахти худодод.
Биё, як дам лаби дарё нишинем,
Ману ту аз дигар модар намезод.

* * *

Ту ҳастӣ ҷони ман, ҷононаи ман,
Миёни дилбарон фарзонаи ман.
Зи ту бошам дар ин базми шабона,
Ту ҳастӣ шоҳсутуни хонаи ман.

* * *

Ҷаҳон рӯзе зи мову ту бимонад,
Касе моро дигар бора нахонад.
Агар номи накӯ аз худ бимонем,
Ҳамон вақт қадри моро пас бидонад.

* * *

Нагаштӣ олиме, ту одаме шав,
Ба ёрон ҷонфидову ҳамдаме шав.
Маҷӯ аз дигарон як дам ҷудоӣ,
Барои ёри худ ту марҳаме шав.

* * *

Ба инсон давраи пирӣ ғамангез,
Ба рӯзи неку бад гардӣ ту парҳез.
Ба чашмат бад намояд дӯсту душман,
Ба дарди бедаво гардӣ саҳархез.

* * *

Нагардад чашми ту аз зиндагӣ сер,
Агарчӣ мерасад дар сина шамшер.
Барои зинда мондан дар талошӣ,
Бимондӣ бар ҷаҳон беҳуда ту меҳр.

* * *

Аё, эй дилбари ошуфтаҳолам,
Зи дарду доғи ту ҳаргиз нанолам.
Кӣ рӯзи равшани туро сиёҳ кард,
Хабар дорам, худам донам чӣ ҳолам.

* * *

Пару болам ту ҳастӣ, дилбари ҷон,
Сари фолам ту ҳастӣ, дилбари ҷон.
Туро дар умри худ танҳо намонам,
Сари солам ту ҳастӣ, дилбари ҷон.

* * *

Надорам шиквае аз ёри ҷонӣ,
Зи мардони барӯманди ҷаҳонӣ.
Ҳама бори замон бар дӯши онҳост,
Бикӯш аз чашми онҳо дур намонӣ.

* * *

Набошад ёри мо ранҷидахотир,
Ва ё дар ғайби мо гардад хавотир.
Ба фармони дилаш омода ҳастем,
Насозем мо гуноҳ аз хеш содир.

* * *

Напояд моли дунё, эй бародар,
Равад рӯзе зи дастат он саросар.
Шавӣ бечораву бе тангаи зар,
Бимонӣ дар Ватан ҳам дар паси дар.

* * *

Набинад ҳеҷ касе умри дубора,
Нагардад кӯдаке дар гоҳвора.
Бикун коре, нагардӣ то пушаймон,
Ба маргу мурда ёбӣ кай ту чора?

* * *

Ғаму андӯҳи дунё бори сар шуд,
Тани ранҷури манро дарди сар шуд.
Набошад ҳеҷ халосӣ аз чунин бор,
Ки ин рӯзаш аз он рӯзаш батар шуд.

* * *

Шаби ҳичрон даруни оташам ман,
Азоби ду ҷаҳонро мекашам ман.
Зи ҳолам бехабар он ёри бемеҳр,
Ки баҳраш рӯзу шаб заҳмат кашам ман.

* * *

Ба қадри зиндагӣ бояд расидан,
Заволи умри худро то ба дидан.
Барои мову ту ҳар дам ғанимат,
Савоб аст аз мане панде шунидан.

* * *

Биёбӣ то ки ту умри дарозе,
Намоӣ зиндагиатро ту созе.
Зи осоиш бизояд умри одам,
Бикун дар умри худ кори савобе.

* * *

Маро бар доми зулфат банда кардӣ,
Ба ишқи поки худ побанда кардӣ.
Кунун аз ту надорам ман ҷудоӣ,
Миёни ошиқон шарманда кардӣ.

* * *

Аё дилбар, маро девона кардӣ,
Диламро бурдию бегона кардӣ.
Миёни мову дил афтод ҷудоӣ,
Намедонам, ки кай ҷонона, гардӣ?

* * *

Зи маҷрои ҳаёт берун нарафтам,
Ки ҷое дакка хӯрда то наафтам.
Басе роҳи дарозу пурхатар аст,
Сари роҳе ба ҳеҷ ҷое нахуфтам.

* * *

Магӯ, ки умри ман як даму як дам,
Масоз он қалби пурармон пури ғам.
Ба умри кӯтаҳи худ шӯъла афрӯз,
Ки номат бар бузургон гардад ҳамдам.

* * *

Чаро ҳаргиз надорӣ сабру тоқат,
Надорӣ бар касе меҳру садоқат?
Нагардӣ бар касе дӯсту бародар,
Ба дил мепарварӣ ҷаҳлу адоват?

* * *

Ба ту ҷангу ҷадал гардида одат,
Ба сар рӯзе биборад санги офат.
Бипарто одати деринаатро,
Шавӣ рӯзе ту ҳам побасти кулфат.

* * *

Бикун хидмат ба аҳли мӯсафедон,
Ба аҳли нотавону ҳам ғарибон.
Ҳама мӯҳтоҷи дасти ёрӣ ҳастанд,
Туро ҳам дӯст доранд аз дилу ҷон.

* * *

Намонад дар ҷаҳон як одами зор,
Зи дасти одаму олам шуда хор.
Ҳама бар ӯ шавем мушфиқу ғамхор,
Набинад аз хасе ӯ дарду озор.

* * *

Гузашта фасли гул, хушкида боғҳо,
Ба ҷойи боғу бӯстон монда доғҳо.
Ба гӯш ояд фиғони булбули зор,
Панаҳ ҷуста ҳама дар кунҷи роғҳо.

* * *

Кушо ҳиммат ба мисли хони неъмат,
Ки борат бар сарат борони раҳмат.
Магӯ, ки дигарон некӣ надонанд,
Зи ту бегона гардад дарду офат.

* * *

Агар марди зи неки даст мабардор,
Зи ҳоли мардумон бошӣ хабардор.
Зи худбину зи худхӯр дур мегард,
Набошад то касе дар зиндагӣ хор.

* * *

Ту панду ҳикмати моро ба гӯш гир,
Нагардад одаме озурдахотир.
Дили пиру ҷавонро ту ба даст ор,
Ки бошад қалби ту покиза чун шир.

* * *

Фурӯ мондем зи бори зиндагонӣ,
Бикун шукре, ки дар раҳ ту намонӣ.
Аз ин роҳе, ки пур аз печу тоб аст,
Ба осонӣ гузаштан кай тавонӣ?

* * *

Худо гӯ, ки зи по ҳаргиз намонӣ,
Ғарибу бенаво худро намонӣ.
Зи сахтиҳои роҳат бохабар бош,
Гумон созӣ, ки худ баҳри дамонӣ.

* * *

Зи бозиҳои қисмат бохабар бош,
Ба базми ошиқон огаҳназар бош.
Набошад ҷоми май олудаи заҳр,
Зи ёру душмани худ пухтатар бош.

* * *

Ба ту роҳи сафед, эй нури дида,
Нидои қалби моро ҳам шунида.
Бирав дар хидмати Модар Ватан ту,
Ба қадри хоки он умре расида.

* * *

Гузашт давру ба дасти ман асо дод,
Барои аз ҷаҳон рафтан дуо дод.
Вале дил мисли сабза пурумед аст,
Барои зистанам фурсат Худо дод.

* * *

Надорам ман умед аз умри монда,
Ки ҷисму ҷони манро дард ронда.
Гумон созам, ки ризқам канда гардад,
Барои зистанам вақте намонда.

* * *

Гузашт умру зи қисмат ман нанолам,
Худоро шукр, бо ризқи ҳалолам.
Каму камбудиеро ман надидам,
Ҳама доштанд хабар аз ҳолу молам.

* * *

Ҳаёт пайваста мегардад фаровон,
Шуда кишвар саросар боғу бӯстон.
Ҳама саргарми кору меҳнат астанд,
Бидида чашми мо гардад дурахшон.

* * *

Кай аз карда шавӣ охир пушаймон,
Шикасти сад ҳазорон аҳду паймон.
Зи кайфи бода мегардӣ чу маҷнун,
Шуда Лайлои ту ҳайрону гирён.

* * *

Қаду қомат ба мисли кӯҳи Помир,
Ки ахлоқат ба мову дигарон сир.
На коҳ ҳастӣ, на донӣ, гандумӣ ту,
Ба суди одамӣ кай ҷӯи тадбир?

* * *

Надорат сӯҳбатат як зарра маъно,
Ки лол монда ба наздад марди доно.
Шабу рӯзе ба ман ки ҳарза гӯӣ,
Дилам ғаш мешавад аз ҳарфи беҷо.

* * *

Дилам шайдои шеъри тозаву тар,
Кунам иншо ба мадҳи ишқи дилбар.
Шавад шевотарин шеъре ба дунё
Шукуфат қалби ӯ чун лола аз сар.

* * *

Аё ҷонам, яке зебопарастам,
Бирафтӣ як замон аз чанги шастам.
Диламро бурдию аз ман гурезӣ,
Зи кайфи ишқи ту ҳаррӯза мастам.

* * *

Надонам, ки савоби ман чӣ бошад,
Шудам ошиқ гуноҳи ман чӣ бошад?
Агар донӣ, бигӯ дилбар, якояк,
Ба ту гӯям, ҷавоби ман чӣ бошад?

* * *

Зи рӯи ҳамчу моҳат рӯ натофтам,
Чизе хостам, бикун бовар, ки ёфтам.
Ба сӯӣ қалби ту нақбе кушодам,
Зи қаъраш гавҳари поке биёфтам.

* * *

Зи нақлат дафтари қалбат бихондам,
Шунида ҳарфи ту, ҳайрон бимондам.
Шудӣ ошиқ, чаро бар ман нагуфтӣ?
Кунун ҷонам, ба ту уммед бандам.

* * *

Маро бебода карда ишқи покат,
Фаровард аз само бар рӯи хокат.
Шудам ошиқ, маро маъзур дорӣ,
Бад-он рухсораи ҳамранги нокат.

* * *

Шабу рӯз дар роҳат ман интизорам,
Биё, зудтар ба наздам, гулбаҳорам.
Гули парвардаам ту ҳастию ту,
Шавам борони раҳмат, бар ту борам.

* * *

Зи ҳар кӣ монаму аз ту намонам,
Ғарибу бекасу ҳам нотавонам.
Дигар дӯсти қарине ман надорам,
Ту ҳастӣ сарпарасти ҷисму ҷонам.

* * *

Ту ҳастӣ мулки дилро тахту тоҷам,
Зи Яздон бар мани бечора боҷам.
Набудӣ ту агар, ман ҳам набудам,
Зи ту бошад камолу ҳам ривоҷам.

* * *

Гули рӯят бувад ҳусни баҳорон,
Бибахшат рангу бӯяш резаборон.
Шудам шайдо ба ҳусни дилрабоят,
Зи ишқи ҷонгудозат дил хурӯшон.

* * *

Азоби ман зи ишқи бебарорам,
Зи сӯзи қалби худ дуде барорам.
Шудам пазмони чашмони хумораш,
Равад аз умри ман фасли баҳорам.

* * *

Куҷо рафтӣ, куҷо рафтӣ, нигорам,
Зи ҳаҷрат нотавону дилфигорам.
Дилам меҳод ба назди ман ту бошӣ,
Туро аз ҷони худ боло гузорам.

* * *

Ба ишқат ҷону тан сад раҳ фидо бод,
Ба дарди бедавои ман даво бод.
Набошад зиндагӣ бе ишқи покат,
Ки ёри мо ба ду дунё Худо бод.

* * *

Азоби ишқ давои дарди мо бод,
Ба ин ранҷи накӯ ҷонҳо фидо бод.
Ба ишқи ёри худ ман зинда ҳастам,
Ба ҳаққи дилбарам садҳо дуо бод.

* * *

Ки зан олиҳаи давру замон аст,
Ки қадраш олию ширин зи ҷон аст.
Ба қадраш то расем, эй насли Одам,
Кунем хидмат ба ӯ то ки ҷаҳон аст.

* * *

Аё Модар, ба ман ҷон офаридӣ,
Ки худ ранҷу азоб арзон харидӣ.
Ҳама қарздор ба назди модари ҷон,
Зи умрат пораеро ту буридӣ.

* * *

Адо созӣ ту фармони Худоро,
Бидодӣ дар ҷаҳон садҳо даҳоро.
Ту охир насли одам офаридӣ,
Ба ҳар ҳар як медиҳӣ асли баҳоро.

* * *

Маранҷон модари чун мушти парро,
Макун дар зери по ту тоҷи сарро.
Бароят ҷони худро ӯ фидо кард
Куҷо дидӣ чунин меҳри падарро?

* * *

Бигир ҷоно, дуои модари худ,
Бирас доим ба қадри ҳамсари худ.
Ки ҳар ду баҳри ту мушкилкушоянд,
Бубардор гар тавонӣ бар сари худ.

* * *

Ҳаёти мо ба дӯши модарон аст
Ки бори зиндагӣ беҳад гарон аст.
Ҳама буду набуди рӯзи сахте,
Чу меросӣ ба дӯши модарон аст.

* * *

Насиҳатҳои модарро ба ҳуш дор
Зи ҳарфе, ки бигӯяд, баҳра бардор.
Магӯ, ки ҳарзаҳои беҳуда он
Ки рӯзе мешавад бисёр даркор.

* * *

Бикӯш, модар зи ту ҳаргиз наранҷад,
Туро борҳо зи таҳти дил бисанҷад.
Агар аз ту бимонад қалби модар,
Дигар дар оламат ҳаргиз нагунҷад.

* * *

Барои модарат ҷонро фидо кун,
Дили озурдаи ӯро даво кун.
Нагардад сер зи дунёи ситамгар,
Зи доми ғам варо зудтар раҳо кун.

* * *

Набинам ман туро олудаи ғам,
Зи аҳли ин ҷамоа заррае кам.
Ту ҳастӣ модаре, фарзандӣ инсон,
Биист бар аҳди худ содиқ ва маҳкам.

* * *

Бирафтию ҷаҳони ман хароб шуд,
Умеду орзӯ пучу сароб шуд.
Намонд ҷое ба базми зиндагонӣ,
Дилам аз дарду ғам охир хуноб шуд.

* * *

Надорам тоқати дурӣ, ҷудоӣ,
Надонам, ки ту ҳозир дар куҷоӣ?
Надорад манзилат роҳи даромад,
Набошад бар ту ҳам роҳи раҳоӣ.

* * *

Аё Модар, ту кони меҳру шафқат,
Ту дорӣ байни мардум шону шӯҳрат.
Ҳама туро кунад ҳурмат чу модар,
Ба кирдори ҳама созӣ ту диққат.

* * *

Ғами олам, ғами одам насибат,
Ҳама хешу ҳама дарвеш ҳабибат.
Бани одам ба як чашм бинӣ, модар,
Зи шармаш мешавад дӯст он рақибат.

* * *

Дуоят баҳри мо пушту паноҳ аст,
Ба ҷисму ҷони мо боди сабо аст.
Кушояд сад гиреҳи зиндагонӣ,
Вагарна ҳоли мо доим табоҳ аст.

* * *

Набоши ту даме, олам хароб аст,
Дили пурғам ба ёди ту кабоб аст.
Марав модар зи манзил ҷои дигар,
Ду чашми равшанам чоҳи пуроб аст.

* * *

Зи олам монаму аз ту намонам,
Зи ту беҳтар касеро ман нахонам.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷони ширин,
Аё Модар, зи ту ҳаргиз намонам.

* * *

Сағирию кабирӣ, Модари ҷон,
Кабирию асирӣ, Модари ҷон.
Агарчи ҳукми ту бар мо раво аст,
Ба неку бад асирӣ, Модари ҷон.

* * *

Аё Модар ба ту пирӣ асар кард,
Ғами фарзанд туро ҳам дарди сар кард.
Зи умри рафтаат парво надорӣ,
Ғами олам куҷо аз сар бадар кард.

* * *

Мани пиронасарро мепарастӣ,
Зи меҳри кӯдакиям ту нарастӣ.
Ба наздат ман ҳанӯзам нотавоне,
Агар пирӣ, ту ғамхори ман астӣ.

* * *

Намонӣ дар ҷаҳон ту ҷовидона,
Ба мисли раҳгузар меҳмони хона.
Зи манзил меравӣ рӯзе, чӣ чора,
Наёбӣ баҳри мондан як баҳона.

* * *

Бидеҳ тавфиқ ба душман, эй Худоё,
Кунад раҳме ба ҳоли халқи дунё.
Бирезад равғанаш бар оташи ҷанг,
Хароб созад ҷаҳон бо заҳри кимё.

* * *

Забони тоҷикӣ баҳри дамон аст,
Ҳама харфу ҳиҷояш дон, гирон аст.
Забони миллату ҳам давлати ман,
Чунин гавҳар дигар ёфтан гумон аст.

* * *

Тасанноҳо, ба ту халқи муназзам,
Ба олам то нагарди аз яке кам.
Бароят ҷоннисориҳо намоем,
Бубанд банди камарро боз маҳкам.

* * *

Аҷаб халқи тавоно халқи тоҷик,
Ки дорад чашми бино халқи тоҷик.
Дилаш пурҷӯшу чун дарё хурӯшон,
Чӣ гӯям, фахри дунё халқи тоҷик.

* * *

Ба ту дилбастаам, халқи азизам,
Барои хидматат ҳамчун канизам.
Ба фармонат тану ҷонам фидо бод,
Бифахрам бо ту халқи ботамизам.

* * *

Зи бахти рӯшанат олам мунаввар,
Ту кардӣ кишварат обод саросар.
Ҳама кӯҳу биёбон шуд гулистон,
Бишуд тарзи ҳаётат хубу дигар.

* * *

Шинохт олам туро, эй миллати ман,
Ягона дар ҷаҳон, эй давлати ман.
Шуди машҳур ба олам, Тоҷикистон,
Бишуд лаъли Бадахшон сарвати ман.

* * *

Забони ноби тоҷикӣ хуш ояд,
Тамоми мушкилотро мекушояд.
Зи оҳангаш дилам чун гул шукуфад,
Тамоми узви ман дар рақс ояд.

* * *

Ба олам омадӣ, чизе зиёд кун,
Зи олам рафтагон як лаҳза ёд кун.
Набошад зиндагӣ майдони бозӣ,
Бикун кору дигарҳоро ту шод кун.

* * *

Гуноҳи мо гарон асту гарон аст,
Набошад айби мо, айби замон аст.
Набошад дасту пои мо кушода,
Ҳама побасти қонуни гарон аст.

* * *

Аё дӯстам, зи ту дидам ҳимоят,
Зи бахти пасти худ кардам ҳикоят.
Ба олам зоғи бедоғе набошад,
Барои некият гӯям дуоят.

* * *

Чӣ гашти дилкаше дорад зимистон,
Таги барф мондааст дашту биёбон.
Ба мисли бахти мо олам сафед аст,
Ҳама дарёю кӯл ранги яхистон.

* * *

Ба олам як даме беғам набудам,
Агарчӣ аз касе ҳам кам набудам.
Рами одам, ғами олам ба сар буд,
Зи қавмам он қадар дур ҳам набудам.

* * *

Аё дӯстам, ту ҳастӣ такягоҳам,
Зи ҷону дил камолатро бихоҳам.
Худоё, ман набинам хеч заволат,
Ту ҳастӣ шоҳиди ҳар як гуноҳам.

* * *

Агарчӣ тандурустем, хаста ҳастем,
Ба касбу кори худ дилбаста ҳастем.
Намонад бори мо дар нимаи роҳ,
Зи хобу роҳати худ раста ҳастем.

* * *

Ба олам омадем, то рӯз бинем,
Парешон ризқи худро то бичинем.
Чӣ мушкил имтиҳони зиндагонӣ,
Битарсем, ки зи он афтода монем.

* * *

Гумон созӣ, ки мо бекора ҳастем,
Ва ё бекасбу кор, бечора ҳастем.
Пайи мақсад шабу рӯз дар талошем,
Ба дарди дардмандон чора ҳастем

* * *

Гила мо аз касе ҳаргиз надорем,
Агар дорем гуноҳи худ шуморем.
Агар сар мезанад гоҳе хатое,
Ки тухми кина мо ҳаргиз накорем.

* * *

Қалам бошад ба мисли марди сайёҳ,
Тамоми умри ӯ бигзашта дар роҳ.
Агар як лаҳзае монад зи роҳаш,
Бипаррад ахтари як марди огоҳ.

* * *

Ду шаҳболи парасту абрувонат,
Ду ман шаҳду асал дорад забонат.
Агар гӯям, ки ту кони малоҳат,
Раҳонӣ бандаро аз ошиқонат.

* * *

Куҷо гардад насиб он шаҳди комат,
Ки бемор гаштаам аз лафзи хомат.
Касе бинад маро девона хонад
Масӯзад бар мани зор ҷисму ҷонат.

* * *

Гаҳе барфу гаҳе тӯфону бод аст
Яке ғамгин, дигар бо қалби шод аст.
Зимистон кори худро мекунад боз,
Ҳама аз дасти сармо арзу дод аст.

* * *

Умеду ормонам кӯдаконам,
Шумо ҳастед маро рӯҳу равонам.
Агар як дам набошед, ман набошам,
Илоҳо, дар ҷаҳон бекас намонам.

* * *

Чӣ гуна ширин аст дидори фарзанд,
Раҳо созад гирехи мушкил аз банд.
Куҷо тоқат, ки як рӯзе набинам
Ки ҳар як дар назар чун Меҳру Моҳанд.

* * *

Чӣ зебо кӯдаконам, кӯдаконам,
Шумо ҳастед гулистон аст маконам.
Вагарна лонаи чуғзро бимонад,
Намонад дар ҷаҳон ҳаргиз нишонам.

* * *

Якеро гар бубинам, хору зор аст
Ҳама бори замон бар дӯш бор аст,
Намедонам парастораш куҷояст?
Ба қалби ман халида захми хор аст.

* * *

Ба олам одами беғам набошад,
Ва ё як дидаи бенам набошад.
Ҳама дорад ба дил як доғи пинҳон
Агарчӣ аз касе ӯ кам набошад.

* * *

Набудем дар ҷаҳон бедарду беғам,
Бисӯхтем доимо чун равғани шамъ.
Агар чӣ солиму озода будем,
Барои дигарон ғам хӯрдаем, ғам.

* * *

Наҷоти ҳар яке дар дасти худ аст,
Агар меҳнат кунад, бешубҳа буд аст.
Надидам коргари бедавлатеро,
Куҷо даст мезанад, дон, кони суд аст.

* * *

Бубинам одами бекору бекор
Гумон созам, ки бошад нахли бебор.
Кунад тақсим ризқи кӯдаконро,
Ситода дар сукут чун санги кӯҳсор.

* * *

Зи ризқи кӯдакон парҳезу парҳез,
Зи ризқи модарон пархезу парҳез.
Бикун коре, ки давлат ёр гардад,
Ту ҳам мисли дигарҳо ҳар сахар хез.

* * *

Зимистон фасли хушу фасли сармо,
Кунад аз фасли пирӣ ҳар кӣ огоҳ.
Ки бори вазнинаш қоматшикан аст,
Кунад огоҳ, агар охир шавад роҳ.

* * *

Заминро зери барфу ях бидидан
Навои дилхароши бод шунидан,
Ба дил ваҳме биандозад зимистон
Ба мисли пои луч дар ях давидан.

* * *

Надорад ҳеҷ камӣ ҳусни зимистон,
Ҳама ҷо сап-сафед чун рӯйи хубон.
Расад бар мо дами сайру тамошо,
Дили моро барад дашту биёбон.

* * *

Ба ишқат хобаму аз хоб хезам,
Гунаҳкорам, гунаҳамро бирезам.
Ба гардан мегирам ҳар айби худро
Бигардад шоми умр бар сони рӯзам.

* * *

Гаҳе дунё ба чашмам тангу тор аст
Гаҳе ҳамранги осмон беканор аст.
Чунин бошад тариқи зиндагонӣ,
Дили зиндонии ман беқарор аст.

* * *

Илоҳо, ғам набинӣ, эй писарҷон
Ба тахти бахт нишинӣ, эй писарҷон!
Падар гӯяд дуо, воҷиб бигардад,
Ба бахтам дилнишинӣ, эй писарҷон!

* * *

Илоҳо, кам нагардад тори мӯят,
Ба лавҳи хотирам он акси рӯят.
Ки ҳоло рафтаам ҷое зиёрат,
Нигорон чашми ман пайваста сӯят.

* * *

Гуноҳи ту, савоби ту баробар,
Бубахшам ман гуноҳатро бародар.
Наафтад рахнае дар арзи дӯстӣ,
Бисӯзем тухми душманро саросар.

* * *

Сару савдои ман кай мекушояд,
Ба моли ман харидоре наояд.
Бихоҳам, ки фурӯшам ман китобам,
Савдохоне зи модар кай бизояд?

* * *

Бимонам як замон дар қалби покат,
Замоне мешавам ман ҷузъи хокат.
Ту гардӣ сарпаноҳи охиринам,
Шавам ман марҳаме бар ҷисми чокат.

* * *

Надоранд созгорӣ гурбаю муш,
Наояд феъли якдигар ба ҳам хуш.
Мудом дар ҳолати ҷанганду ҷанҷол,
Ба мисли Саддаму ҳам лашкари Буш.

* * *

Маранҷон аз худат ту як дилеро,
Макун хоку туроб ту манзилеро.
Бадӣ аз дасти кӯдак ҳам биёяд,
Макун пажмурда ту шохи гулеро.

* * *

Баҳор омад, баро аз гӯшаи танг,
Биҷӯ ту аз гулу аз сабзаҳо ранг.
Бигардад қалби ғамнокат баҳорон
Расад бар гӯши ту пайваста оҳанг.

* * *

Парастам ман баҳоратро, диёрам,
Ту ҳастӣ кишвари доимбаҳорам.
Ба ҳуснат чашми ман гашта хуморӣ,
Ба ғайр аз ту дигар ҷое надорам.

* * *

Биҷӯшад оби чашма дар баҳорон,
Бипаррад қатраҳо чун мисли борон.
Шунав оҳанги қалбашро ту як дам,
Ки гӯё ҷои ту дар базми ёрон.

* * *

Чу файзе оварад борон баҳорон,
Бигардад дилрабо дашту биёбон.
Замин созад қабои тоза дар бар,
Шавад олам саросар боғу бӯстон.

* * *

Биё, бар кишвари мо фасли гулҳо,
Шавад пурфайзу зебо манзили мо.
Забун гардад ғами фасли зимистон,
Шавад ҷои тамошо кӯҳу саҳро.

* * *

Бидидам шоире гардида маддоҳ,
Суруда дар қасида мадҳи подшоҳ.
Намонда дар замон ҳеҷ эътибораш
Бимурду ҳеҷ нагардид марди огоҳ.

* * *

Ҳама рӯ тофтаанд аз илму ирфон,
Ҳама дар фикри пайдо кардани нон.
Надидам, ки касе пурсад китобе,
Шавад ахлоқу одоб ҷумла вайрон.

* * *

Ба дунё қавму миллатҳои бисёр,
Яке пасту дигар гардида сардор.
Гузорад пои худро бар сари тахт,
Дигарҳо беҳуқуқ дар ҳаққи худ зор.

* * *

Гузаштам аз гуноҳат, эй гунаҳкор,
Макун дигар гуноҳи хеш такрор.
Биранҷондӣ ту қалби модари зор
Тавонӣ гар ту қалберо ба даст ор.

* * *

Хусумат бар касе ҳаргиз надорем,
Ва тухми кинаро ҳар ҷо накорем.
Наорад бори дилхоҳ тухми кина,
Ба аҳди худ бидон, ки устуворем.

* * *

Биборем мисли борони баҳорӣ,
Ба ишқи сабзаву гулҳо хуморӣ.
Бисабзад лолаву олам гулистон
Шавад ҳосил агар тухме бикорӣ.

* * *

Дару девори ман пур аз китоб аст,
Ки ганҷи бебаҳои ман китоб аст.
Китобхоне ба мисли ман набошад
Китобхонӣ, ки худ кори савоб аст.

* * *

Вафодорам, вафодорӣ биёмӯз,
Шикастанафсиву ёрӣ биёмӯз.
Надида суд касе аз бевафоӣ,
Шуда дӯсту беозорӣ биёмуз.

* * *

Бигуфтем ҳар чизе, аз худ нагуфтем,
Гаҳе бохуд, гаҳе бехуд бигуфтем.
Набошад холӣ аз панду насиҳат,
Яке аз халқ, яке аз худ бигуфтем.

* * *

Аё дил, беқарорӣ, беқарорӣ,
Ба ҳоли зори ман раҳме надорӣ.
Чӣ аҳволе, хабар ҳаргиз нагирӣ
Гаҳе ҷонро зи ҷисмам мебарорӣ.

* * *

Накардам мактабамро ман фаромӯш,
Замоне будаам бо ӯ ҳамоғӯш.
Дар он ҷо даргузашт даври ҷавонӣ,
Бигардид панди устод халқа бар гӯш.

* * *

Ҳанӯз бар гӯш садои занги мактаб,
Чу даъват менамуд бар сӯйи матлаб.
Ҳама бар ӯ итоат менамудем,
Фақат фориғ будем дар соати шаб.

* * *

Нахушкад оби дарёи дамоне
Наояд ҳеҷ ғаме дар хонадоне.
Ҳамарӯза шавад чун иди Наврӯз,
Шавад обод, касе дорад маконе.

* * *

“Алифбо” аз ту омӯхтам, муаллим,
Нигоҳи худ ба ту дӯхтам, муаллим.
Шудам охир ба наздат ман саводхон
Ки ҳоло марди хушбахтам, муаллим.

* * *

Бигаштам дар бари дашту биёбон,
Бимонда нақши по дар реги тафсон.
Бирафта аз сарам умри ҷавонӣ,
Шудам аз умри рафта ман пушаймон.

* * *

Расид аз роҳи дуре соли пирӣ,
Ба умри рафтаат нукта нагирӣ.
Ба мисли тири ҷаста аз камонаш
Расида бар нишон, гашта асире.

* * *

Бигиряд абри осмон дар баҳорон,
Бимонад дашту саҳро зери борон.
Зи шодӣ ғунчаҳо хандон бигарданд,
Бирақсад оби ҷӯю ҷӯйборон.

* * *

Биё, эй ҷони ширин, бевафоӣ,
Ба мисли дарди сахти бедавоӣ.
Шавад рӯзе маро танҳо бимонӣ,
Равӣ ҷое дигар ту барнаоӣ.

* * *

Ду-се рӯзе, ки беҳад бекарорам,
Сари эҷод нишинам, бебарорам.
Хаёлам ҳам ба мисли дуд парешон,
Фақат мебозаму бурде надорам.

* * *

Саҳар хезам, намоям варзиши тан,
Ба кори худ диҳам фикрам тамоман.
Биёяд то хамон илҳоми саркаш,
Нависам шеъраке аз баҳри хондан.

* * *

Нагардад ташвиши ҳаррӯза охир,
Набошад гуфтаам бар дигарон сир.
Ки бори зиндагӣ вазнину вазнин
Ба даври мо чунин гардида тақдир.

* * *

Ба мисли шамъ бисӯзад ҷисму ҷонам,
Яқин донам, ки то фардо намонам.
Ҳамон достони умрам нотамом аст,
Бидеҳ фурсат, ки бар он нуқта монам.

* * *

Хаёлам мебарад то Каҳкашонҳо,
Чӣ бошад дар замину осмонҳо.
Надорад ин савол ҳаргиз ҷавобе
Вале бошад ба мо садҳо гумонҳо.

* * *

Набошам бехабар аз дину мазҳаб,
Набуда дарси дин дар ҳеҷ мактаб.
Ҳама донад китоби Қуръон аз ёд,
Итоат бар Худо гардида матлаб.

* * *

Зи дарди ишқи ту шабҳо нахобам,
Нишони манзилат пайваста кобам.
Дилам хоҳони дидори накӯят,
Бифармо, то дилатро ман биёбам.

* * *

Шунидам нолаи булбул зи гулзор
Зи захми хори гул гардида безор.
Шикоят менамуд аз ёру ағёр,
Набошад дил ба мисли моли бозор.

* * *

Зи тақдирам нанолам дар замона
Агар нолам бидон, ки ӯ баҳона.
Худоро шукр, соҳибкасбам, эй дӯст,
Гумон созам, ки дар олам ягона.

* * *

Китобам, ганҷи ман, ганҷинаи ман,
Ғаму ҳам шодии деринаи ман.
Бигуфтам беибо сирри дили худ
Гулу гулдастаи сабзинаи ман.

* * *

Навиштам аз бароят шеъру достон
Ки таъбат гул кунад, гардад гулистон.
Равад, ки қалби сангат нарм гардад,
Бигардад қалби ман ҳам боғу бустон.

* * *

Ба васфат чанд ғазал иншо намудам,
Зи дарди ишқи ту бемор будам.
Гирифтам номае аз некномӣ,
Шифо ёфтам, сурудатро сурудам.

* * *

Бубин, гулдастаи шеърам баромад,
Ки мурғи бахти ман бар дона омад.
Ҳамин гулдастаам аз баҳри ту буд,
Шунав, ёрам, ба наздам хона омад.

* * *

Ҳама шеърам гувоҳи ишқи покам,
В-гарна бар сарам хирмони хокам.
Ту ҳам бовар намо, эй дилбари ҷон
Зи ишқи нокасон доим захокам.

* * *

Магу, ки шоирон афсона хонанд,
Бигӯянд он чизе, ки худ бидонад.
Набошад илму дониш худ кифоя
Ки бояд тарзи зистро хуб донанд.

* * *

Ба сар борад агар борони тӯҳмат,
Суханҳои қабеҳу пурмаломат.
Шукур гӯям, нагардад қадри зар кам
Фақат бошад чунин ашхос саломат.

* * *

Биё, дилбар, ки имрӯз Иди Наврӯз,
Ба базми мо ғарибон шӯъла афрӯз.
Шукуфат ғунчаи дил мисли гулҳо,
Нишинем мо сари роҳат шабу рӯз.

* * *

Биё, ҷонам, равем бар сӯйи саҳро,
Дар он ҷо тоб хӯрад маҷрои дарё.
Бубин чӣ шуру савдо бар сари он
Ба мисли шӯри он авзои дунё.

* * *

Миёни ахтарон маҳтобам астӣ,
Миёни гулрухон офтобам астӣ.
Дилу дида зи ҳуснат гашта равшан,
Ту шамъи равшани пуртобам астӣ.

* * *

Надидам одами беғам ба дунё,
Ба ғам жӯлидаанд зода ҳамоно.
Ғами рӯзи накӯро ҳам бихӯранд
Куҷо дидӣ даме, ки беғам онҳо?

* * *

Аҷаб фасли дилорої, баҳорон,
Гаҳе боду гаҳе борида борон.
Табиат тозаву озода гардад,
Замин гардад саросар боғу бӯстон.

* * *

Наҷот деҳ оламеро аз ҳалокат
Наборад бар сари инсон фалокат.
Ҳама аз ҷанги ядрої хавотир
Насозад одамӣ дар чанг тоқат.

* * *

Парирухсор маро бебода кардӣ,
Зи хешу акрабо бегона кардӣ.
Диламро бурдию ромам нагаштӣ
Надонам бо кӣ ту паймона кардӣ?

* * *

Шавам гоҳе зи карда ман пушаймон,
Чаро ичро накардам аҳду паймон?
Ки пеши кори ман зуд баста гардид,
Бароям нопадид гашт роҳи майдон.

* * *

Накардам бар касе арзу шикоят,
Зи ишқи бебарори худ ҳикоят.
Фақат додам зи дасти дилбарам буд
Аз ӯ бар ман бимонд танҳо ривоят.

* * *

Мадеҳ ҳаргиз баҳо бар шеъри шоир,
Ки шеъри ӯ набошад бар касе сир.
Дилаш ғарқоби хун аз баҳри эҷод
Агар мардӣ, варо ҳар лаҳза даст гир.

* * *

Магӯ, ки шоирон шӯҳратпарастанд,
Дари пастӣ ба рӯйи худ бубастанд.
Агар донӣ, чӣ тавр бечора ҳастанд,
Вале аз аҳди худ ҳаргиз нагаштанд.

* * *

Навиштам баҳри ту “ҳазору сад панд”,
Шунав панди падар, фарзанди дилбанд.
Яқин донам, ки он мушкилкушо аст
Кушояд роҳи ту, он ҷо ки ҳаст банд.

* * *

Забонам, эй забони модари ман,
Забони хоҳару ҳам дилбари ман.
Агар аз байн равад ин давлати ман
Ба хок яксон шавад тоҷи сари ман.

* * *

Забонам, посбоне бар сари ман,
Ту шамшери хамоил дар бари ман.
Битарсам, ки агар аз ту бимонам,
Чӣ рӯзҳое биафтад бар сари ман.

* * *

Худоё, ту забонамро нигаҳ дор,
Кафи пуршафқатат аз сар мабардор.
Хабар дорӣ зи фитнаҳои душман
Худат донӣ, худат ҳастӣ хабардор.

* * *

Забонгумкардагон бисёру бисёр,
Ба назди қавми худ гардидаанд хор.
Ба минбар ҷо набошад баҳри онҳо
Ба лафзи модарӣ гардидаанд зор.

* * *

Ба шаҳрат омада сарсон бигаштам
Куҷо буд манзилат, пурсон бигаштам.
Надида рӯйи ту, эй моҳи пурнур,
Ба ҳаҷрат сӯхта, бирён бигаштам.

* * *

Алифи ҳар китобамро бидонӣ,
Бипӯшанд чашми ту, онро бихонӣ.
Ки ҳар як ҳарфи он бар ту шинос аст
Чӣ дорам муддао, дониста монӣ.

* * *

Кадом рӯзе наояд мурғи илҳом,
Чизе гӯям ҳама афсонаву хом.
Агар орам ба ёд шоҳи паризод
Ба як дам мешавад он хома ҳамром.

* * *

Маҳаки одамӣ он симу зар нест,
Маҳаки одамӣ ахлоқи хар нест.
Ҳама чиз ҳам ба худ меъёр дорад,
Ба меъёр ҳар касеро дар гузар нест.

* * *

Худо, ёру мададгорам ту ҳастӣ,
Дари корам ба рӯйи ман набастӣ.
Чу мурғи беқарор пар мезанам ман,
Худат бар ҳоли ман шоҳид шудастӣ.

* * *

Сарам дард мекунад, ку сарварам, ку,
Табиби ҷисму ҷонам, дилбарам ку?
Кӣ медонад, кӣ ин дарди ҷудоӣ,
Ҳамон болини нарму бистарам ку?!

* * *

Агар рӯзе ба наздам ҳамсарам нест,
Калиди қулфи хонаву дарам нест,
Гумон созам, ҷаҳон аз сар бирафта,
Чӣ аҳволе, ки сабру тоқатам нест.

* * *

Дили бечораам дар дасти ту буд
Дили садпораам дар дасти ту буд.
Намедонам чӣ кардӣ бо дили ман?
Дили ovораам дар дасти ту буд.

* * *

Инону ихтиёрамро рабудӣ,
Куҷо донам, ки маъшуқам ту будӣ.
Яқин донам, ки олам бевафояст
Чӣ хушбахтам, вафодорам ту будӣ.

* * *

Ба олам омадан бар мо насиб кард
Тамоми ёру дӯст бар мо ҳабиб кард.
Чӣ рӯзе омада он риштаи умр
Ки рӯзи охират бар мо рақиб кард.

* * *

Куҷо донам, насиби ман ту будӣ,
Куҷо донам, ҳабиби ман ту будӣ.
Агар рӯзе намоям бевафоӣ,
Куҷо донам, рақиби ман ту будӣ.

* * *

Ҳаёт, аз ту бигирам ман қасосам,
Кунам бо ту баробар ман ҳисобам.
Надуздӣ порае ту аз ҳаётам,
Дилам пурғуссаву шабҳо нахобам.

* * *

Агар раҳбар туӣ, роҳам нишон деҳ,
Кунам кори савоб, роҳи равон деҳ.
Надорӣ гар ҳунар, ҷо-ҷои ту нест,
Лиҷоми сарварӣ бар дигарон деҳ.

ЧОР МАНОР

Қитъаҳо

Шаҳри ман, ту қиблаи имони ман,
Дар тани озурдаам ту ҷони ман.
Бе ту будан дар ҳаёт бадбахтӣ аст,
Мисли модар доимо пазмони ман.

ҚИТЪАҲО

Токи Саррофон – басо қасри калон,
Дар гузашта қиссаи ҳозирзамон.
Муомилоти пулиро анҷом диҳанд,
Дар кушода сӯйи чор роҳи равон.

* * *

Таълимоти “Дил ба ёру даст ба кор”,
Буд шиори Баҳоуддини Нақшкор.
Ин тариқат олами ислом гирифт,
Пиру барноро бувад ҳоҷатбарор.

* * *

Гар Бухоро дода буд Пири тариқат бар ҷаҳон,
Пири он машҳур намуд номи онро дар забон.
Ҳар кӣ дорад эътиқоде, ӯ зиёрат мекунад
Мешавад пас аз зиёрат, тозарух, озодаҷон.

* * *

“Қасри Орифон” – қасри дилҳо гаштааст,
Чӣ қадар ободу зебо гаштааст.
Дар рухи шаҳри азизу мӯътабар
Мисли холи ҳиндуе ҷо гаштааст.

* * *

Масҷидеву Мадраса худ ҳусни Шаҳристони ман,
Дар дарунаш шаҳри ман бас нозанин бӯстони ман.
Як тараф бозори молу як тараф бозори чӯб,
Гашта он бахти ману уммеду ҳам армони ман.

* * *

Эй Аму, ту шӯру ғавғо мекунӣ,
Ганҷи худро бо кӣ савдо мекунӣ?
Меравӣ аз кӯҳу кӯтал сӯйи дашт,
Қимати худ пасту расво мекунӣ.

* * *

Шаҳри ман, ту қиблаи имони ман,
Дар тани озурдаам ту ҷони ман.
Бе ту будан дар ҳаёт бадбахтӣ аст,
Мисли модар доимо пазмони ман.

* * *

Мурғи бахтат то абад парвоз кунад
Ишқи моро боби нав оғоз кунад,
Мо ҳама дилдодагони ҳусни ту
Тори ишқро ояду ҳамроз кунад.

* * *

Ман накардам хидмате аз баҳри ту,
Оби Замзам нӯшидам аз наҳри ту.
Кам набуда рӯзу моҳам дар ҳисоб
Гарчи зистам доимо дар шаҳри ту.

* * *

Боби таърих ҳар бинову қасри ту,
Рафта-рафта бозгардад асри ту.
Зери осмон ин қадар ту зистаӣ,
Ҳеҷ намонда дар ҳисоб як қасри ту.

* * *

Тӯӣ дорем, тӯи дилбандони худ
Тӯи бахту тахти фарзандони худ.
Омадед, хуш омадед, меҳмони мо,
Шод созед чеҳраи хандони худ.

* * *

Чор фаслатро парастам, эй Бухоро,
Дил ба ҳар кӯи ту бастам, эй Бухоро.
Гар набудӣ ту, набудам ман Асад,
Ман зи ишқат масти мастам, эй Бухоро.

* * *

Марзи дили ман дафтари пок аст,
Ҳар як варақаш чу барги ток аст.
Ҷонона, биё, ба ман бигӯ исматро,
Гар не, ба сарам тӯдаи хок аст.

* * *

Бидида савлатат, эй марди густох,
Лабам бурма, забонам ғурма гардид.
Надонистам, чӣ буд ин сирру савдо,
Ғаму андӯҳ ба чашмам сурма гардид.

* * *

Хуршеди сарам ту ҳастӣ, эй ҷон,
Таскини дилам ту ҳастӣ, ҷонон.
То зинда манам, дар бари ман бош,
Як умр маро ту ёри худ хон.

* * *

Авзои замон вайрону вайрон,
Тӯфон кунад боди биёбон.
Ҳар бор кунад роҳи наве боз,
Ҳар кас, бидид ҳайрону ҳайрон.

* * *

Дар замин фасли баҳор асту баҳор,
Домани кӯҳ лолазор аст, лолазор.
Бин, ҷаҳон аз нав таваллуд мешавад,
Чашми инсон пурхумор аст, пур хумор.

* * *

Меҳнати беохират орад самар,
Баҳри иҷрояш агар бандӣ камар.
Номи некат ҳар куҷо гардад баланд,
Аз ту монад дар забони мо асар.

* * *

Бар ту омад, раҳсипори роҳи дур,
Бар ту ҳамроҳи хубе бошад зарур.
Роҳи ту пайваста кӯтаҳ мешавад,
Оқилона ҳар чӣ ёбӣ, нӯшу хӯр.

* * *

Ҳар чӣ дорем, сарфи тӯяш мекунем,
Мо назар бар рангу рӯяш мекунем.
То наранҷад модари дилсӯзи ӯ,
Харҷ баҳри обрӯяш мекунем.

* * *

Эй баҳори нозанини файзбор,
Эй сарочи умеду кишту кор.
Ғаллакорон сӯйи саҳро мераванд,
Бо умеди хӯшаҳои донадор.

* * *

Бахти некам боиси ҳар эътибор,
Ман нагардам дар ҳаёт ҳеҷ хору зор.
Касбу корам ифтихори мардум аст,
По гузорам ёру дӯстон бешумор.

* * *

Роҳи умрам то куҷое мебарад,
Мояи ман ҳар кӣ бинад, мехарад.
Касбу корам вазнину худ шоирам,
Шеър хобамро зи чашмам мебарад.

* * *

Донию донӣ, баргашта хонӣ,
Мактуби манро, бефарқ намонӣ.
Рози дили ман достони ишқ аст,
То вакти дигар ту дер монӣ.

* * *

Хобу хезам бемарому мушкил аст,
Шаб нахобам, дарди эҷод дар дил аст.
Шеъри ман изҳори ишқи ошиқон,
Маъшуқи илҳоми ман дар манзил аст.

* * *

Дил агар гул-гул шукуфт, олам гулистон мешавад,
Дил агар хуноб шуд, олам биёбон мешавад.
Қалби худро эҳтиёт кун, то нагардад сакта он,
Роҳи умрат то ба охир боғу бӯстон мешавад.

* * *

Аё деҳқон, баҳор омад, баҳор омад,
Шунав охир, замони киштукор омад.
Фурӯғи тозае бар дидаҳо рахшид,
Насими тозае аз кӯҳсор омад.

* * *

Эй бародар, кору борам беҳисоб
Ҳам бихонам, ҳам нависам ман китоб.
Панду ҳикмат бар ҳазору сад расид,
Ҳам нависам, чунки дорам ман шитоб.

* * *

Исми мо ҳам дар радафи ошиқон,
Қисса созем ишқи покро дар ҷаҳон.
Умри мо чун бод бошад даргузар,
Ишқи мо боқӣ бимонад ҷовидон.

* * *

Водареғу водареғи умри мо,
Кас надонад имтиҳои кори мо.
Рӯзи нағзу пурсамар бисёр буд,
Ҳайфи он рӯзу шаби бекори мо.

* * *

Рангу рӯят хусни сад боғу чаман,
Атри зулфат беҳтар аз мушки Хутан.
Худ куҷоӣ, камнамоӣ, камнамо,
Ман туро пазмон шудам, эй ҷони ман.

* * *

Шунав ҷоно, ки пайки навбаҳор омад,
Навои булбулон аз шохсор омад.
Ба ҳар сӯ мавҷ зад дарёи сабза,
Диҳам мужда, ки ёрам дар канор омад.

* * *

Насли наврас доимо шогирди ту,
Доимо хурду калон дар гирди ту.
Аз ту гиранд машғулоти зиндагӣ,
Дида бахти ҳар яке, шод гардӣ ту.

* * *

Сарсафеду сарбаланд астӣ мудом,
Дарсҳоят пур зи маъно якмаром.
Ҷисму ҷонам сар ба сар гардид гӯш,
То бифаҳмам мазмуни ҳар як калом.

* * *

Қалби ту соф асту пок, омӯзгор,
Нақши ту беҳад бувад дар рӯзгор.
Одамиро асли одам мекунӣ
То нагардад дар ҳаёт ӯ хору зор.

* * *

Олоти ту ҳаст китобу дафтар,
Такрор кунӣ мавзӯъро аз сар.
Азбар шавад ҳар нукта охир,
Таҷрибаи худ кунӣ сафарбар.

* * *

Номи ҷанг гум мешавад дар зиндагӣ,
Зинда бодо дар ҷаҳон созандагӣ.
Сулҳу ҷанг монанди обу оташанд,
Ҷанг нишони қатли ому бандагӣ.

* * *

Хоки тира сер нашуд аз хоки мо
Ин бувад дар фаҳми мо, идроки мо.
Ҷисми моро мисли қатра даркашад
Санг гардад ин дили бебоки мо.

* * *

Худшиносӣ такягоҳи миллат аст,
Худшиносӣ қиблагоҳи миллат аст.
Кас надонад қадри халқу миллаташ
Душмани сарсахти халқу давлат аст.

* * *

Бо давлату бо сарвари худ аз чӣ нанозем?
Бо меҳнату бо ғайрати худ аз чӣ нанозем?
Ин миллати дилдодаи мо вирди забон гашт,
Бо ҳурмату бо иззати худ аз чӣ нанозем?

* * *

Бо душмани бегонаву девона насозем,
Бо мардуми беманзилу бехона насозем.
Ҳар он, ки ба молу зари мо чашм ало кард,
Бо сози чунин ҳофизи ҷонона насозем.

* * *

Дафтари шеърам бубин, пурдоғи ашк,
Мисли ошиқ аз рақибаш карда рашк.
Гиря дорад хомаам аз дарду ғам
Рӯзу шаб борад аз он барони ашк.

* * *

Худшиносӣ ифтихори миллат аст
Худшиносӣ иқтидори миллат аст.
То ки бошем соҳиби мулку Ватан,
Худшиносӣ гирудору миллат аст.

* * *

Аз ҷаҳони бевафо ҷустам вафо,
Дарди ман гардид чандон бедаво.
Ку давои дарди ман бахшад Худо,
Зиндагӣ шуд арсаи ҷабру ҷафо.

* * *

Эй Худо, раҳме намо бар ҳоли мо,
Худ бидонӣ ҳоли мо, аҳволи мо.
Аз чӣ коранд тухми кина душманон?
Халқи моро дар паноҳат ҷо намо.

* * *

Рафтори хушат дил меситонад, дил,
Гуфтори хушат гул меситонад, гул.
Ҳар кӣ дид рафтору гуфтори туро,
Мешавад шайдои гул чун тоқа булбул.

* * *

То тавонӣ, моли мардумро махӯр,
Ризқу рӯзи халқи мазлумро махӯр.
Гар ту дорӣ ҳурмате бар хештан,
Нони худ хӯр, нони мардумро махӯр!

* * *

Кай бидонад қадри худро одамӣ?
Гар надорад аз касе ҳаргиз камӣ.
Ҷамъият бар мову ту бидҳад баҳо,
Кун таваққуф дар баҳоят як даме.

* * *

Аз ганҷи Ватан пораи санге мафурӯшем,
Аз марзи Ватан парчаи танге мафурӯшем.
То дар радифи тӯдаи хоин набимонем,
Шаъну шарафу иззату нанге мафурӯшем.

* * *

Бар сари боми баланд ҷуфти кабӯтар дидаам,
Бар сари кӯҳи баланд ҷуфти санавбар дидаам.
Бар сари ҷуфти санавбар ҷуфти ахтар дидаам,
Дар шаби тӯйи акоям ҷуфти дилбар дидаам.

* * *

Тори мӯят риштаи ҷони ман аст,
Ранги рӯят нури чашмони ман аст.
Ту марав аз гулшани уммеди ман,
Ишқи ту ҳам дарду дармони ман аст.

* * *

Таълимотат баҳри мо дарси адаб,
Мисли моҳи чордаҳ дар қалби шаб.
Роҳи моро то абад равшан кунад
То намонем дар азоби тирашаб.

* * *

Олимон мушкилкушои зиндагӣ,
Мавҳ созанд байни мардум бандагӣ.
Панҷа бар домони осмон мезананд,
Кай раво бинанд ҳар шармандагӣ?

* * *

Ман насозам бо касе, ки ҷоҳил аст,
Носазову бадсиришту ботил аст.
Чун ба мисли ҳофиз аст ӯ бесадо,
Бахту тахти одамонро қотил аст.

* * *

Тоби бекорӣ надорам ман мудом,
Ин бидонад дӯсту душман ҳар кадом.
Умри ман бо кору бор пайваста аст,
Ризқи муфти дигарон бар ман ҳаром.

* * *

Номи неке гар бихоҳӣ, кор кун,
Аз балои танфароғӣ ор кун.
Маънии зистан ба моён меҳнат аст,
Бори худро бар сари кас бор макун.

* * *

Гар бихоҳӣ зиндагӣ беҳтар шавад,
Кишварат ободу ҳам хубтар шавад,
Кун ту коре баҳри ин зебо Ватан,
Нақшаҳо буд хубтару беҳтар шавад.

* * *

Бурду бохти мо ҳама дар меҳнат аст,
Обрӯю эътибор дар ҳиммат аст.
Гар ту дорӣ мушкиле, зуд ҳал шавад,
Бори меҳнат дар ҳаёт бас қиммат аст.

* * *

Ақлу идрок зинати ҳар раҳбар аст,
Давлату ҳам сарвати ҳар сарвар аст.
Гар набошад ин амал бар мову ту,
Ҷойи зар дар кони мо хокистар аст.

* * *

Ҳайфи инсон, гар надорад қиммате,
Ҳайфи Қорун, гар надорад ҳиммате.
Ҳиммату қиммат бувад одамгарӣ,
Бар чунин фарде бизебад сарварӣ.

* * *

Қадри инсонӣ накӯ аз меҳнат аст,
Пешравии кори ӯ аз ғайрат аст.
Одамӣ аз меҳнаташ гирад баҳо,
Номи неки ҳар яке аз ҳиммат аст.

* * *

Меҳнатат дар зиндагӣ ҳамдам бувад,
Ҷисму ҷони варзида бардам бувад.
Кору борат доимо омад кунад,
Хотират дар зиндагият ҷамъ бувад.

* * *

Лафзи ту ширин бувад, эй ҳамватан,
Фикри ту рангин бувад, эй ҳамватан.
Мову ту дар ҳар куҷо як ҷону тан,
Зиндагӣ сангин бувад, эй ҳамватан.

* * *

Об агар дар кӯза бошад, ҳоҷати машкоб нест,
Ёр агар дар хона бошад, ҳоҷати маҳтоб нест,
Ҳар чӣ дорад қиммате дар ҳар замону ҳар макон,
Гӯшт дар яхдон чу бошад, ҳоҷати қассоб нест.

* * *

Абри осмон гиря дошт бар ҳоли ту,
Ман бидонам ҳоли ту, аҳволи ту.
Тоҷике бин, қасди тоҷик менамуд,
Ханда доштанд душманони золи ту.

* * *

Пуштаҳо пур гашта буд аз мурдаҳо,
Мурдаҳои оби дарё бурдаҳо.
Мулки тоҷик бин, чу дӯзах гашта буд,
Чун саги девона буд хунхӯрдаҳо.

* * *

Душманат дар роҳу раста ҷон диҳад,
Хуни ноҳақ рехт агар, товон диҳад.
Оламеро баҳри ӯ мо танг кунем,
Ҷони худ бар Ҷабраил осон диҳад.

* * *

Туро ман гуфта Маҷнуни замон гаштам,
Ватанро тарк карда, бечаҳон гаштам.
Ба мисли боди саҳро бемакон гаштам,
Чу оби чашма ҳар сӯе равон гаштам.

* * *

Бубахшо, рози дилро бар ту гуфтам,
Сабук гардида аз курсӣ бихезам.
Шавад рост қомати кайҳо хамида,
Ба қайди душмани дерин ситезам.

* * *

Аз диёри боғу бӯстон омадам,
Бар сурохи ёру дӯстон омадам.
То бигардам сер аз дидоратон,
Назди халқи беҳтар аз ҷон омадам.

* * *

Кони лаълу кони зар дар ҳар қадам,
Кони навъҳои фулузот ҳам на кам.
Санги кӯҳаш қиммати гавҳар шикаст,
Давлаташ зоянда бошад дамбадам.

* * *

Дилнавозу дилрабо аст кишварам,
Давлати беминнату тоҷи сарам.
Ман надорам ғайри ту ҷойи дигар,
Дар ҳамин ҷо хонаву қулфу дарам.

* * *

Бебаҳо аст зарраи хоки Ватан,
Тӯтиё аст шарбати токи Ватан.
Дар куҷо бошад чунин обу ҳаво?
Гашт насибам домани поки Ватан.

* * *

Ман нахоҳам давлати бепояро,
Молу мулки қиммати ҳамсояро.
Нони беминнат хӯрам аз хони хеш,
Кай парастам заҳмати бемояро.

* * *

Ноумед ар мешавад шайтони дун,
Дасту панҷа пур бувад аз нақши хун.
Кони фитна банду басти ӯ фиреб,
Худ надонад кори ӯ гардад забун.

* * *

Дарди мо дар ишқ бошад бедаво,
Ошиқонро таъна кардан нораво.
То тавонӣ, чора созу ҷим машин,
Бетараф будан ба он кори хато.

* * *

Эй арӯси нозанини дилрабо,
Дасту поят бастаӣ хушбӯ ҳино.
Ҷуфти ту комрон бувад аз ҳусни ту,
Мисли оҳан паҳлуи оҳанрабо.

* * *

Ишқи оламсӯзи ту девона кард,
Қалби маҷрӯҳи маро бехона кард.
Ман надонам, бар куҷое сар занам,
Ҳар чӣ кард, он дилбари ҷонона кард.

* * *

Ҳама бемор бар дардаш даво ҷӯяд,
Ҳама хаста ба ҳоли худ шифо ҷӯяд.
Касе бошад аз ин олам, умед дорад,
Ба қалби тираву торик сафо ҷӯяд.

* * *

Рӯйи коғаз рӯзу шаб тухми сухан ман коштам,
Бар сари ҳар мисрае бори қалам бардоштам.
То шавад обод сухан дар гирудори зиндагӣ,
Пеши саф мерафтаму бар сар алам бардоштам.

* * *

Ишқу ҳавасам адад надорад,
Тақдир вале мадад надорад.
Гарчӣ нарасад ба мақсади хеш,
Ин дил ба касе ҳасад надорад.

* * *

Қалби покам беқарор аст, беқарор,
Чун насими форами фасли баҳор.
Мисли булбул ошиқи гул гаштааст,
Чашми ҷодуяш базебу шӯълабор.

* * *

Ошиқам бар духтари ойинадор,
Ё ба чашмони сиёҳи сурмадор.
Хусни худро обу тобе додааст,
Ҷон диҳам бар дилбари овозадор.

* * *

Хонаву ҷои шумо тӯйхона шуд,
Суннати фарзанди нек баҳона шуд.
Базми тӯёна аҷаб зебо гузашт,
Кам нагардад, сӯҳбати шоҳона шуд.

* * *

Он қадар ширин бувад гуфтори ту,
Он қадар зебо бувад рафтори ту.
Гар ту ойӣ, сӯҳбати ширин кунем,
То бубинам лолагун рухсори ту.

* * *

Ҷони ман ту, дилбари ҷонони ман,
Дар тани озурдаам чун ҷони ман.
Як даме ту таскини қалбам бишав,
Ҷон фидоят, мӯътабар меҳмони ман.

* * *

Эй забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ,
Эй забони бебаҳои модарӣ!
Кони гавҳар ҳастию кони зарӣ,
Пешаи аҷдоди мо буд заргарӣ.

* * *

Молу давлат чирки дасти олимон,
Зарру зевар ифтихори золимон.
Молу мулк аз баҳри мо бегона аст,
Аз паи давлат нагарданд оқилон.

* * *

Рӯзу шабҳо ман туро хонам, китоб,
Ҳар чӣ хоҳам, аз ту меёбам ҷавоб.
Кони ранҷу кони ганҷам ҳастӣ ту,
Илму дониш аз ту омӯзам, китоб.

* * *

Эй писар, ҳиммatбалндӣ пеша кун,
Пеш аз он коре кунӣ, андеша кун.
То расӣ бар доди корафтодагон,
Шав ба онҳо додрас, ёрирасон.

* * *

Зодаам ман дар бари домони ту
Зодаам аз дарду аз армони ту,
Модарам дар ҷисми ман ҷон додаӣ,
Ҷони худро мекунам қурбони ту.

* * *

Дилбарам чун моҳи поки осмон,
Бонуи зеботарини ин ҷаҳон.
Моли дунё сарфи тӯят мекунам,
Гар диҳӣ як бӯса аз кунҷи даҳон.

* * *

Аз лабат қанду асал мерезад,
Аз рухат нури азал мерезад.
Меҳмонӣ ба кадом бому даре,
К-аз лабат панду масал мерезад?

* * *

Даврони ҷавонӣ ҷовидон мемонад,
Монанди замину осмон мемонад.
Ҷовид намонад одамӣ дар олам,
Аз одами нек сад нишон мемонад.

* * *

Сулҳ рӯзгори осоиштаи мо,
Қалби орому ҷамъгаштаи мо.
Пайванди миллату халқҳои мо
Сарвати бебаҳои доштаи мо.

* * *

Ҷилваҳоят ҷилваи оби равон,
Абрувонат тобиши рангинкамон.
Ҳусни ту сармояи ишқи ман аст,
Илтифотат бар танам пайванди ҷон.

* * *

Оинасон тоза гардон қалби худ,
Дар хаёлат то намонад гарду дуд.
Хислати одамгариро пеша кун,
Феълу хӯи ҷоҳилон бар ту чӣ суд?

* * *

Ин қадар ту хушлиқоӣ, эй парӣ,
Ҳарфи ту ширинтар аз лафзи дарӣ.
Аз ту дорад халқи мо зӯр ифтихор,
Байни хубруёни олам сарварӣ.

* * *

Кун ту коре, то ки ҳастӣ дар ҳаёт,
Ҳарчӣ созӣ бо таҳаммул, бо субот.
Ин ҷаҳон ҷои амалҳои хуш аст,
Медиҳӣ бар бандагонаш ту закот.

* * *

Орзӯву ормони зиндагӣ –
Рӯзу шабҳо мактаби созандагӣ.
То ки бошем толиби арзандае,
Кори мо омӯзишу хонандагӣ.

* * *

То шавӣ бар дарди бедармон даво,
Некӣ кун бар дигарон, бошад раво.
Заҳри одамро фақат одам гирад,
Шоми торики маро бахшо сафо.

* * *

Бар касе ҳаргиз макун ҷабру ҷафо,
Шав ба қалби торикаш нуру сафо.
Бошад ар ӯ нотавону хастадил,
Марҳами захмаш бишав, ёбад шифо.

* * *

Ёри ҷонӣ, ман туро ҷӯяндаам,
Бо хаёли гарми ту ман зиндаам.
Гар набошӣ дар барам ту як даме,
Дар ғами ту гӯиё, ки мурдаам.

* * *

Эй бародар, аз ғамат озурдаам,
Аз ҳаётат сад гумонҳо бурдаам.
Дар ғарибӣ рӯзи ту бошад сиёҳ,
Ман туро дишаб бо хобам дидам.

* * *

Мекашад мову туро ишқи Ватан,
Мекушад мову туро ишқи Ватан.
Дар ғарибӣ зиндагӣ мушкил бувад,
Мерасад бар ҷони озурда газанд.

* * *

Эй бародар, аз Ватан дур меравӣ,
Аз паи пул рӯзу шабҳо медавӣ.
Умри худро мегузорӣ дар хатар,
Як замоне сахт пушаймон мешавӣ.

* * *

Дар Ватан ту марди майдон мешавӣ,
Ҳоли моро дида ҳайрон мешавӣ.
Умри мо дур аз диёри худ гузашт,
Дар тани халқи азиз ҷон мешавӣ.

* * *

Гарчи дурам, эй Ватан, бо ёди ту,
Мерасад бар гӯши ман овози ту.
Чун насими тоза аз сӯят вазад,
Менавозад ҷисму ҷонро сози ту.

* * *

Бин, ки истиқлоли ту бистсола шуд,
Ранги зарди рӯйи ту чун лола шуд.
Гаштӣ ҳамчун Рустами афсонавӣ,
Душманат дар зери по пурнола шуд.

* * *

Қалби мо гул мекунад аз рӯйи дӯст,
Марзи мо шодоб шуд аз ҷӯйи дӯст.
Давлати подори мо аз ваҳдат аст,
Раҳ кушоем доимо мо сӯйи дӯст.

* * *

Бар сари меҳмони худ парвона бош,
Хони худ оро бидеҳ, мардона бош.
Ҳар чӣ дорӣ пешкаши меҳмон намо,
Хидмати беминнатат бошад раво.

* * *

Шеъри ман, ту хидмати инсон бикун,
Шеъри ман, ту васфи ин даврон бикун.
То шавӣ ту тарҷумони қалби ман,
Қисмати халқу Ватан достон бикун.

* * *

Ҳар чӣ беш аст хонадаш аз ҳад камӣ,
Сер нагардад чашми хок аз одамӣ.
Тухми одам ҳар чӣ бештар мешавад,
Марги ӯ ҳам бешумор аз беғамӣ.

* * *

Бозӣ дорад ҳар навои зиндагӣ,
Гоҳ сарвар, гоҳ бошад бандагӣ.
Ҳар чӣ ояд аз сари мо бигзарад,
Сабр созем, кори зан гиряндагӣ.

* * *

Дар нигоҳам рӯйи ҳамчу моҳи ту,
Дар раҳи аҳду вафо ҳамроҳи ту.
Бар ту додам қалби худ, бедил манам
Раҳм созӣ, сар фидои роҳи ту.

* * *

Шеваи ишқу муҳаббат дарси хуб,
То насозад бахти шоди ту ғуруб.
Аз заволи умри худ андеша кун,
Аз бисоти зиндагӣ шаҳде рабуд.

* * *

Роҳи ту гардад сафед монанди барфи сап-сафед,
Мисли мо гардӣ ту ҳам як ришсафеду мӯсафед.
Ин дуои хайри мо чун раҳнамое мешавад,
Боз гардед бар Ватан, гар ҳар куҷое, ки равед.

* * *

Эй азизу мӯътабар ҳамдеҳагон,
Ин қадар ширин бувад гуфторатон!
Зеби олам чеҳраи хандонатон,
Хуб бошад бар назар рафторатон.

* * *

Ҳар чӣ гуфтам аз барои насли нав
Панди манро хондаву такрор шунав.
То ки бошӣ олими давру замон,
Аз пайи илми замони нав бишав.

* * *

Хобу хезам бемарому бемақом.
Хоб бинам, хоби ман гардад ҳаром.
Фикри ботил то куҷоҳо мебарад,
Ғарқ гардам баҳри андеша мудом.

* * *

Аспи вақтам ҳамчу боде меравад,
Ё бо мисли тири тӯпе мепарад.
То ки ёбам дар ҳаёт ҷойгоҳи худ,
Хоби маргаш зери хокаш мебарад.

* * *

Садқаи рафтору гуфторат шавам,
Садқаи чашмони хуморат шавам.
Маҳлиёи ҳусни оламгири ту,
Садқаи рухсори гулборат шавам.

* * *

Ранҷи дунё ганҷи бунёди ман аст,
Рӯзгори тинҷу ободи ман аст.
Хотири ҷамъу парешони дилам,
Дар пайи афкори озоди ман аст.

* * *

Хотирам гоҳе парешон мешавад,
Мисли амвоҷи Зарафшон мешавад.
Нақшаи корам равад дар зери об,
Ҷисму ҷонам гӯё яхдон мешавад.

* * *

Бори ғамро бар сарам борам макун,
Беҳуда ғамдодаву зорам макун.
Хиштҳои қасри олам аз лойи ғам,
Ту маро дар кӯи худ хорам макун.

* * *

Коми ман аз номи ту ширин шавад,
Аз фироқат қалби ман ғамгин шавад.
Бе ту ман ҳаргиз надорам рӯзи хуш,
Лаҳзаҳои беғамӣ камчин шавад.

* * *

Ту биёю рӯбарӯӣ ман нишин,
Аз ту монам, аз ҷаҳон мондан таъин.
Қадри ту ман хуб донам, ҷонакам,
Ҳоли манро худ биёву худ бубин.

* * *

Тавба кардам, эй Худои меҳрубон,
Офаридгори замину осмон.
Гоҳ шаккокӣ бикардам назди ту,
Тавба кардам низ Рабби бандагон.

* * *

Ҳар чӣ кардӣ, пеш аз он андеша кун,
Пас табарро бар сари он реша кун.
То нахушкад он дарахти пурсамар,
Раҳму шафқатро ту бар худ пеша кун.

* * *

То тавонӣ, ту хато содир макун,
Сустию нодоният зоҳир макун.
То ки бошӣ дар қатори одамон,
Ҷохилиро бар рухат чодир макун.

* * *

Хислати некат ба ту шон оварад,
Бар тани бемори ту ҷон оварад.
Сарпаноҳат мешавад дар рӯзи бад,
Рӯзи сахтат бар ту имон оварад.

* * *

Суд надорат ғорату ғоратгарӣ,
Бар ту зебад одаму одамгарӣ.
То тавонӣ, бар касе некӣ бикун,
Дуздӣ бошад дар ҷаҳон шармандагӣ.

* * *

Кори мо бас шону шӯҳрат оварад,
Меҳнати шоиста ҳосил офарад.
Мекушояд мушкили сарбастаро,
Ғайрату мардонагӣ дил мебарад.

* * *

Кори мо ободию созандагӣ,
Рафъи сӯзу сози бандагӣ.
Байни мо ҳаргиз набошад душманӣ,
Ин мароми мо бувад дар зиндагӣ.

* * *

Оби дарё рақсу бозӣ мекунад,
Пеши чашмам сарафрозӣ мекунад.
Мисли мо шайдои фасли навбаҳор,
Назди маъшуқ дилнавозӣ мекунад.

* * *

Бӯйи гулҳои чаман олам гирифт,
Осмон аз рашки он мотам гирифт.
Ашки он ҳамранги борон мӯя зад,
Шаб гузашту субҳи равшан дам гирифт.

* * *

Эй нигори нозанин, раҳ бар куҷо?
Гар ту дорӣ майли ман, ин ҷо биё!
Мебарам сайру тамошои чаман,
Файзи он бар дарди ту гардад даво.

* * *

Дарахтони сари раҳ салла бастанд,
Гули ранга ба сар, гулдаста бастанд.
Ҷаҳон пур шуд зи рангу бӯйи онҳо,
Ба фасли дили вораста бастанд.

* * *

Эй бародар, доимо ғамхор бош,
Дар гулистон як гули бехор бош.
То шавӣ ту нури чашми одамон,
Мисли замбӯр доимо пуркор бош.

* * *

Эй бародар доимо ҳушёр бош,
Аз каси дунёпараст безор бош.
Моли дунё баҳри мо бегона аст,
Баҳри кишвар одами даркор аст.

* * *

Аз ту монад одаму одамгарӣ,
Бар ту зебад ҷомеаро сарварӣ.
Номи некат ифтихори ман шавад,
Дурӣ ҷӯ аз фитнаву иғвогарӣ.

* * *

Кори дунё баҳри мо бегона нест,
Мардикор бечораву бехона нест.
Шӯҳрати мову шумо аз меҳнат аст,
Меваи ҳар як дарахт бедона нест.

* * *

Ман ба роҳат интизорам, Соли нав,
Иқтидору ифтихорам, Соли нав.
Бо ту ман соле бузургтар мешавам,
Сарҳисоби кору борам, соли нав.

* * *

Ҳама бемор бар дардаш даво ҷӯяд,
Ҳама хаста ба ҳоли худ шифо ҷӯяд.
Касе бошад аз ин олам, умед дорад,
Ба қалби тираву тораш сафо ҷӯяд.

* * *

Рӯзҳои охиринӣ, Соли кӯҳна,
Лаҳзаҳои вопасинӣ, Соли кӯҳна.
Меравад чу пардаҳои зиндагӣ,
Баҳри ман ҷовид монӣ, Соли кӯҳна.

* * *

Достони ишқи мо дуру дароз,
Қиссаҳои дилфиребу дилнавоз.
Ҳар кӣ хонад мешавад шайдои зор,
То шавад аз дилбари худ сарфароз.

* * *

Зиндагӣ дар олами ғам мушкил аст,
Ғам, ки гуфтем бори вазнини дил аст.
Ҷисми одам оҳану пӯлод нест,
Пас зи маргаш ҷисми он обу гил аст.

* * *

Умри инсон мисли абри даргузар,
Гӯӣ мурғе ҳасту дорад болу пар.
Мо надонем аз чӣ омад, аз чӣ рафт,
Дӯсту душманро гузорад пушти сар.

* * *

Номи некат умри ту созам дучанд,
Ин ба мову ту бувад дирӯза панд.
Ҳурмататро то қиёмат мебарам,
Шӯҳратат ҳаргиз намеёбад газанд.

* * *

Ҷаҳд созӣ, мушкилат осон шавад,
Душманат дар зери по яксон шавад.
Дӯсти ҷонӣ аз ту мегардад ризо,
Муждаи дил чӯл кунад, бӯстон шавад.

* * *

Ҷони ман дар дасти ҷонони ман аст,
Ҷони ӯ худ дарду дармонӣ ман аст.
Мо ки бо ҳам аҳду паймон бастаем,
Дилбари зебову пурдони ман аст.

* * *

Дилбарам худ шӯҳрату шони ман аст,
Дар тани пажмурдаам ҷони ман аст.
Ман надорам дар ҷаҳон ёри дигар,
Ифтихори давру даврони ман аст.

* * *

Бар ману ту давлати пирӣ диҳад,
Пири ботадбири мо доим зиҳад.
Пирӣ ҳам як давлати беминнат аст,
Синни ӯ дар домани ҳастӣ расад.

* * *

Эй нигорам, ҷону ҷонони манӣ,
Як гули хушрӯйи бӯстони манӣ.
Ҳусни боғ аз ҳусни ту ранг мегирад,
Зеби шеъру зеби достони манӣ.

* * *

Вола созад ҳусни нотакрори ту,
Ман надонам сирри ту, асрори ту.
Гар бубинам рӯйи ту, дар лаҳзае,
Мешавам маст аз майи рухсори ту.

* * *

Шаҳд резад аз шакаргуфтори ту,
Дил рабоят дидаҳои чори ту.
Ман надидам ин гуна мӯъҷизаро,
Боре дида дар чаман рафтори ту.

* * *

Хоки поят тӯтиё дар чашми ман,
Зуд биёю зуд намо дар чашми ман.
Дил кабоб аз оташи ҳичрони ту,
Дар куҷоӣ, камнамо дар чашми ман?

* * *

Дилбаро ту офати ҷони манӣ,
Марҳаму ҳам кулфати ҷони манӣ.
Дар фироқат хӯрда ғам, ҷон меканам,
Гар биёӣ, улфати ҷони манӣ.

* * *

Ман ғарибам дар диёри кулфатам,
Дар харобот бо ғарибон улфатам.
Ҷойи истам, ҷойи зистам дӯзах аст.
Аз диёру ёру дӯстон ғафлатам.

* * *

Аз хатои дигарон дарди сарам,
Дарди сарро пеши кӣ ман мебарам?
Мову ту бо ҳам намоем маслиҳат,
Ҳар чӣ гӯӣ, дон, ки бо зар мехарам.

* * *

Дар баҳорон гул кунад долу дарахт,
Сабза рӯяд дар рӯйи кӯҳи карахт.
Мавҷудот аз хоби худ бедор шавад,
Нарм гардад хоки киштзорони сахт.

* * *

Оби дарё шӯру ғавғо мекунад,
Ёди дашту ёди саҳро мекунад.
То бихезад сарзамин аз хоби ноз,
Назди ӯ шӯхона балво мекунад.

* * *

Ҳусни боғ аз рангу рӯйи гул бувад,
Ҳам зи хониш, нолаи булбул бувад.
Мешавад ҷойи тамошои шумо,
Дар дилу дар дидаҳо маъқул бувад.

* * *

Пазмони туям баҳори ҷонам,
Аз боғи рухат гуле бичинам.
Дидори туро кайест надидам,
Дар банди дили ту шод шинам.

* * *

Дар хаёлам рӯзу шаб симои ту,
Мерасад бар ёди ман имои ту.
Менишастам шоду хуррам рӯзи ид,
Мешунидам ҳарфи пурмаънои ту.

* * *

Аз паси парда баро, эй моҳи ман,
Сайри олам мекунӣ ҳамроҳи ман.
Ман бубинам он рухи бедоғи ту,
Шод гардад ин дили гумроҳи ман.

* * *

Ишқи пок ному нишони зиндагӣ,
Ҳам наҷоти ошиқон аз бандагӣ.
Зиндагии мову ту беҳтар шавад,
Аз нишоти ҳастии созандагӣ.

* * *

Ишқи дилбар, ишқи меҳнат шеъри мо,
Ишқи кишвар, ишқи санъат шеъри мо.
Истиқлоли ин Ватан худ давлат аст,
Ростӣ, кулли ҳақиқат шеъри мо.

* * *

Кори неке номи неке оварад,
Як ҷаҳони пурҷило меофарад.
Зиндагӣ маъмуру маълум мешавад,
Рӯзи бадро бин, зи хотир мебарад.

* * *

Гул набӯям, бӯйи зулфат хуштар аст,
Ранг наҷӯям, ранги рӯят хуштар аст.
Ҳастият рангинкамони ин замин,
Ҳусни ту аз ҳусни ӯ зеботар аст.

* * *

Дар баҳорон хониши булбул хуш аст,
Рангу рӯйи дилкушои гул хуш аст.
Мекушояд уқдаи дилро мудом,
Қадди раънои гули сунбул хуш аст.

* * *

Мевазад боди баҳори нозанин,
Мерасонад нома аз тӯӣ замин.
Бин, ки олам ҷаннати афсонавист,
Ёр, биёю олами гулро бубин.

* * *

Ин замини мурдаро бин, ҷон гирифт,
Ҳусни зебояш бубин, олам гирифт.
Кӯҳу дашту ёнаҳо гулдаста шуд,
Нашъаи ҷаннат аз ин олам гирифт.

* * *

Зоти мо аз насли поки ориё,
Халқи моро дӯст медорад Худо.
Оламе аз дасти мо обод шуд,
Ҳар кӣ донад, медиҳад бар мо баҳо.

* * *

Ҳар кӣ хонад гар китоби “Тоҷикон”,
Мебарад ангушти худро бар даҳон.
Пас бифаҳмад асли мо аҷдоди мо,
Ифтихори ворисони ин ҷаҳон.

* * *

Хонадон аз файзи меҳнат хуррам аст,
Ҷисму ҷону қалби мо ҳам бардам аст.
Кор бошад, зиндагӣ ширин шавад,
Кор маъони ҳаёти одам аст.

* * *

Кори мо бар ҳар касе манзур бод,
Кулфату ғам аз дили мо дур бод.
Рӯзу шаб мо хидмати мардум кунем,
Хонаи мардум ҳама пурнур бод.

* * *

То тавонӣ миннати нокас макаш,
Аз қарибӣ бо чунин кас по бикаш.
Мерасад рӯзе туро сархам кунад,
Суд надорад пас аз он ҳам кашмакаш.

* * *

Аз нигоҳат шӯъла борад бар сарам,
Рози ишқатро ба қалбам мебарам.
Дил бихоҳад бо ту бошам доимо,
Меҳри ту ман мепарастам, дилбарам.

* * *

То ки бошад дар ҷаҳон сулҳу сафо
Беғубору пок бошад қалби мо,
Марду зан шодона меҳнат мекунем,
Зиндагӣ осуда гардад баҳри мо.

* * *

Бахти ту болида гардад, дилбарам,
Қалби ту осуда гардад дилбарам.
Мекунам аҳду вафо, ҷонам фидо,
Ҷои ту дар дида гардад, дилбарм.

* * *

Нархи лаънат қиммати гавҳар шикаст,
Хоки покат қиммати ахтар шикаст.
Тоҷикистон, сарбасар кон астӣ ту,
Меҳри покат қиммати он зар шикаст.

* * *

Илму дониш давлати Қорун бувад,
Сарвате аз фаҳми мо бурун бувад.
Олимон мушкилкушои оламанд,
Корашон аз мӯйи сар афзун бувад.

* * *

Гар бихоҳӣ олиму доно шавӣ,
Мисли Сино машҳури дунё шавӣ.
Рав ба мактаб, аз пайи дониш бишав,
Нуктасанҷу булбули гӯё шавӣ.

* * *

Кам нагардад кору борат як замон,
То шавӣ ту марди майдон, қаҳрамон.
Мамлакат аз дасти ту обод бод,
То бигардад исми ту вирди забон.

* * *

Гар надорӣ мансабе, ту ғам махӯр,
Обу ноне гар насибат кам, махӯр.
Мешавӣ соҳибҳунар рӯзе ту ҳам,
Дил қавӣ дору ғами олам махӯр.

* * *

Қалби мо саршори ишқи дилбар аст,
Қиссаи афсонаи мо дигар аст.
Мо нагӯем ғайбати ағёрро,
Хотироти ишқи пурғам дар сар аст.

* * *

Бар сарат борида барфи пиракӣ,
Дар замони пирию даври закӣ.
Умри ту ҳам рафтаву охир шуда,
Менамоям қиссаҳо аз кӯдакӣ.

* * *

Буд замоне дар Бухоро Рӯдакӣ,
Зиндагӣ дошт аз замони кӯдакӣ.
Рафт зи дунё холӣ монда ҷойи худ,
Ку дар инҷо мисли он марди закӣ?

* * *

Умри инсон дар ҷаҳон поянда нест,
Дар гузашта гар набуд, оянда нест.
Ҳамчу меҳмон омада боз меравем,
Умри мо чун меши мо зоянда нест.

* * *

Умри инсон мисли боди даргузар,
Кас набинад рӯзи рафта аз дигар.
Бин, ки ту пайваста бемор мешавӣ,
Лаҳзаҳои зиндагӣ дон пурхатар.

* * *

Аз пайи мо меравад аспи аҷал,
То бигирад ҷони мо, дорад ҷадал.
Кай тавонем аз раҳаш берун равем?
Мерасад рӯзе, шавад масъала ҳал.

* * *

Эй бародар, як даме беғам шавем,
Май бинӯшем, лаҳзае хуррам шавем.
Марги мо аз умри мо дуртар равад,
Иди Наврӯз омада, мо ҷамъ шавем.

* * *

Зиндагӣ берангу бору хира шуд,
Дидагони мисли барқам тира шуд.
Қувватам аз ҷисму ҷонам рафта буд,
Он чизе аз сар гузашт, хотира шуд.

* * *

Рӯзҳои неку бад аз сар гузашт,
Умри рафта мисли боде барнагашт.
Ҳар чизе, ки буд, пораи умр буд,
Сарнавиште буд ё ки саргузашт.

* * *

Хома бар даст бо умеди шеъри нав,
Менависам номае дар Соли нав.
Ҳамаро аз таҳти дил табрик кунам,
То бубахшам ҳар якеро боли нав.

* * *

Беҳтарин меҳмони мо шуд Соли нав,
Ҷисми моро ҷони мо шуд Соли нав.
Дида аз файзаш бишуд пурнуртар,
Оварад бар халқи мо иқболи нав.

* * *

Марҳамат, эй Соли нав бар кишвари ободи мо,
Марҳамат, эй Соли нав бар кишвари озоди мо.
Аз қудумат гул биборад дар зимистони зарин,
Эй биё, хуш омадӣ, бар хонадони шоди мо.

* * *

Поға-поға барфи нав меборадаш,
Ҷисми солро ин қабо мефорадаш.
Соли нав дар ҳар куҷо бонг мезанад,
Тухми умед дар замин мекорадаш.

* * *

Бин, ки ҷашни Соли нав дар мезанад,
Савту созам сар ба ахтар мезанад.
Шоду масрур гашта ҳар як марду зан,
Сабти дилро рӯйи дафтар мезанад.

* * *

Савту созаш гӯши мо кар мекунад,
Дилбаре аз рақси нав сар мекунад.
Меравад арғушт ҳар кӯҳу камар,
Ҷилваҳои тозаву тар мекунад.

* * *

Арча бошад қандили ҳар хонадон,
Пиру барно ҷамъ шуда дар гирди он.
Мекунанд хурсандиҳо дар Соли нав,
Мерасад созу суруд бар осмон.

* * *

Ид доранд тифлакон дар Соли нав,
Ҳар яке ки мактабрав асту боғчарав.
Саҳнаи васеъи арча интизор,
Базми хушу дилрабо то роҳрав.

* * *

Барфи бобо рамзи базми Соли нав,
Халта дар кифт, бо кулоҳи наппа-нав.
Дар ҳузури кӯдакони интизор,
Мерасад аз роҳи дур ҷон дар гарав.

* * *

Аз хушии зиндагиям бенасиб,
Кош, бар фарде намояд он насиб.
Бахти баргаштаи ман пастӣ кунад,
Мешавад дӯсти қарини ман рақиб.

* * *

Эй бародар, бахти ту гардад сафед,
Менамоям дар дуои худ умед.
Зиндагият беҳтару хубтар шавад,
Кулли шайтон дар ҷаҳон аст ноумед.

* * *

Кун ҳавас бар одамони некном,
Даст бишӯ аз ҷӯраҳои пӯку хом.
Аз бадон дурӣ бичустан беҳтар аст,
Молу мулки дузду ғар бошад ҳаром.

* * *

Кун ту коре дӯсту душман тан диҳад,
Кори туро дида кас бар ҷо шинад.
Ҳарчӣ кардӣ баҳри ин зебо Ватан,
Бебаҳо, дар чашми моён дархӯрад.

* * *

Қисмати мо тору пуди ранга аст,
Он яке хубу дигар бас ганда аст.
Кас надонад аз чӣ бошад инчунин,
Ҳар кӣ бошад, назди Яздон банда аст.

* * *

Кай шаванд хор одамони пурҳунар,
Ҷайби онҳо пур бувад аз симу зар.
Қадри моро мефизояд кору бор,
Хорӣ бинанд одамони беҳунар.

* * *

Дасти ту доим ба кор олуда бод,
Таъби мо аз меҳнатат болида бод.
Кору борат кам нагардад, эй писар,
Душманат аз пушти ту нолида бод.

* * *

Ҳастии мову шумо аз меҳнат аст,
Обу нони мову ту беминнат аст.
Ҳар яке аз баҳри коре зодаем,
Ҷисми ҷони одамӣ дар хидмат аст.

* * *

Ризқу рӯзӣ неъмати Яздон бувад,
Рӯзу шабҳо бар ману ту медиҳад.
Шукри Аллоҳ, ҳар яке меҳнаткашем,
Ризқи моро Ӯ фаровон медиҳад.

* * *

Кони меҳр аз синаи моён биҷӯ,
Дарди худ дар назди ёронат бигӯ.
Мешавад бар ҷисму ҷонат марҳаме,
Дасти худ аз душмани ғаддор шӯ.

* * *

Дилбаро, бар боғу бӯстонам биё,
Махфиё аз ёру дӯстонам биё.
Дидагонам дар раҳат шабзиндадор,
Дарди манро марҳами ҷонам, биё.

* * *

Кони меҳру босадоқат дилбарам,
Ҷойи ту дар дидаву тоҷи сарам.
Номи некат ҳар замон такрор шавад,
Дар ғазалҳои латифи дафтарам.

* * *

Офати ҷони ғарибон ҳастӣ ту,
Бо ҳама даст бар гиребон ҳастӣ ту.
Кас надонад аз куҷои оламӣ,
Ҳар куҷое масту сарсон ҳастӣ ту.

* * *

Кисса холӣ, роҳи бозор мекашӣ,
Дасту остин барзада бор мекашӣ.
Рӯзи ту аз рӯзи саг ҳам бадтар аст,
Носкаду гум карда озор мекашӣ.

* * *

Улфатонат беҳисобанд, беҳисоб,
Бехабар аз мактабу дарси ҳисоб.
Ҳарчӣ дорӣ, бар арақ сарф мекунӣ,
Дилбарат аз дарду ғам гашта хуноб.

* * *

Рафта рӯзе хонавайрон мешавӣ,
Роҳи худ гум карда сарсон мешавӣ.
Молу мулкат меравад аз дасти ту,
Аз арақ бемору беҷон мешавай.

* * *

Гар бикобам, рӯзу шаб ноёбӣ ту,
Дар сари раҳ мисли кунда хобӣ ту.
Аз куҷое ин қадар менӯшӣ ту,
Дар назар ҳамранги маймун бобӣ ту.

* * *

Вақти мастӣ ваъдаҳоят бешумор,
Роҳи гаштат пуршикасту мисли мор.
Хобию гар андаке ҳушёр шавӣ,
Сӯзию ҳам созӣ ту бо чашми чор.

* * *

Гашта умре дарду дармонат арақ,
Гашта ёру ҷону ҷононат арақ.
Кай шавӣ ҳушёру оӣ бар худат,
Гашта обу баҳри уммонат арақ.

* * *

Ёри нозук, чун гулат пажмурда шуд,
Кӯдакони гул барин озурда шуд.
Кай кунӣ ту алвидо бо пири май,
Ранги рӯят ранги рӯйи мурда шуд.

* * *

Мояи дарду алам бошад арақ,
Одамиро кони ғам бошад арақ.
Ҳар кӣ нӯшад дон, кӣ расво мешавад,
Дарди моро мисли нам бошад арақ.

* * *

Ёраму ҳам нури чашмони манӣ,
Рӯзу шабҳо дарду дармонӣ манӣ.
Бар ту ман як ошиқи дилдодаам,
Шукри он ки гавҳари кони манӣ.

* * *

Зиндагӣ ширин бувад аз ҷони мо,
Меравад аз ҷисми мо дармони мо.
Медиҳем рӯзе ба сахтӣ ҷони худ,
Кам нагардад заррае армони мо.

* * *

Ғофилон аз кирми пилла бадтаранд,
Аз барои мову ту дарди саранд.
Бехабар аз шӯру шари зиндагӣ,
Мисли он, ки зодаанду мурдаанд.

* * *

Ғофилон дар назди мо кӯру каранд,
Аз ҷаҳони воқеъӣ ғам мехӯранд.
Ҳар қадамро хоби ғафлат бурдааст,
Буттаи сабзи пиёзи бесаранд.

* * *

Ғофилон ҳамранги шоми тираанд,
Мисли шамъе назди офтоб хираанд.
Чун ғуломи ҳалқабаргӯши замон,
Зарбаҳои дигаронро хӯрдаанд.

* * *

Ғофилон чун санги хомӯши замон,
Аз гузашти умри эшон дар гумон.
Кай бизоданд, кай раванд аз ин ҷаҳон,
Фарқ надорад байни онҳо ину он.

* * *

Пирӣ омад, бесару сомон шудем,
Ёру дӯсти рафтаро пазмон шудем.
То бубинем бори дигар рӯйи дӯст,
Дар суроғи ёру дӯст сарсон шудем.

* * *

Ҳар якеро баҳри коре зодаанд,
Дар ҳаёт аз баҳри он ҷо додаанд.
Роҳи худро дар ҳаёт пайдо кунем,
Ҳам ба моён чашми бино додаанд.

* * *

Нахли умрат то шавад пурбортар,
Рӯзат аз рӯзат шавад пуркортар.
Аз ҳаёти бесамар андеша кун,
Шав ба кору бори худ ҳушёртар.

* * *

Хобу роҳат додари марге бувад,
Зиндагиро лаҳзаи сарде бувад.
Назми умр беҳуда барбод меравад,
Шабзиндадорӣ кори ҳар фарде бувад.

* * *

Биё, ҷонам баҳори лолазор омад,
Ниҳоли бахти мову ту ба бор омад.
Равем сайру тамошои гулистон,
Бубин, деҳқони пурҳиммат ба кор омад

* * *

З-амри Яздон кашфи олам кардем,
Заҳмати худ сарфи одам кардаем.
Кам намуда кору бори зиндагӣ,
Умри худро дам ба дам кам кардаем.

* * *

Дар забон бисмиллоҳи раҳмони раҳим,
Рӯза бошад фарзи Қуръони карим.
Рамазон моҳи муборак бошаде,
Ҳар, кӣ бошад рӯзадор, пешвои дин.

* * *

Ман ба номат рӯза дорам, эй Худо,
Зи лутфат умедворам, эй Худо.
Гар гуноҳе кардаам, бахшо маро,
Зери поят сар фарорам, эй Худо.

* * *

Эй Худо, Қуръон ба мо кардӣ ато,
Аз гуноҳи охират кардӣ раҳо.
Дар паноҳат зиндаву осудаем,
Халқи моро медиҳӣ ҳар дам баҳо.

* * *

Эй Худо, як номи ту мушкилкушо,
Ҳеч бошад назди ту дарду даво.
Мурдаеро зинда кардан кори ту,
Зиндаро ҳам мурда кардӣ беимо.

* * *

Одамеро офаридӣ, эй Худо,
Худ раҳондӣ аз балову аз қазо.
Гар кунад ҳар кас гуноҳи бешумор,
Баҳри ӯ ту кардаӣ дӯзах ато.

* * *

Эй Худо, бар ҳоли ман раҳме намо,
Ҳар чӣ кардам назди ту бошад хато.
Тавба созам пеши ту шому саҳар,
Бандаатро холӣ созӣ аз ҷазо.

* * *

Эй Имом, мо пайравони дини ту,
Пайравони суннату оини ту.
Кай равем берун зи роҳи рости ту,
Қавму миллатҳо бубин ҳамдини ту.

* * *

Таълимотат такмили дини мубин,
Хуш пазируфт ҳар кӣ ҳаст аркони дин.
Суннати мову шумо олам шинохт,
Даст ёфт бар гуфтаҳоят муслимин.

* * *

Эй Бухоро, бар ту ман дил бастаам,
Ҳар куҷое гар равам, баргаштаам.
Нахли умрам бар ҳамин ҷо рафтааст,
Насли пешин дар ҳамин ҷо гуфтааст.

* * *

Эй шаҳри наҷибу дилкушоям,
Хубтарин шаҳре ту аз бароям.
Ҷойи зисту ҷойи эҷоди манӣ,
Аз ранҷи ғариби ман ҷудоям.

* * *

Обу хокат обу хоки ҷаннат аст,
Хони пурнози ту кони неъмат аст.
Мардуми овозадорат кам мабод,
Ваҳдату сулҳу амонӣ ҳикмат аст.

* * *

Меҳри ту дар мағзи ҷисму ҷони ман,
Гарди хокат дорую дармони ман.
Бе ту ман ҳаргиз намонам дар ҷаҳон,
Мекафад он қалби пурамони ман.

* * *

Деҳи ман, обшору обод гаштаӣ
Ҷойи кору меҳнатобод гаштаӣ.
Кӯчаву ҳам қасру биноҳот базеб,
Маскани инсони озод гаштаӣ.

* * *

Роҳи гаштат доимо бошад сафед,
Аз Худо роҳи сафед дорам умед.
Эй писар, аз хона берун меравӣ,
Гоҳу ногаҳ ёд бикун аз мӯсафед.

* * *

Обрӯят то нагардад оби ҷӯй,
Ҳар чӣ ояд бар забон, ҳаргиз магӯй.
Аз касони нохалаф дурӣ биҷӯй ,
Ҳамраҳат гар фитна ҷӯяд, даст шӯй.

* * *

Шеъри шоир баҳри ту афсона нест,
Ё ба мисли бетаин ҳангома нест.
Шеъри хубаш сӯзу сози миллат аст
Лафзи ширинаш ба мо бегона нест.

* * *

Шоирон пайғамбари давру замон,
Кам набошанд аз шаҳу шаҳзодагон.
Медиҳанд холис баҳо бар зиндагӣ,
Барҳаётанд то қиёмат бегумон.

* * *

Заҳмати шоир гарон ҳасту гарон,
Шеъри мавзунаш бувад хеле равон.
Панду ҳикмат баҳри мо ҳар ҳарфи он,
Мисли ганҷи бебаҳо берун зи кон.

* * *

Ҳеҷ надонанд қадри инсон золимон,
Ҷоҳиланду золими давру замон.
Чӣ бидонанд фарқи байни неку бад,
Баҳри мо бегона аст рафторашон.

* * *

Он чӣ аз дил бар забон ояд мудом,
Мисраҳои шеър шуда гардад калом.
То бигарданд одамон воқиф зи он
Шоирон заҳмат кашанд ҳар рӯзу шом.

* * *

Орзӯи деринаи мо дар дил аст
Тақдирро тадбир кардан мушкил аст.
Ҳар чӣ ояд, аз хати пешонӣ аст,
Пои мо дар хамбаи обу гил аст.

* * *

Хотирам паҳну парешон гаштааст,
Аз фироқи ёри ҷонон гаштааст.
Аз чӣ бошад чанд рӯзе камнамо
Абри чашмам ашкборон гаштааст.

* * *

Дида ҷонон сӯзи ишқ боло гирифт,
Меҳри он дар гӯшаи дил ҷо гирифт.
Ғунчаи бахт чун гули бӯстон шукуфт,
Дар буни гесуи ёр маъво гирифт.

* * *

Боиси бахти сафедам ёракам,
Дар канорам доимо ғамхоракам.
Аз ту монам рӯзакам гардад сиёҳ,
Ҷойи ту бошад мудом дар ёнакам.

* * *

Ёраки ман, зери поятба мирам,
Бар ту фидо сад бор гардад сарам.
Соябоне бар сари фарзандҳом,
Посбони манзилу қулфи дарам.

* * *

Ҳар куҷое, ки равӣ, ман мебарам,
Қиссаву афсонаву шеъри тарам.
Бо ту барҷо бахту тахти зиндагӣ,
Тоҷи сарро гавҳарӣ, эй дилбарам.

* * *

Исми некат зиннати достони ман,
Худ гули зеботарин бӯстони ман.
Зери поят ҷаннати афсонавӣ,
Ҷони ман, эй ҷони ман, эй ҷони ман.

* * *

Сарви бӯстон қомати зебои ту,
Ҳусни боғ аст чеҳраи барнои ту.
Умри ту бодо баҳори бехазон,
Дар миёни дилбарон яктоӣ ту.

* * *

Ҷонӣ ту, эй ҷонӣ ту, эй ҷонӣ ту,
Ҷисми пурдарди маро дармонӣ ту.
Қадри ту болотар аз ҳар чӣ кӣ ҳаст,
Ман замину бар сарам осмонӣ ту.

* * *

Кас надонад пас аз ин фардо чӣ шуд,
Пеши роҳи зиндагӣ чизе, ки буд.
Рӯзи хуб аст рӯзи бад аст парда пӯш,
Хар чӣ ояд бигзарад, тоқат намуд.

* * *

Роҳи гаштат бехатар бод, эй писар,
Гавҳари ноёбӣ ту, нури басар.
Ҳарфи ман бошад дуое доимо,
Сӯйи мақсад мисли симурғе бипар.

* * *

Ҳар чӣ хоҳӣ, бар ту гардад он раво,
Аз дуои мо бувад ин муддао.
Роҳи илмро пеш гирифтӣ ҷони мо,
Унвони докториро даъво намо.

* * *

Роҳи умр ноҳамвору душворгузар
Хуш наояд ҳар кӣ бошад раҳгузар.
Сабру тоқат қимати симу зар аст,
Ҳар кӣ собир, фозилу бологузар.

* * *

Илму ирфон раҳнамои зиндагӣ,
Ё ба мисли дасткушои бандагӣ.
Ҳар муаммо назди олим ҳеҷ бувад,
Касби ӯ омӯзишу созандагӣ.

* * *

Олимон хуб одамони одиланд,
Мисли кӯдак беқарору софдиланд.
Рӯзу шаб дар ҷустуҷӯи илму фан,
Дар ривоҷи илму ирфон комиланд.

* * *

Илму ирфон баркамолӣ офарад,
Ҳам фақирӣ, бенавоӣ мебарад.
Зиндагӣ бин, бомароме мешавад
Бахту иқболи наве меоварад.

* * *

Илм агар бар мову ту раҳбар шавад,
Зиндагӣ пурмазмуну хубтар шавад.
Кам шавад ҳар гуна офат дар ҷаҳон,
Одами комил шавад, дигар шавад.

* * *

Одамӣ тайёраву киштии кайҳон офарид,
Пардаи афсонавӣ аз чашми осмонаш дарид.
Дар ҷаҳон аз чашми мо як сирру савдое намонд,
Ҳар чӣ сӯхту чӣ сохт, ҷони инсонаш харид.

* * *

Мардумон, эй мардумон, эй мардумон,
Бо шумо ободии Замину Осмон.
Бе шумо олам хароб асту хароб,
Мисли дашту чӯлу саҳро ҷонситон.

* * *

Коми худ ширин кунанд аз тӯятон,
Лол гардад ҳар кӣ бинад рӯятон.
Моҳу Хуршед гӯё меҳмон омадаст
Пиру барно як шабе меҳмонатон.

* * *

Хирманат бод пур зи дону пур зи каҳ,
Чун ба мисли хирмани атрофи маҳ.
Кам нагардид захмати деҳқони ту,
Баҳри ӯ арзад, ки ту бардор қадаҳ.

* * *

Дар хаёлам бо ту дорам гуфтугӯ,
Ҳар куҷое аз ту дорам ҷустуҷӯ.
Мисли моҳе зери абр пинҳон шудӣ,
Оламеро менамоям пурсуҷӯ.

* * *

Ҷони ман, эй ҷони ман, эй ҷони ман,
Эй нигори нозанин, ҷонони ман.
Бе ту ман ҳаргиз надорам эътибор,
Ҳамчу гул, эй булбули хандони ман.

* * *

Ман надидам мисли ту ҳаргиз парӣ,
Дар миёни дилбарон дил мебарӣ.
Назди ту қадре надорад одамӣ,
Ҳар кӣ бинад, аз парӣ зеботарӣ.

* * *

Ба роҳат интизорам, “Овози тоҷик”,
Ба роҳат беқарорам, “Овози тоҷик”.
Гаҳе тобӣ, гаҳе пинҳон чу маҳтоб
Ба роҳат умедворам, “Овози тоҷик”.

* * *

Эй Асад, ҳоло, ки ҳастӣ дар ҷаҳон
Рас ба қадри илтифоти ин замон.
Хидматаш кун аз дилу аз мағзи ҷон
То ки монад номи некат ҷовидон.

* * *

Кори шоир нотамом аст, нотамом,
Ҷустуҷӯяш бардавом аст, бардавом.
То намонад аз забону аз замон,
Шеър гӯяд дар навои “Шашмақом”.

* * *

Кору бори дунё хеле вазнин аст,
Зиндагии мову ту ҳам сангин аст.
Ҳар чӣ ояд, аз сари мо бигзарад,
Қалби коҳил, қалби ҷоҳил ғамгин аст.

* * *

Як гуле аз пеши роҳи ман гузашт,
Қалби ман ошиқ шуду девона гашт.
Ҳеҷ надидам ингуна зебопарӣ,
Ишқи беборе, ки буд, афсона гашт.

* * *

Мардони ҷаҳон аз пайи коранд,
Чун шохи дарахт зери боранд.
То ки гардад зиндагӣ пурфайзтар,
Даст аз меҳнати худ ҳаргиз надоранд.

* * *

Аҳли нодон душмани андеша аст,
Оқилонро бурдборӣ пеша аст.
Шахси ҷоҳил аз роҳи шайтон равад,
Нахли умри ҳар ду бин, ҳамреша аст.

* * *

Дида равшан, бин, ки ҷонон омада,
Рӯшукуфта, чеҳрахандон омада.
Қалби мо соф аз ғами дерина шуд,
Хона пур гӯё, ки меҳмон омада.

* * *

Ишқи дилбар, ишқи одам бар сарам,
Шодию ғам хирмани ғам бар сарам.
Одамӣ беғам набошад дар ҷаҳон
Розӣ ҳастам ҳар чӣ ояд бар сарам.

* * *

Эй гули раънои ман, зебои ман,
Дилбари ширинсухан, барнои ман.
Гар набинам як даме дидори ту,
Қалби ман хун мешавад, донои ман.

* * *

Ман, ки ҳастам ошиқи шайдои ту,
Ҳар гаҳе, ки холӣ бинам ҷойи ту,
Дар гумонам бори осмон бар сарам
Бекарорам рӯзу шаб раҳпои ту.

* * *

Давлату ҳам савлати ман ҳастӣ ту,
Бар ману бар кӯдакон дил бастӣ ту.
Паст нагардад то даме он шасти ту,
Бо ғами рӯзгоре зинда ҳастӣ ту.

* * *

Ишқи покат офтоби зиндагӣ,
Баҳри ман аст обутоби зиндагӣ.
Гар набудӣ, хом будем дар ҳаёт,
Шодӣ ҳасту хам саҳоби зиндагӣ.

* * *

Ман ба рангу бӯйи қоғаз зиндаам,
Ранг резад хома, ман пояндаам.
Рози дил гуфтан муяссар мешавад
Гар набошад мурғаки паркандаам.

* * *

Шукри он, ки кӯдакистон хонаам,
Ҳар куҷо паҳну парешон донаам.
Бахти онҳо бахти бедори ман аст,
Баҳри ҳар як дидаву дил додаам.

* * *

Хотирам чанде парешон гаштааст,
Холию дашту биёбон гаштааст.
Худ надонистам пеши корам бастагӣ,
Ё ки дур аз ишқи ҷонон гаштааст.

* * *

Ҳар саҳар мехезаму даст бар дуояш мебарам,
Гар бихонам ман намоз, сар ба пояш мебарам.
То ки монад умри ӯ якмарому бехазон,
Ҳар куҷо хоҳад дилаш дон, ки ҷояш мебарам.

* * *

Ору номус қадру қимат офарад,
Бар ману ту дон, ки ҳиммат оварад.
Ҳар кӣ бошад дур аз ин гуфтори нек,
Исми бадро то қиёмат мебарад.

* * *

Дӯсти ҷонӣ, хоки поят бар сарам,
Ҳар куҷое меравам, ту дар барам.
Бо ту шоду кам нагардад хандаам
Хонаи дил ҷойи ту, эй ҷигарам.

* * *

Ишқи покат беғубор аст, беғубор,
Дил гувоҳи беқарор аст, беқарор.
Боиси хурсандии мо гаштааст,
Роҳи туро интизор аст интизор.

* * *

Одами бедард набошад дар ҷаҳон,
Дарди хайру дарди ишқ аст бегумон.
Зинда бодо дарди ишқи ошиқон
Ҷойи худро пурра созанд ҳар замон.

* * *

Ошиқон дар кӯраи ишқ пухтаанд,
Гоҳе сохта, гоҳе худро сӯхтаанд.
Ошиқӣ ҳам имтиҳони ҷиддӣ аст
Чашми худро сӯйи дилбар дӯхтаанд.

* * *

Бо рухи дӯст хона равшан мешавад,
Аз қудумаш ҳавлӣ гулшан мешавад.
Мисли Хуршед дар нигоҳи гарми ӯ,
Сӯҳбати ӯ марҳами тан мешавад.

* * *

Дӯсти ҷонӣ дар ҷаҳон бисёр нест,
Дӯсти нонӣ сад лаку даркор нест.
Ҳар кадом даъвои дӯстӣ мекунад
Фарқ гузоштан дар миён душвор нест.

* * *

Эй нигори гулбадан, он рӯйи моҳатро кушо,
Мисли моҳи чордаҳ аз зери абр берун баро.
Қоматат дар бӯстон як файзи тоза оварад,
Дар гулистони ҷаҳон ҳамроҳи қалби мо даро.

* * *

Ошиқӣ ҳам кори созу бозӣ нест,
Ё ба мисли аспи чӯби тозӣ нест.
Сӯзу созаш мактаби одамгарӣ
Гар набошӣ, толибаш устозӣ нест.

* * *

Кори олам нотамом аст, нотамом,
Ҷисми одам лойи хом аст, лойи хом.
То пазем дар хумдони зиндагӣ
Чора созем, чора созем, мо мудом.

* * *

Рӯзи мо ҳам бошумору дар ҳисоб,
Мисли он, ки мефарорем мо китоб.
Мӯҳлати зистан муайян кардаанд,
Умри кӯтаҳ меравад он бо шитоб.

* * *

Гоҳе ором, гоҳе тӯфон зиндагӣ,
Гоҳ сарду гоҳе сӯзон зиндагӣ.
Ину онаш пораи умри азиз
Гар нашӯрӣ, зиндагият бандагӣ.

* * *

Шеъри шоир хуни гарми ҷисму тан,
Гарм созад зиндагиро бо сухан.
Мисли хуршед роҳи мо равшан кунад,
То шавем мо ошиқи зебо Ватан.

* * *

Умри мо охир пазирад мисли роҳи охирин
Ҳар кӣ гӯяд буд ҳамин, ҳам буду нобудаш ҳамин.
Мекунӣ бо хонадону ёру дӯстонат видоъ
Дар ҷаҳон чанде набошӣ, меравӣ зери замин.

* * *

Рӯзе мо ҳам меравем аз куи ёр
Гарчӣ ояд иди Наврӯз ҳар баҳор.
Мо набинем рӯзи равшанро дигар
Ёр бимонад дар азою хору зор.

* * *

Навбати зистан ба мо гардид насиб,
Шукри он, ки бо ту гаштем мо ҳабиб.
Дар паноҳат комронӣ мекунем
Гарчӣ дурем, дон, ки мо бо ту қариб.

* * *

Мо, ки ҳастем ошиқи пиронасар,
Ошиқӣ бар мову ту бошад дигар.
Гар ту бошӣ ошиқи зебопарӣ,
Мо, ки ҳастем ошиқи илму ҳунар.

* * *

Мову ту дар як замона зистаем,
Гоҳе шодон, гоҳе ҳам гиристаем.
Гарчӣ хӯрдем заҳру мо гуфтем шакар,
Нахли умри худ ба ҳам пайвастаем.

* * *

Қалби худро холӣ кардам аз сухан
Ҳар чӣ омад дар забону дар даҳон.
Ҳарфи бад соқит намудам бегумон
Ҳам ғаму ҳам шодиро кардам баён.

* * *

Рӯзҳои пуразоби мо гузашт,
Оби рафта сӯйи чашма барнагашт.
Мулки мо озоду обод гаштааст,
Зиндагимон хурраму озода гашт.

* * *

Эй нигорам, дар паноҳат кӯдакон,
Зинда бошӣ, соябони хонадон.
Ту набошӣ, оламам гардад хароб
Рӯз бину рӯз бинам дар ҷаҳон.

* * *

Эй Ватан, ту модари ғамхори ман,
Бахти неку давлати пойдори ман.
Орзӯ дорам, машҳури дунё шавӣ,
Саҷдагоҳи миллати номдори ман.

* * *

Ишқи аввал ҷиддӣ асту пурбақо,
Ишқи сонӣ кони дарду моҷаро.
Бахти тира мисли шоми тира аст
Тира гардад рӯзгори пурсафо.

* * *

Аз барои касбу коре зодаем,
Дар мароми зиндагӣ дил додаем.
То кунем мо хидмати пиру ҷавон
Умри худро сарфи инсон кардаем.

* * *

Бе ту бошад торикистон манзилам,
Ях бубандад мисли дарёҳо дилам.
Гӯиё дунё ба ман бегона аст,
Кас надонад дар куҷо хоку гилам.

* * *

Ман надонам боиси дарди дилам,
Мисли ҳезум дар гирад хоку гилам.
Ё ки бошад аз фироқи дилбарам
Тираву ҳамранги зиндон манзилам.

* * *

Дунё чу саҳна, мову ту бозигарем,
Қавми онҳо дигару мо дигарем.
Мо надонем бар кӣ гӯем дарди худ
Аз буду нобуду худ дарди сарем.

* * *

Пазмони ту гаштам, ёри ҷонӣ,
Маҷнун манаму ту Лайли сонӣ.
Кай омадию кай рафтаӣ ту
Дар мулки назар ту зинда монӣ.

* * *

Мисли ту ҳаргиз надидам ҷонфидо,
Баҳри шогирд мешавӣ обу адо.
Эй муаллим, сарвари садҳо даҳо,
Хидмати шоистаи ту бебаҳо.

* * *

Моли инсоф он қадар ҳам кам шудаст,
Бин гуноҳе бар гуноҳе зам шудаст.
Фарқ надорад некӣ кардан ё бадӣ,
Ин шиори мардуми беғам шудаст.

* * *

Қадри мову ту чаро камтар шавад,
Зиндагӣ дар асри нав дигар шавад.
Чӣ қадар расми наве пайдо шудаст,
Ҳар кӣ доно, хонда дарди сар шавад.

* * *

Кай шукуфад ғунчаи уммеди мо,
Кай кушояд рӯйи худ хуршеди мо.
“Ноумед шайтон”, бигӯянд оқилон
Рӯзе ояд оби соф дар рӯди мо.

* * *

Мардикорӣ хислати заҳматкаш аст,
Феълу хӯи инчунин кас дилкаш аст.
Оламе аз дасти ӯ обод шавад,
Ҳар мукофоти амал бебаркаш аст.

* * *

Ҳар кӣ бошад номдору пурҳунар,
Байни мардум мешавад ӯ мӯътабар.
Кору бораш бар ҳама гардад писанд,
Ҳар куҷое меравад, нуре ба сар.

* * *

Кори инсон баъди марг осон шавад,
Баҳри ӯ ҳар неку бад яксон шавад.
Мисли солаш кори ӯ гардад ҳисоб
Ё ки номаш неку ё бадном шавад.

* * *

Оби ҷӯй аз чашма ояд лою лой,
Мо ба ту гӯем ғами худ вою вой.
Кас нагирад ҳеҷ хабар аз ҳоли мо
Хаста гаштем, бистарию ҷо ба ҷой.

* * *

Мо набудем дар ҷаҳон бе дарду ғам
Гарчӣ мешуд умри мо то рафта кам.
Меҳри мо бар ёру дӯст пайваста буд
Дарди ёрон ҳам ғами мо гашта буд.

* * *

Кори олам баҳри мо як рӯза нест,
Зиндагӣ як рӯзаку дурӯза нест.
Роҳи умри ҳар яке тӯлонӣ аст
Умри мо бар кору бар андоза нест.

* * *

Бар касе гар мекунӣ арзи вафо,
То ки зинда, қарзи худ ичро намо.
То нагардӣ бебақою бенаво
Аз паноҳи ҳарфу лафзи худ баро.

* * *

Даври мо даври асри бисту як,
Аз нишоти умри мо дорад дарак.
Гум шавад номаки Ҷанги ҷаҳон
Баҳри мо бештар шавад нону намак.

* * *

Қиссаи Фарҳоду Ширин кӯҳна нест,
Қиссаи Лайлию Маҷнун кӯҳна нест.
Ҳар кӣ гӯяд кӯҳна, он беҳуда аст,
Ишқ монад ҷовидон з-он кӯҳна нест.

* * *

Дарди ишқро доруе нест, ки нест
Аз касе ҳам ёрие нест, ки нест.
Дарди манро худ бидонад дилбарам
Гар ту оӣ, хорие нест, ки нест.

* * *

Мушти худ бар фарқи кинаш мезанам,
Ман саморо бар заминаш мезанам.
Гар бубинам одами гапнодаро
Аспи ҷаҳлро бин, ки зинаш мезанам.

* * *

Хоби шаб чун мурғи илҳомам парид,
Қалби бедор парда аз рӯяш дарид.
Хоб дидам модари ғамхори худ,
Баҳри ман гӯё, ки хома мехарид.

* * *

Шеър гуфтам баҳри таскини дилам,
То ки монад дар замин обу гилам.
Чӣ қадар он одамони бенишон
Рафтаанд аз деҳаву аз манзилам.

* * *

Ман накардам бар касе кори баде
Бо ҳама дӯсти қарину ҳамдаме.
Исми бад бори вазнинам нашуд
Ҳар куҷое меравам, як марҳаме.

* * *

Ҳусни ҳар як касбу коре гаштааст,
Нахли умраш пури боре гаштааст.
Ҳар куҷое шохи хушке дидаам
Дидаро он захми хоре гаштааст.

* * *

Ашки пурхунам гаҳе тӯфон кунад,
Нақшаҳои зиндагӣ вайрон кунад.
Дасту поям дасту пои мурдааст
Ақлу ҳушамро барад ҳайрон кунад.

* * *

Мезанад тири ҷафо гоҳе ба сар
Мешавам аз дарди он хуни ҷигар.
Зиндагӣ пур аз нишоту дарду ғам,
Ғам набошад оламе гардад дигар.

* * *

Мисли барфе сап-сафед бод роҳи ту
Доимо бахти сафед ҳамроҳи ту.
Ҳар куҷое меравӣ, ту зинда бош!
Гирд-гирди оламе шаҳроҳи ту.

* * *

Меҳри гармат ҷисму ҷонам офарид
Дар ҷаҳоне як ҷаҳонам офарид.
Эй Падар, бе ту набудам ин замон
Сарбаланду шодмонам офарид.

* * *

Эй Падар, ман бо ту дорам ифтихор
Мисли шере пурдилу пуриқтидор.
Ҳеҷ надорам тарсе ман аз марги худ
Пас наоям аз касе дар вақти кор.

* * *

Ғам заволи умри ширин гаштааст,
Ҳам заволи умри рангин гаштааст.
То тавонӣ дурӣ ҷӯй аз ҳар ғаме
Бин ту бар сар бори сангин гаштааст.

* * *

Ҳар куҷое по ниҳӣ, андеша кун,
Одаму одамгариро пеша кун.
То набошад пеши роҳат бастагӣ,
Мисли нахле дар заминаш реша кун.

* * *

Рӯҳи шоир мисли пӯлод бешикаст,
Ҳеҷ насозӣ азми ӯро пушти даст.
Ҳар кӣ гӯяд қонуни давру замон
Роҳи онро ҳокиме натвон бубаст.

* * *

Худ нигаҳ дор аз балову аз қазо,
Бахту иқболу маро созӣ раҳо.
Бар ту дорам эҳтирому эътиқод,
Ту диҳӣ бар феълу атвораш баҳо.

* * *

Ман нахоҳам одаме бинад ҷафо,
Ё ки монад дар ҳаёт ӯ бесафо.
Ҳар кӣ бошад баҳри зистан омадааст
Мо кунем бар ҳар яке сидқу вафо.

* * *

Аҳди моро бевафоӣ бе ту нест,
Дарди моро бедавоӣ бо ту нест.
Ҷисми моро ҷони гарм гарди худат
Кори моро нотамомӣ бо ту нест.

* * *

Қадри шоир дафтари ашъори ӯ,
Мисли ганҷи бебаҳо гуфтори ӯ.
Дарди халқро бар забон орад мудом
Дар сухан аст бурди ӯ, бозори ӯ.

* * *

Ай халқи кабири пора-пора,
Дар рӯйи ҷаҳон гашта овора.
Ба ҳаққу ҳуқуқи ту чиҳо шуд
Бар дарди сарат кай ёбӣ ҷора?!

* * *

Душманат бисёр аст халқи кабирам
Чӣ ҷора ҷӯямат ту ҳастӣ пирам.
Ба хонаи ту ҳам рӯзе шавад ид
Қасоси ғамро аз кӣ ман бигирам?

* * *

Қалби ман шуд чашмаи хун аз ғамат,
Ҷойи хун май мехӯрад бин, душманат.
Гарчӣ бошад нотавону худпараст
Мисли кайке меҷабад хуни танат.

* * *

Он баҳори интизорат дар раҳ аст,
Қалби ман аз иди Наврӯз огаҳ аст.
Мешавад мулки харобам гул ба сар,
Ҳар чӣ гӯям, дар китобам матраҳ аст.

* * *

Меҳри ту дар мағзи ҷонам, мактабам,
Ҳамдили ман, ҳамзабонам, мактабам.
Рафта аз оғӯши ту гаштам ятим,
Мисли модар меҳрубонам, мактабам.

* * *

Гар шавад як ҷонваре бехонумон,
Ин гуноҳи мардумони беимон.
Худ бидонанд, на ғами бегонагон
Гӯӣ ҳастанд қаҳрамони ин замон.

* * *

Худ нигаҳ дор аз балову аз қазо,
То наояд рӯ ба рӯ ё аз қафо.
Сарпаноҳи хуби мо ҳастӣ, Худо,
Ваъдаҳоятро бувад доим вафо.

* * *

Дарди миллат дарди ҳар як паҳлавон,
Гар бидонӣ дарди онро қаҳрамон.
Ҳар кӣ дорад як забони модарӣ,
Ту надонӣ қавми пасте дар ҷаҳон.

* * *

Кори олам нотамом аст, нотамом,
Ҳар кӣ гӯяд, ки тамом савдои хом
Монда он мероси аҷдодони мо
Гар набошад ризқи мо гардад ҳаром.

* * *

Кони ғусса, кони ғам гашта дилам,
Баҳри ман бегона гашта манзилам.
Буд сутуни хонадонам модарам
Бе ту мондам ман ятим, хоку гилам.

* * *

Манзилам пур аз садои кӯдакон,
Ғайри шодӣ ғам набошад бегумон.
Меҳри онҳо зарбаҳои қалби ман
Бо ҳамонҳо зиндаам ман дар ҷаҳон.

* * *

Ҳар чӣ гуфтам, он садои қалби мо,
Ҳар китоби шеъри мо гардад гувоҳ.
Ҳарфи худро рост гуфтем беибо,
То шавад бар дарди дилбанде даво.

* * *

Ишқи соф монанди гавҳар бебаҳо,
Пок дорад қалби моро аз бало.
Гар кунад ошиқ ба маъшуқаш ҷафо
Ҳар чӣ ояд бар сараш бошад раво.

* * *

Хоки поят чашми моро тӯтиё,
Медиҳад бар дидаҳо нуру зиё.
Нахли дӯстӣ аз ту гардад бордор,
Хона пешкаш бар ту бодо, марҳабо!

* * *

Ҳар кӣ дорад касбу коре дар ҷаҳон,
Аз пайи он мешавад фахри замон.
Беҳунарҳо дидаам бечораанд,
Ранҷи бисёр бори онҳо бегумон.

* * *

Эй дилам, аз хонаи тангат баро,
Рав ба гулзор ҳамраҳи булбул саро.
Ин баҳори умри мост, ки меравад
Қулфи дилро назди дилдорат кушо.

* * *

Тухми орзӯ кас накорад бар замин
Гар бикорад у насабзад аз камин,
Рафтагон орзӯи худ бурданд ба хок
Мағзи панди гуфтаи мо буд ҳамин.

* * *

Мекунӣ ҳар лаҳза моро имтиҳон,
Аз чӣ сӯзат, дилбари беҳтар зи ҷон.
Ман накардам ишқи туро зери по
Баҳри ман танҳо туӣ абрукамон.

* * *

Эй санам, он нози бозорат бикушт,
Дар баҳорон сайри гулзорат бикушт.
Дида ҳуснат ғунчаҳо хандон шуданд
Лафзи ширин, тарзи гуфторат бикушт.

* * *

Аз нигоҳи гарми ту олам гулистон мешавад,
Аз нигоҳи сарди ту олам зимистон мешавад.
Ихтиёрам бурдаӣ, ман аз ту хоҳам илтифот
Илтифотат бар тани пажмурдаам ҷон мешавад.

* * *

Лаҳза-лаҳза ёди ҷонон мекунам,
Дар фироқаш сина бирён мекунам.
Вай дарояд бори дигар аз дарам,
Хидматашро аз дилу ҷон мекунам.

* * *

Дилбари зебову ҳушёри манӣ
Таскини ин қалби бемори манӣ.
То ки бошам дар ҳаёт осудаҳол
Ту буду нобуди рӯзгори манӣ.

* * *

Марди оқил тарки давлат мекунад,
Алҳазар аз ному савлат мекунад.
Медиҳад бар худ баҳои пасту паст,
Худпарастро туфу лаънат мекунад.

* * *

Эй писарҷон, ҷисму ҷонам ҳастӣ ту,
Бар ману бар модарат дил бастӣ ту.
Бар ту дорем эътимоду эътиқод
Дасту пои ҳар яки мо гаштӣ ту.

* * *

Эй бути нозукадои ман, биё,
Шоми торики маро гардӣ зиё.
Манзилам бин, торикистон гаштааст,
Мисли моҳи чордаҳе аз дар даро.

* * *

Шоиро, бозори шеър гардид касод,
Қалби бемори замон пур аз фасод.
Дафтари шеър болини сар гаштааст,
Ку ба чашми одамон нуру сафо?

* * *

Чун лашкари Чингиз пирӣ ҳуҷум кард,
Айши ҷавонӣ заҳру зақум кард.
Мояи умрам ҳарчӣ замон шуд
Ҷаҳони пурнури бандаро гум кард.

* * *

Ҳар чӣ гӯям моли ман, бегона нест,
Ҳар кӣ бошад дар Ватан, бехона нест.
Қимати молро бидонад соҳибаш,
Муши шабпар ҳеҷ гаҳ бедона нест.

* * *

Ҳар парирухсор ҳанӯз ҷонона нест,
Ёри мо гуфтан хато, мардона нест.
Кас надонад асли ӯ чӣ ҳасту кист?
Дар миёни дилбарон фарзона нест.

* * *

Пирони ҷаҳондидаи пуршон
По дар сари хоку сар ба осмон.
Бо насли навин ғурур доранд,
Ба мақсади худ расидан осон.

* * *

Эй ёри азиз, аз ту дурам, дурам,
Бе нури рухат дон, ки ман мирам.
Ку болу паре, ки ман боз кунам,
Бар ёди рухат шабона парвоз кунам.

* * *

Ҷонона маро, хонабардӯш макун,
Бар ҳарфи рақибон, ай гӯш макун.
Мову ту гавҳари як кони Аҷам,
Аслу насаби тоза фаромӯш макун.

* * *

Лаҳза-лаҳза умри мо чун оби дарё меравад,
Ё ба мисли моҳие шасте ба боло меравад.
Кӯдаки нодон будем, пири барнодил шудем,
Оқибат аз чашми мо тасвири дунё меравад.

* * *

Эй инони зиндагӣ дар дасти туст,
Аҳл гардон ҳамаро чун ёру дӯст.
То намонад душмане дар байни мо
Даст зи аҳли нокасон бояд шуст.

* * *

Сарфарозам назди халқи қаҳрамон
Ҷони худро медиҳад бар меҳмон.
Гар кушода чашми сарро бингарӣ
Баҳри мо шуд мактаби одамгарӣ.

* * *

Эй рақиби бериёю беҳунар,
Аз ману аз дӯсти ман гумонбар.
Дасти туро мо магар бигрифтаем
Гар нависӣ, хуб навис ту аз ҷигар.

* * *

Шеъри нав моли дӯкони ту нест,
Ахтари рахшони осмони ту нест.
Ҳарзагӯиҳои ту бар ҷон расид,
Ҳарфу ҳиҷо шӯҳрату шони ту нест.

* * *

Меҳмони ту гаштам, синаларзон,
Қурбони ту гаштам, синаларзон.
То ту бишавӣ ба ҷисми ман ҷон
Посбони ту гаштам, синаларзон.

* * *

Тарбият одамро одам мекунад,
Дӯсту душман дон, ки ҳамдам мекунад.
Гар нагирӣ таълиму тарбия ту,
Бори рӯзгор қоматат хам мекунад.

* * *

Аз ҷавонӣ, аз пайи мақсад бишав,
Аз пайи устоди дилсӯзат бирав.
То ки ёбӣ дар ҳаёт ту ҷойи худ,
Панду ҳикмат аз забони мо шунав.

* * *

Умри худро сарфи одам мекунем,
Умри худро сарфи олам мекунем.
То ки монад номи мо ҳам ҷовидон,
Хидмати олам ба одам мекунем.

* * *

Шукри он, ки навбати зистан ба мо,
Навбати эҷоду кор бастан ба мо.
То намоем дафтари корро сиёҳ
Фурсати бекор кай гаштан ба мо?!

* * *

Олимону шоирон хам одаманд,
Гарчӣ доранд он қадар номи баланд.
Фарқи онҳо заҳмати беохир аст,
Кори онҳо то қиёмат бегазанд.

* * *

Ғофилон, эй ғофилон, эй ғофилон
Умри мо охир шавад, гардад хазон.
Мову ту бар қадри одам кай расем?
Мисли чархи мошин аст давру замон.

* * *

Модарам, эй модари ғампарварам,
Будӣ ту дар зиндагӣ болу парам.
Ҷуръати парвози пешинам намонд,
Пур аз ғам гаштаст ин бому дарам.

* * *

Майли дидан дорӣ гар, ҳар рӯз биё,
Ҳар рӯз биё, сесаду шаст рӯз биё.
Рӯзи ту кӯтоҳ шавад, шабҳо биё,
Мисли шамъи бобоӣ пурсӯз биё.

* * *

Дилбарам илҳоми ман, эҷоди ман,
Ҳар балое сар занад, наҷоти ман.
Рафтӣ рӯзе, пеши корам баста шуд,
Зуд биё, бар манзили ободи ман.

* * *

Бишнавӣ гар шеъри озоди маро,
Шеъраки озоду ободи маро.
Омада меҳмон шудаст илҳоми ман,
Бинӣ ту фарзанди навзоди маро.

* * *

Шеър гуфтам аз бароят дилбарам,
Рӯзу шаб савдои ишқат бар сарам.
Ту худат шоҳиди илҳоми манӣ,
Исми ту то бар Сурайё мебарам.

* * *

Сайри ҷаннат гар биёяд бар сарат,
Роҳи Осмону Замин он ҷо барад.
Шаҳри Шероз ҷаинати накде бувад
Ҳусни он ҷо дидаю дилро барат.

* * *

Нони гандум зеби дастархони мо,
Ҷисми моро қуввату дармони мо.
Мисли рӯйи сурху гарми модарон,
Чашми сери ҷумла меҳмонони мо.

* * *

Буду шудам моли ту, зебо Ватан,
Дар раҳат бодо фидо ҳам ҷону тан.
Ман надидам мисли ту ғамхорае
Гаштаӣ ту сарпаноҳи марду зан.

* * *

Ҳар чӣ кардам, баҳри ту кардам, Ватан,
Гирди ту парвонасон гаштам, Ватан.
Меҳри ту хуршеди қалабам гаштааст,
Қисматам бар қисматат бастам, Ватан.

* * *

Сарзаминат мисли осмон беҳудуд,
Кас набинад дар фазоят гарду дуд.
Ман надидам мисли ту бошад чаман,
Гар бидидам, қалби ман шайдо нашуд.

* * *

Зар фишонад дар барат Амую Сир,
Чашмаю рӯдат бувад дарёи шир.
Ҳар куҷоят кони ганҷу кони зар
Сарбаланд аст ҳар ҷавону шахси пир.

* * *

Чашм кушода рӯйи ту дидам, Ватан,
Аз нигоҳи гарми ту шодам Ватан.
Ҳар якеро мисли модар ҳастӣ ту
Исми модар ман ба ту додам, Ватан.

* * *

Ман надидам қалби шоде дар ҷаҳон,
Аз ғаму аз шодӣ бувад озода он.
Гарчи дорад давлату ҳам савлате
Одамӣ беғам набошад бегумон.

* * *

Давлати Қорун кунад бар ту насиб,
Ҳеҷ набошад дар ҷаҳон бар ту рақиб.
Доимо худро шиносу гум макун
Бар ману бар дигарон гардӣ ҳабиб,

* * *

Ҳар кӣ ёбад назди дӯстон эътибор,
Хам нагардад қоматаш аз кору бор.
Номи некаш лоиқи достон шавад,
Ёру дӯстон менамоянд ифтихор.

* * *

Ин қадар кам тухми шоир дар ҷаҳон
Тухми он ҳар ҷо нарӯяд бегумон.
Хоки марзаш хоки поки модарон,
Шеър гӯяд бо забони дилбарон.

* * *

Шоирони тамаъхоҳу тамаъхӯр,
Гарчӣ зинда, ҷисми онҳо хоки гӯр.
Шеъри фачро моли бозор кардаанд
Роҳи худ гум кардаанд чун буми кӯр.

* * *

Шоирӣ худ покию пайғамбарӣ,
Кори ӯ ҳаргиз набошад сар-сарӣ.
Шеъри хубаш сураи Қуръон бувад,
Шоҳу Султон назди ӯ бошад барӣ.

* * *

Шоирон аз зарра олам офаранд,
Оламеро назди зарра мебаранд.
Бин ту кашфи оламу одам кунанд,
Дурри маънӣ аз забони ту баранд.

* * *

Шоирон ҳаргиз набошанд бетараф,
Аз муми шӯрида месозанд садаф.
Ҳар куҷо дониста мегӯянд сухан,
Ростӣ аст ҳарфи онҳоро ҳадаф.

* * *

Одами беғам набошад дар ҷаҳон,
Шоирон ғамгинтаранд аз дигарон.
Дарди онҳо дарди халқу кишвар аст,
Дарду ғам бар дӯши онҳо бас гарон.

* * *

Шоире аз баҳри худ шеъре нагуфт,
Ё шабе бе дарди эҷоде нахуфт.
Ҳар чӣ гӯяд, баҳри мардум гӯяд ӯ,
То пагоҳӣ дар хаёли тоқу ҷуфт.

* * *

Шеъри нав чун моҳи нав пайдо шавад,
Ҳар кӣ хонад, ошиқу шайдо шавад.
То пагоҳӣ гарчӣ бошад моли мо
Пар барорад, муждаи дунё шавад.

* * *

Деҳаи Шавгони ман тоҷикнишин,
Сокинонаш сарбаланд меҳнатқарин.
Кони мева, кони “тиллои сафед”,
Аҳли деҳа соҳиби обу замин.

* * *

Манзили зебоӣ ту, Шавгони ман,
Ҷисми манро қуввату дармони ман.
Хоки покат доруи аълотарин,
Нур гирад аз ту ин чашмони ман.

* * *

Шеъри ман, ҳар ҷо равӣ, мардона бош,
Дар мақоми шоирон фарзона бош.
Ҳар кӣ созад қасди ҷони миллатам,
Дар набарди тан ба тан шерона бош!

* * *

Одамӣ гардад агар бемори хоб,
Мекашад аз ранҷи он беҳад азоб.
Дарди ӯ, ки содда асту ноаён,
Оқибат аҳволи ӯ гардад хароб.

* * *

Хоби бисёр бори ҷисм аст бегумон,
Заҳри мору офати ҷон аст мудом.
Нисфи умрат сарфи хобе мешавад,
Дер напояд ҷисму ҷони ту давом.

* * *

Сарварон дар маърака бологузар,
Фарқ дорад хулқашон аз як дигар.
Он яке гар одили халқпарвар аст,
Дигаре бадхулқу ҳам бадтар зи хар.

* * *

Булҳавас ҳаргиз нагардад ошиқи арзандае,
Мисли муслим ошиқи дилсӯхтаи ҳар бандае.
Дон, ки дар бахти касе ӯ носипосӣ мекунад,
Мешавад дар байни мардум, оҷизу шармандае.

* * *

Мардумӣ бо ишқи кишвар зиндааст,
Одамӣ бо ишқи дилбар зиндааст.
Гар набошад оташи ишқ дар дилаш,
Дар ҳисори душманонаш бандааст.

* * *

Даст ба хома, пеши корам бастагӣ,
Кас надонад, бар ки ман дил бастагӣ.
Ё ба ёри бевафою пурҷафо,
Ё зи бори кастагию хастагӣ.

* * *

Эй азизам, шеъри содда гӯямат,
Бо дили пазмон раҳеро ҷӯямат.
То бидонӣ мақсади эҷоди ман,
Дар нигоҳат мисли лола рӯямат.

* * *

Тоҷу тахти давлатат поянда бод,
Обу хоки давлатат зоянда бод.
Дар ҷаҳон ҳаргиз наёбӣ ту завол,
Бахти рахшони ту дар оянда бод.

* * *

Баҳри халқат меҳнати шоиста кун,
Кору борат дидаву дониста кун.
Миллатат аз заҳматат гардад ризо,
Хидматашро гаштаву баргашта кун.

* * *

Баҳри мо якто бувад зебо Ватан!
Баҳри мо танҳо бувад зебо Ватан!
Хидмататро аз дилу ҷон мекунем,
То шавад ҳар гӯшааш зебо чаман.

* * *

Эй Ватан дар хидматат омодаем,
Баҳри ҳифзат ваъдаҳо ҳам додаем.
То кунем бар ваъдаҳои худ вафо,
Рӯзу шаб дар сарҳадат истодаем.

* * *

Обу хокат бебаҳо аст, кишварам,
Меҳри ту дар дидаҳо аст, кишварам.
Мисли ту зебомаконе дар куҷо?
Ранги ҷаннат водиҳо аст, кишварам.

* * *

Хоки покат сурмаи чашмони ман,
Мисли модар доимо пазмони ман.
Бе ту ман ҳаргиз набошам сарбаланд,
Ҳам ғарибу ҳам гадое бе Ватан.

* * *

Соҳиби обу замин гаштӣ кунун,
Пораҳои нони ту гашта бутун.
Ҳад надорад ҳеҷ касе фармон диҳад,
Дар равоқи қонуне гаштӣ сутун.

* * *

Касбу корат мӯътабар аст, мӯътабар,
Вай туро мерос монда аз падар.
Эй писар, бар қадри он бояд расид,
Кун ту коре то нагардӣ дарбадар.

* * *

Файзи олам ҳосили деҳқон бувад,
Зери пояш сад ҳазорон кон бувад.
Ризқу рӯзӣ маҳсули дастони ӯ,
Ҷисми хору зори моро ҷон бувад.

* * *

Ҳурмати пиру ҷавон шуд давлатам,
Ифтихори ёру дӯст шуд хидматам.
Ман набофтам рӯзи фармони Ватан,
То, ки бошад розӣ аз ман миллатам.

* * *

Эй нигори маҳлиқо, ту дар куҷоӣ, дар куҷо?
Эй нигори хушлиқо, ту камнамоӣ, камнамо!
Ташнаи дидор гаштам, беқарору зор гаштам,
Эй нигори дилрабо, ман ҷудову ту ҷудо.

* * *

Муҳаббату садоқатам, Ватан,
Имомату ибодатам, Ватан.
Ту хоҳару ту модари манӣ,
Саодату садоқатам, Ватан.

* * *

Эй Ватан, яктои ман, танҳои ман,
Эй Ватан, зебои ман, барнои ман.
Ҳусни ту аз ҷаннате болотар аст,
Мардумат бо маърифат донотар аст.

* * *

Миллати пурдонишу пурори ман,
Миллати пурғайрату ҳушёри ман.
Исму расмат олами ҳастӣ гирад,
Рӯзу шабҳо дар набард ҳушёри ман.

* * *

Ҷон фидои ёри ҷонӣ мекунам,
То тавонам, меҳрубонӣ мекунам.
Хидмати ман то шавад мақбули ӯ,
То ба охир ҷонфишонӣ мекунам.

* * *

Ҳар кӣ ояд бар дарам, ҳурмат кунам,
Нури дида, тоҷи сар, иззат кунам.
То шавад аз ман ривову сарфароз,
Хидмати шоиста беминнат кунам.

* * *

Ҳар кӣ ояд, ризқи худро мехӯрад,
Нони мову нони туро кай хӯрад?
Назди меҳмон чеҳраат пурчин макун,
Гар бубинад, ҷойи нон ғам мехӯрад.

* * *

Умри одам он қадар тӯлонӣ нест,
Фурсати бекорию нодонӣ нест.
Гарчи бошад моҳу солаш бешумор,
Кӯтаҳ асту боиси шодонӣ нест.

* * *

Вақт кам асту фурсати бекорӣ нест,
Дар гумонам лаҳзае сархорӣ нест.
Кун шитоб хидматат гардад тамом,
Вақти ҳазлу шӯхию безорӣ нест.

* * *

Саъй кун, то нахли ту бор оварад,
Меваи хуштаъму шаҳдбор оварад.
То намонад меҳнати ту бесамар,
Роҳи туро сӯйи гулзор оварад.

* * *

Хоки покат бӯйи одам мекунад,
Камбағалро бою Ҳотам мекунад.
Сарзаминат ҷаннату ҳосилхез аст,
Оламеро серу беғам мекунад.

* * *

То шавам дарду давоят, дилбарам,
То шавам обу адоят, дилбарам.
Иззату обрӯи худ аз даст мадеҳ,
То намоям ман вафоят, дилбарам.

* * *

То кӣ бошӣ тоҷи сар, эй дилбарам,
То кӣ бошӣ доимо ту дар барам.
Панди ишқу ошиқиро ҳифз кун,
То бигардӣ соҳиби бому дарам.

* * *

Ишқи ту ман дар дилам мепарварам,
Дар ҷаҳонӣ ошиқон ту сарварам.
Бо ту ҳастам, бо ту бошам доимо,
Номи некат дар забонҳо мебарам.

* * *

Шоирам ман, васфӣ ту дар дафтарам,
Исми ту дар ҳар сурудам, дилбарам.
Ман туро ҷо дар китобам мекунам,
Ишқи покат доимо дар хотирам.

* * *

Шоирон таъзим бар модар кунанд,
Шоирон таъзим бар хоҳар кунанд.
Гарчӣ онҳо сарбаланду худшинос,
Рӯзу шаб таъзим бар кишвар кунанд.

* * *

Чашмаҳоят пур зи обу гавҳар аст,
Қимматаш болотар аз симу зар аст.
Об набвад, дар куҷо бошад ҳаёт,
Шӯҳрataш олитар аз тоҷи сар аст.

* * *

Ҳамзабонон дар куҷоед, дар куҷо?
Ман, ки ҳастам аз шумо чанде ҷудо!
Ёд кардам сӯҳбати ёрони худ,
Меҳрубони ман бувад танҳо Худо.

* * *

Миллати ғамхори ман, ғамхори ман,
Миллати номдори ман, номдори ман.
Бо ту ҳастам сарбаланду бахтёр,
Иқтидори давлати подори ман.

* * *

Эй диёрам, шӯҳратат олам гирифт,
Душмани гӯрсӯхтаат мотам гирифт.
Ҳусни шаҳру деҳи ту душманкушаст,
Аҷнабии нотавонро ғам гирифт.

* * *

Чархи гардун сад ҷафо орад ба ман,
Тири офат аз само орад ба ман.
Ман надонам дар чӣ бошад айби ман,
Душманон ҳам қасди ҷон доранд ба ман.

* * *

Дил бихоҳад мадҳи ту созам баён,
Шӯҳрату шони туро созам аён.
Оҳ, тарсам оҷиз аст аз ин қалам,
Кош, бошад шеърҳои ман равон.

* * *

Чун бихонам таърихат, дил хун шавад,
Нафратам бар душманат афзун шавад.
Дам ба дам бар сӯйи ту лашкар кашад,
Соҳиби обу замин Қорун шавад.

* * *

Эй Бухоро, бе ту будан мушкил аст,
Меҳри гарми модарият дар дил аст.
Бе ту будан марги ноҳангоми ман,
Он ки монд бехонаву беманзил аст.

* * *

Эй Бухоро, дар ғамат ҳастам мудом,
Мехӯрам ғамҳои ту ман рӯзу шом.
Гоҳ шодӣ, гоҳ ғамгин ҳастӣ ту,
Ба ману бар дигарон дил бастӣ ту.

* * *

Бо ту ҳастам рӯзу шаб дар гуфтугӯ,
Бо ту ҳастам рӯзу шаб дар ҷустуҷӯ.
То кунем мо мушкилеро ҳаллу фасл,
Бо ту ҳастам ҳар куҷое рӯ ба рӯ.

* * *

Қатраи оби зулолат роҳати ҷони ман аст,
Оби рӯду чашмаҳоят, нури чашмони ман аст.
Пиряхҳоят бувад сарчашмаи оби равон,
Лаълу ганҷи кӯҳҳоят, кони армони ман аст.

* * *

Қуллаҳоят сарбаланду пурвиқор,
Баҳри душманҳои дун чун чӯби дор.
Ҳар кӣ ояд бо дили пуркинае,
Мешавад аз тарсу ларзе хору зор.

* * *

Бо ту нозам кишвари озоди ман,
Сарзамини хурраму ободи ман.
Дар ҷаҳон мулке набошад мисли ту,
Аз ту болад қавми ман, авлоди ман.

* * *

Доимо ман ташнаи дидори ту,
Рӯзу шабҳо беқарору зори ту.
Дил бихоҳад бо ту бошад доимо,
Ҳеҷ набинам дар ҳаёт озори ту.

* * *

Бо ту бошам, бо ту ҳастам кишварам,
Ту набошӣ, кай бувад болу парам?
Хонаи уммеди ман ҳар гӯшаат,
Хоки покат тахту рахти бистарам.

* * *

Эй Ватан, ту сарвату дунёи ман,
Эй Ватан, имрӯзу ҳам фардои ман.
Бо ту ҳастам сарфароз, эй кишварам,
Баҳри ту воҷиб бувад дуои ман.

* * *

Сар бимонам пеши поят, дилбарам,
Дар даруни сина ҷоят, дилбарам.
Ман бидонам аз азал қадри туро,
Ёдам ояд ваъдаҳоят, дилбарам.

* * *

Ман, ки қадратро бидонам, дилбарам,
Ҳарфҳоятро бихонам, дилбарам.
Мактубатро ман китобат кардаам,
Аз ту дур ҳаргиз намонам, дилбарам.

* * *

Бар ту дорам эътиқод, эй ёри ман,
Бар ту дорам эътимод, эй ёри ман.
Ту бидонӣ сирри ман, асрори ман,
Ёри хушрафтору хушгуфтори ман.

* * *

Ҳотами боҳимматаш олам гирифт,
Исми ӯро дар забон одам гирифт.
Ҳар кӣ дорад ҳиммати бегонае,
Мумсикони бешарафро ғам гирифт.

* * *

Кам набошад дар ҷаҳон бе давлате,
Мисли шоҳон дорад ӯ ҳам савлате.
Чунки ӯ аз меҳнаташ нон мехӯрад,
Дорад ӯ мисли дигарҳо ҳиммате.

* * *

Танбалони бенавоӣ дарбадар,
Ошиқони бешумори молу зар.
Музди бемеҳнат бувад шиорашон,
Толибони нони муфти безарар.

* * *

Эй нози нози нозам,
Эй дилбари пурнозам.
Охир туӣ баҳорам,
Оҳанги чангу созам.

* * *

Эй дилбари париваш, ту ҳастӣ боғу роғам,
Эй нозанини дилкаш, туӣ гули баҳорам.
Бе ту дилам яхистон, гӯё монандаи зимистон,
Бо ту ҷаҳон гулистон, осуда рӯзгорам.

* * *

Эй нигорам, ҳусни даврони манӣ,
Ту гули хушранги гулдони манӣ.
Дар назар зебост бо ту ин ҷаҳон,
Мисли хуршед нури чашмони манӣ.

* * *

Ишқи сӯзонаш маро девона кард,
Бечизу бечораву бехона кард.
Мисли Маҷнун чӯлу саҳро шуд макон,
Ҳар чӣ кард, он дилбари девона кард.

* * *

Ман асират, ҷону ҷононам туӣ,
Ман ғарибат, дарду дармонам туӣ.
Хуб бидонӣ ошиқи бечораам,
Охирин уммеду армонам туӣ.

* * *

Дилбари дилсӯзу беозори ман,
Оқилу донову хушгуфтори ман.
Бо суханҳои накӯ ҷон бахшадам,
Бонуи некӯву хушрафтори ман.

* * *

Хирадманд гар бувад соҳиби мансаб
Барои дигарон бешубҳа мактаб.
Зи файзаш гул кунад ҷое қадам монд,
Ба роҳи Каҳкашон рахшанда кавкаб.

* * *

Агар мешуд ба олам мактаби ишқ,
Аҷаб не, ки набудӣ мансаби ишқ.
Намондӣ дар ҷаҳон як ишқи поке,
Бисӯхтӣ дар само он кавкаби ишқ.

* * *

Ба дӯши мо бувад бори замона
Чӣ мушкил гаштааст кори замона.
Битарсам, ки фурӯ дар раҳ бимонам,
Чунон бераҳм бувад ёри замона.

АЗ ДАФТАРИ ҲАҶВ

Ҳама печон ба гирди деги ошанд,
Барои мизи мансаб дар талошанд.
Гумоншон ин ки мансаб тахту бахт аст,
Аз он ғофил, ки дар полизи лошанд,

КУРСИИ САРДОР ШАВАМ

Монед, ки дар идора,
Курсии сардор шавам.

Ғингӣ кунад гар ба гӯш,
Сурати девор шавам.

Касеро коҳиш кунад,
Парида ҳушёр шавам.

Хафа шавад андаке,
Афтода бемор шавам.

Гар наояд ӯ ба кор,
Ҳамон рӯз бемор шавам.

Дар назди коргарҳо,
Даллоли бозор шавам.

Бухоро, 1987

ҲАСРАТИ МАЙЗАДА

Афтат дар гӯр, “Мӯйсафед”,
Мӯи сарам шуд сафед.

Дар талхӣ заҳри морӣ,
Дар тезӣ захми хорӣ.

Манро шарманда кардӣ,
Ба ҳар кӣ банда кардӣ.

Куҷо, ки рафтам, ронданд,
Дар маърака намонданд.

Бекору бемиқдорам,
Як тине пул надорам.

Аз дасти ту харобам,
Ба суол бечавобам.

Илоҳо, беном монӣ,
Офати ҷисму ҷонӣ.

Бухоро, 1987

ЧОЙХОНА Ё МАЙХОНА

Дар шаҳри мо чойхона,
Чойхона не, майхона.
Хонаи ғайбат аст он,
Хонаи ғурбат аст он.
Аз чой ҳама парҳезанд,
Арақ дар чойник резанд.
Мемонӣ дудаст ҳайрон,
Ҳавои ин ҷо вайрон.
Нигар, эй марди сода,
Дар зери тахта бода.
Гӯё, ки винзавод аст,
Бо шишаҳо обод аст.
Чойхоначӣ хурсанд аст,
Савдои ӯ дучанд аст.
Дар дӯконаш набот нест,
Кулчаву қандалот нест.
Нону самбӯса камчин,
Чу моли хоқони Чин.
Набошад зарфи бутун,
Зангзада ҳамранги хун.
Таъми чой барҳам занад,
Риштаи сӯҳбат канад.
Вале аз он бехабар,
Чойхӯронаш дарбадар.
Ку "ҷои мӯйсафедон",
Куҷо нишинад, меҳмон?

Овоз:
Чойхона майкада нест,
Маъвои майзада нест.
Маскани истироҳат,
Бозори арбада нест.

Бухоро, 1988

СОЛИ ХАР

Савдогарам, савдогар,
Дар бозорҳо дарбадар.

Имони ман зар бувад,
Салом, соли хар бувад.

Қиблаи ман тарозу,
Мерасонад ба орзӯ.

Медиҳам доим фиреб,
Шоҳинро карда уреб.

Ба чашми пиру барно,
Хок мепошам ҳамоно.

Шарақ-шарақ пул ояд,
Ризқи камина зояд.

Моли дӯкон мехарам,
Хеле арзон мехарам.

Бурда онро ба бозор,
Ёфта чанде харидор,

Ба нархи қиммат занам,
Пас табли нусрат занам.

Зи пулҳои зиёда,
Нагардам ман пиёда.

Мошини “Волга” дорам,
Доим ба он саворам.

Биёед, эй рафиқон,
Кушода дари ҳамён.

Чизе, ки хоҳед, харед,
Куҷое хоҳед, баред.

Бозори савдо дар ҷӯш,
Даллол, даҳонатро пӯш!

Савдогарам, савдогар,
То зиндаам дарбадар.

Ба сар дорам фикри зар,
Чунки солам - соли хар.

Бухоро, 1988

ЧУН АНКАБУТ

Имрӯз равӣ Ҳиндустон,
Рӯзи дигар Гурҷистон.
Аз паи молу давлат,
Фардо ба Тоҷористон.
Савдогари савдогар,
Аз кӯдакӣ дарбадар.

Ба ишқи молу дунё,
Сар мезанӣ ҳар куҷо.
Бори бисёр кашонӣ,
Биҷӯшад деги савдо.
Савдогари савдогар,
Аз кӯдакӣ дарбадар.

Худро ба бозор занӣ,
Чун анкабут тор танӣ.
Ба домат афтад пулдор,
Болу параш меканӣ.
Савдогари савдогар,
Аз кӯдакӣ дарбадар.

Бухоро, 2006

ХӮҶАИН

Ин амаки хӯҷаин,
Манам ба ӯ ҷонишин.
Чун саги ҳалқабагӯш,
Дар дараш гӯшанишин,

Хез гӯяд гар мехезам,
Обрӯи ӯ нарезам.
Ба ҳар кӣ ҳамла орад,
Ҳамроҳи ӯ ситезам.

Ҳарчӣ гӯяд, қонун аст,
Аз андеша берун аст.
Иҷрои он ногузир,
На ҷои чию чун аст.

Бухоро, 2006

ИҒВОГАРУ ҶОДУГАР

Иғвогару савдогар
Бар моли мо даъвогар,
Аз насли чашмгурусна,
Ҷангараву ҳарина.
Айби моро меҷӯяд,
Дӯруғро рост мегӯяд.
Баҳонаҳо меҷӯяд,
Дили моро мешӯяд.
Зи ҳама ғайбат кунад,
Дониста тӯҳмат кунад.
Аз зарра кӯҳ месозад,
Ба сад оҳанг мебозад.
Касе мошин харад, ку,
Кӯки лабаш дарад-ку.
Чунон шикоят кунад,
Ба суд ҳикоят кунад.
Рӯзашро шаб мекунад,
Овозаш хаб мекунад.
Касе иморат кунад,
Ба ӯ ишорат кунад.
Ҳамоно пайдо шавад,
Мактубе иншо шавад.
Дон, ки ба ӯ нафорад,
Борони тӯҳмат борад.
Чунин аст касбу кораш,
Ҳамон аст баргу бораш.
Ҳама аз ӯ безор аст,
Вайронкору бекор аст.
Беобрӯю беор аст,
Ба ризқу рӯзӣ зор аст.
Аз ӯ ҳама безор аст,
Сараш лоиқи дор аст.

Бухоро, 3 феврали 2017

БЕКОРХЎҶА

Муфтхўр асту пурхўр аст,
Масхарабози зўр аст.
Меъёри худ надонад
Дағал асту пурзўр аст.
Иштиҳояш аждаҳо,
Даҳонаш доимо во.
Аз пайи оши муфт аст
Гарданғавсу дурушт аст.
Сериро ҳеҷ надонад,
Умре гурусна монад.
Ризқи кўдакон хурад
Ўболро кай бидонад?
Шарик ба нони пирон
Шарму ҳаё надорад.
Умрест, ки бекор аст ў,
Яъне, ки беор аст ў.
Меҳнат кардан нафорад,
Тоқати ранҷ надорад.
Кор гўӣ, безор шавад
Афтода бемор шавад.
Бемористон ҷойи ў
Бар табобат зор шавад.
Рўз то рўз вазнин шавад,
Дидагӣ ғамгин шавад.
Ризқаш ҳам канда гардад,
Қариб, ки "банда" гардад.
Маргам аз ў ор кунад,
Арзоил балои сар
Надонад, чӣ кор кунад?!

Бухоро, 7 феврали соли 2017

ХИРВОРИ ПАНД

Байтҳо

Ҳар роҳат аз меҳнат аст,
Нони мо беминнат аст.

БАЙТҲО

Набуд дар коми мо шаҳди замона,
Рабуд ҷони азиз заҳри замона.

***

Фақат дар мулки уммед зинда будем,
Дар ҳаққи ночизи худ банда будем.

***

Ҷудо аз миллати худ гашта будем,
Чӣ рӯзҳое, ки дар олам надидем.

***

Даруни кӯчаи сарбаста зистем,
Надонистем, мо кистему чистем.

***

Аз он ки шоири бечора будем,
Қасос аз хомаву қоғаз рабудем.

***

Барои сарварон бегона будем,
Ба мулки асли худ бехона будем.

***

Забони мо ба ҳукми дигарон буд,
Ба он ҳарфу ҳиҷо гуфтан гарон буд.

* * *

Дар качу девор кач,
Кори ин сардор фач.

* * *

Нарху навои бозор,
Чун қуллаҳои кӯҳсор.

* * *

Савдогари дилозор,
Ба мисли каждуму мор.

* * *

Тухми низоро кам кор,
Оқибаташ бад, ҳуш дор.

* * *

Расӣ ба қадри некӣ,
Дар ҷамъият ту бекӣ.

* * *

Ҳоҷати мардум барор,
Агар ту бошӣ сардор.

* * *

Омода бош ба ҳар кор,
Чун мӯраки борбардор.

* * *

Дидани офтоб ҳавас,
Чун рӯйи дӯстон бо кас.

* * *

Оби зулоли ҷӯйбор,
Зардоби қалби кӯҳсор.

* * *

Ҳар як ниҳоли пурбор,
Осоре аз гулбаҳор.

* * *

Тухми бадро кӣ корад,
Тирамоҳ сар мехорад.

* * *

Тарбияти зан аз сар,
Вагарна деви ҳафтсар.

* * *

Ҷойи касе тахту бахт,
Дидааст рӯзҳои сахт.

* * *

Беҳуда аст зиндагӣ,
Дар қафаси бандагӣ.

* * *

Қалби модар ҷаҳонест,
Беканора осмонест.

* * *

Одамгарӣ душвор аст
Ҳар якеро даркор аст.

* * *

Заҳри морро заҳр магӯй,
Заҳри бад аз сухан ҷӯй.

* * *

Ҳубоб чун ранги гавҳар,
Набошад гавҳари сар.

* * *

Тарозу мекашад бор,
Сангҳои он хору зор.

* * *

Қимати гавҳар дар он:
Дар зери дарё пинҳон.

* * *

Ба қадри зиндагӣ рас,
Намонда рӯзат ба кас.

* * *

Наъраи барқи баҳор,
Нидои мавсими кор.

* * *

Ба назди марду номард
Магардон ранги худ зард.

* * *

Корат, ки омад накард,
Дасту дилат шавад сард.

* * *

То шавӣ устоди кор
Зи меҳнат кун ифтихор.

* * *

Меҳнат асоси ҳастӣ,
Калид бо қулфи пастӣ.

* * *

Обро ободӣ гуфтанд,
Ҳикмати хубе суфтанд.

* * *

Якеро давлат доданд,
Якеро савлат доданд.

* * *

Тифле сухан бечо гуфт,
Аз мо шунид, ба мо гуфт.

* * *

То расидам ба манзил,
Борҳо шудам хуни дил.

* * *

Ба назди дӯсту душман,
Мапош сире аз сухан.

* * *

Дар осмони дӯстон
Рахшанда бош хуршедсон.

* * *

Зодаи ишқи софам,
Аз муҳаббат зарбофам.

* * *

Давоми умри инсон,
Фарзанд бувад бегумон.

* * *

Барпо кунӣ ту гулзор,
Асло намегардӣ хор.

* * *

Хор дар паҳлӯи гул,
Озурда гардад булбул.

* * *

Он хараки борбардор,
Беҳ аз мардуми бекор.

* * *

Яхро ту шишае гӯй,
Аз рӯйи он гарде ҷӯй.

* * *

Кудрати шоир дар он:
Дар қатра бинад тӯфон.

* * *

Барои Ибни Сино,
Осон аст дардро даво.

* * *

Ба дарди инсон “Шифо”,
Бахшида Ибни Сино.

* * *

Забони зебои ман,
Дидаи бинои ман.

* * *

Гар наӣ ту босавод,
Бешубҳа, айби устод.

* * *

Ба қадри оби равон,
Расидани ту осон.

* * *

Гарчӣ равӣ ба кайҳон,
Ҷойи хобат ин хокдон.

* * *

Дилбохтаи заминем,
Ҳаминему ҳаминем.

* * *

Ин мардуми давронсоз,
Ба насли инсон устоз.

* * *

Он ки зи худ боғ гузошт.
Умед ба оянда дошт.

* * *

Касе, ки як хона сохт,
Деҳаи худро пардохт.

* * *

Ин сари бемӯи ман
Нишонаи хӯи ман.

* * *

Сояи ҳар яки мо,
Ҷуссаи хурдаки мо.

* * *

Эй писари арҷманд,
Ба касбу коре дил банд.

* * *

Беҳунар хорӣ бинад,
Гули мақсад начинад.

* * *

Хирману панду ҳикмат,
Тӯҳфа ба ту, марҳамат.

* * *

Касе, ки хонад панд,
Кушояд ҳар сари банд.

* * *

Қуллаи кӯҳ баланд аст,
Ба абри тира банд аст.

* * *

Дар пирӣ рӯзи беҳ кам,
Ҳуҷум кунад дарду ғам.

* * *

Замини мо пури ганҷ,
Ба даст оварданаш ранҷ.

* * *

Ҳарфе, ки устод омӯхт,
Ба дониш дониш андӯхт.

* * *

Муҳаббати ҷавонӣ,
Нигаҳ дор, то тавонӣ.

* * *

Бо касе шав қадрдон,
Қадри туро донад он.

* * *

Ба қадри зиндагӣ рас,
То наравад барабас.

* * *

Дар умри кӯтоҳи худ,
Кори гаронро кун буд.

* * *

Рӯзе, ки рафт бесамар,
Давоми хоб гумон бар.

* * *

Вақте ҳастӣ дар сафар,
Эмин мабош аз хатар.

* * *

Шаҳри худ хонаи худ,
Дар он аст буду набуд.

* * *

Дар фасли навбаҳорон,
Марҳам аст барфу борон.

* * *

Қалби дарё ҷӯшон аст,
Тайёр ба имтиҳон аст.

* * *

Гӯям яке афсона,
Ба моҳи дарё хона.

* * *

Яке бинозад бо гул,
Дигар шайдои булбул.

* * *

Гуле, ки бебӯ бувад,
Сарест ки бемӯ бувад.

* * *

Каму косте, ки дорӣ,
Ба он худат айбдорӣ.

* * *

Ба назди чашми бино,
Баланд аст ранги ҳино.

* * *

Чашмоне, ки камнуранд,
Аз ҳақиқат дуранд.

* * *

Касе, ки бисёр хонад,
Асрори илм медонад.

* * *

Илму дониш тоҷи сар,
Донишманд шоҳи даҳр.

* * *

Таъбири хобу хезат,
Пурсӣ зи доно, зебат.

* * *

Ба ҳар як кору борат,
Дониш ҳоҷатбарорат.

* * *

Шахсони дунёдида,
Дарёанду дамида.

* * *

Гар тӯ марди баор,
Ҳоҷати мардум барор.

* * *

Зиндаг̄и бекора нест,
Одам̄и бечора нест.

* * *

Баҳор ар̄уси сол аст,
Бе кишту кор чӣ ҳол аст?!

* * *

Харҷат агар беҳисоб,
Ночор гардию бетоб.

* * *

Нагард̄и бехонумон,
Қадам дониста бимон.

* * *

Ба қадри ошиқ бирас,
Зиндагӣ ҷойи ҳавас.

* * *

Чӣ суд зи умри дароз,
Надорӣ парвози боз.

* * *

Дар зимистон хона танг,
Хоҳаракон доранд ҷанг.

* * *

Булбул сарояд баҳор,
Бехабар аз неши хор.

* * *

То набошӣ ту ночор,
Бигир сари ягон кор.

* * *

Ба қадри одамӣ рас,
Набошад ӯ хору хас.

* * *

Ба қадри модарат рас,
Наёбӣ инчунин кас.

* * *

Насиҳати падар гир,
Ба қалби душманат тир.

* * *

Ҳаёт худ як мактаб аст,
Кони панду матлаб аст.

* * *

Панди бузургон омӯз,
Дар шамъи онҳо бисӯз.

* * *

Коре, ки кардан равост,
Коҳилӣ кардан чарост?

* * *

Ба бахти неки инсон,
Равост замину осмон.

* * *

Дарозии шабу рӯз,
Ду кокули дилафрӯз.

* * *

Зимистон дилгир кунад,
Тобистон шергир кунад.

* * *

Хонаро озода дор,
Нагардад то ки бозор.

* * *

Тири ғам беамон аст,
Дарде, ки бедармон аст.

* * *

Ҳар гулеро як бӯест,
Ҳар касеро як хӯест.

* * *

Мояи умри инсон -
Фарзанди беҳтар аз ҷон.

* * *

Оилаи серфарзанд
Дарахти сершоху банд.

* * *

Молат агар асил аст,
Нархаш на бисту чил аст.

* * *

Аз хоби гарон парҳез,
Аз рӯди дамон парҳез.

* * *

Хоби бадро ба об гӯ
Зи душманон дурӣ ҷӯ.

* * *

Хоби кам роҳати тан,
Пурхобӣ офати тан.

* * *

Тамоми шаб бехобам,
Ба байт қофия кобам.

* * *

Дилам ба сони чашма,
Ба ёди дарё ташна.

* * *

Поят то дар рикоб аст,
Душмани ту қимоб аст.

* * *

Одами мансабпараст
Аз одаму олам паст.

* * *

Тани деҳқон тар шавад,
Хоки сиёҳ зар шавад.

* * *

Аз барат дона резад,
Аз паят сабза хезад.

* * *

Аз ту бимонад боғе,
Дуо кунад ҳар зоғе.

* * *

То тавонӣ некӣ кун,
Душман шавад ҷигархун.

* * *

Дӯстро зи душман шинос,
Гар туӣ одамшинос.

* * *

Нони гандум ҳама ҷо
Пазандаҳо ҷо ба ҷо.

* * *

Достони дӯстӣ саро,
То нахезад моҷаро.

* * *

Аз бари душман бирав,
Меҳмони дӯстон бишав.

* * *

Ҳар чизе аз дӯст ояд,
Қабули он хуш бояд.

* * *

Дӯстиро ту пеша кун,
Рӯзи бад андеша кун.

* * *

Хонаи дӯст, ки обод,
Қалби ту мешавад шод.

* * *

Гуфтаи душман шунав
Вале ба роҳи худ рав.

* * *

Аз машриқ то ба мағриб
Ватангадо ҳаст ғариб.

* * *

“Хоки ғарибон” шӯр аст
Намакро кону гӯр аст.

* * *

Гирдоби дарё зӯр аст
Ноқобилонро гӯр аст.

* * *

Гар най ту шиновар,
Макун зи дарё гузар.

* * *

Ғаввосони ҳунарманд
Дар об намонанд побанд.

* * *

Шиноварон натарсанд,
Баҳри дамон парастанд.

* * *

Онҳо, ки танпарастанд,
Чун оби кӯл ҳастанд.

* * *

Зиндагӣ тезу тунд аст,
Магӯ, ки корди кунд аст.

* * *

Даъвати халқи худро
Қонун аст кардан иҷро.

* * *

Тори рубоб ҷӯр аст,
Оҳанги он пуршӯр аст.

* * *

Тӯйро мусиқӣ зебад,
Азоро зиқӣ зебад.

* * *

Қулла гарчӣ баланд аст,
Ба тӯри абр банд аст.

* * *

Ба кӯрон асо бишав,
Дуои онҳо шунав.

* * *

Дилро ба дил роҳест,
Бероҳагонро ҷоҳест.

* * *

Дилат гар бар асал аст,
Заҳри занбур ҳам саҳл аст.

* * *

Асо махар бо ҳавас,
Ки пирӣ бахшад ба кас.

* * *

Зи душман инсоф маҷӯ,
Инро ба дӯсти худ гӯ.

* * *

Ба пои ҳар яке санг,
Бувад дар майдони ҷанг.

* * *

Барои қаҳрамонӣ,
Диле дорӣ ту донӣ.

* * *

Ҳама чизро медонӣ,
Гар бисёртар хонӣ.

* * *

Сайри моҳ бошад ҳавас,
Замин барои мо бас.

* * *

Ҳаргиз матарс ту аз ранҷ,
Ранҷи ту мешавад ганҷ.

* * *

Қаламро эъзоз намо,
То шавад мушкилкушо.

* * *

Насиҳат бар ту гуфтам,
Сирри диламро суфтам.

* * *

То тавонӣ мардӣ кун,
Нагардида дарди хун.

* * *

Зи гузашта панд омӯз,
Чашми худ бар ҳаёт дӯз.

* * *

Ҳар чизе дар ҳаёт ҳаст,
Бояд ба ҳама дил баст.

* * *

Мӯрча ҳам шери жаён,
Онро ҳақираш махон.

* * *

Қурби зар дар биёбон,
Пасту об бошад гарон.

* * *

Безори бемолу пул,
Дарахти бешоху гул.

* * *

Ба боғу бе обу ранг,
Қалби булбул шавад санг

* * *

Ба қадри мардум бирас,
Ба қадри ту расад кас.

* * *

Ба чашми дардмандон,
Як гӯри тангест ҷаҳон.

* * *

Хизмати ту тоҷи сар,
Эй халқи ҷону ҷигар.

* * *

Аз биёбони бесамар,
Гузашти корвон хатар.

* * *

Шукӯҳи ҳар биёбон,
Бешубҳа бошад корвон.

* * *

Реги равони саҳро,
Ҳамранги оби дарё.

* * *

Дарахт, ки худ нашнондӣ,
Меваи кӣ кашондӣ?

* * *

Касе, ки ҳимматбаланд,
Ба ӯ набошад газанд.

* * *

Касоне, ки хасисанд,
Тамоми умр саисанд.

* * *

Панҷаҳои пурҳунар,
Даруни сандуқи зар.

* * *

Фарзандони беҳунар,
Дарахтони бесамар.

* * *

Дарди дилат ба дӯст гӯй,
Ба дарди худ даво ҷӯй.

* * *

Коғаз ҳам майдони ҷанг,
Нек ба бад занад санг.

* * *

То нашавӣ ту ҳам кам,
Дар ҳиммат шав чун Ҳотам.

* * *

Ба шаҳр қалъа чӣ даркор,
Дӯстиро кун ту шиор.

* * *

Ғайбати касро макун,
Ғайбати ту кунанд чун.

* * *

Соҳиби хонадонӣ,
Дур астӣ аз ҷавонӣ.

* * *

То намонӣ бе нишон,
Некӣ бикун дар ҷаҳон.

* * *

То ту шавӣ иззатманд,
Камар ба хидмат бубанд.

* * *

Он чизе, ки медонӣ,
Такрор пурсӣ, нодонӣ.

* * *

Агар, ки бисёр хонӣ,
Бешубҳа ту пурдонӣ.

* * *

Меҳри замин, ки дорӣ,
Деҳқони бурдборӣ.

* * *

Боғбон агар наӣ ту,
Насабзад ҳеҷ пайи ту.

* * *

Шахсе, ки рӯй надорад,
Гуле, ки бӯй надорад.

* * *

Дору ба дардманд шифо,
Синоро хоки сиёҳ.

* * *

Шифокори бе ҳунар,
Мори аълои пурзаҳр.

* * *

Нодонро духтур махон,
Дандон ба духтур кашон.

* * *

Ришта̄и умрат, ки канд,
Умед ба духтур мабанд.

* * *

Шифокор гар фидокор,
Фарзанди халқаш шумор.

* * *

Ба осмон санг мапаррон,
Бар сарат гардад бидон.

* * *

Гар, ки туӣ моҳигир,
Тӯр ба ту лозим, на тир.

* * *

Ранги ман, ки зафъарон,
Рӯзҳои бадро нишон.

* * *

Чини пешонаи ман,
Таърихи Ҷанги Ватан.

* * *

Набояд кард фаромӯш,
Шаҳидони ҷангу ҷӯш.

* * *

Мардони майдони ҷанг,
Ҳоли душман карданд танг.

* * *

Фарзандони қаҳрамон,
Баҳри Ватан диҳанд ҷон.

* * *

Ба душман беамон буд,
Музаффар дар майдон буд.

* * *

Безарда дар ду ҷаҳон,
Нагардад ҳеч қаҳрамон.

* * *

Ба кордон кор осон аст,
Ба нодон як ҷаҳон аст.

* * *

Ҷаҳон пирӣ надорад,
Ки ин сирре надорад.

* * *

Осмон баланд, замин сахт,
Шиори баргаштабахт.

* * *

Ба хотири шаҳидон,
Ҳатто бигиряд осмон.

* * *

Ба рӯйи қабри онҳо,
Гул бикоранд зиндаҳо.

* * *

Сарбози гумоне нест,
Ҳар яке насли касест.

* * *

Бо наъраи раъду барқ,
Фасли баҳор кушод фарқ.

* * *

Шукӯҳи соҳили ҷӯ,
Бахмали майса ҳулбӯ.

* * *

Бо дӯсти худ рӯ ба рӯ,
Неку бадатро бигӯ.

* * *

Дар оби Раҳмат,
Бешумор ҳикмат.

* * *

Дандони дардро амбур,
Дарди сахти он дар гӯр.

* * *

Гул – гули офтобпараст,
Доимо поин сар аст.

* * *

Гӯшҳои танбал кар аст,
Соли таваллуд хар аст.

* * *

“Давидани гӯсола”,
То синнаки яксола.

* * *

Ҷуфти муносиб гар нест,
Орди туро дигар бехт.

* * *

Ҳалворо мурғ парастад,
Оташ Симурғ парастад.

* * *

Макони моҳӣ об аст,
Ҷогаҳи хуфту хоб аст.

* * *

Қадри чӯлу биёбон,
Беҳтар бидонад чӯпон.

* * *

Таги поро набинад,
Шутур то, ки нашинад.

* * *

Дар оби Ҳавзи Кавсар,
На моҳию на аждар.

* * *

Ба дӯсти худ ки хандӣ,
Риштаи дӯстӣ кандӣ.

* * *

Салом кардӣ инсонӣ,
Ҳурмати худ бидонӣ.

* * *

Сухан ҳаргиз магардон,
Оқибаташ бад бидон.

* * *

Суханро мухтасар кун,
Ё навбаташ дигар кун.

* * *

Аз пайи шаб рӯз ояд,
Баргашта Наврӯз ояд.

* * *

Гар шавӣ ту омӯзгор,
Бидон гузашти рӯзгор.

* * *

Парда зи зулмат бардор,
Гар туӣ олим, зинҳор.

* * *

Китоб зеби хона нест,
Ба мӯйи сар шона нест.

* * *

Рӯзу шаб камтар бихоб,
Фурӯ рав андар китоб.

* * *

Хондаро такрор бояд,
Ёд шавад мисли оят.

* * *

Дил зи дабистон макан,
Гар туӣ шайдои фан.

***

Мояи умри инсон,
Фарзанди беҳтар аз ҷон.

* * *

Оилаи серфарзанд
Дарахти сершоху банд.

* * *

Бахти деҳқон сап-сафед
Ҳамранги нури хуршед.

* * *

Соҳиби саҳро деҳқон,
Дар бари он даҳҳо кон

* * *

Аз пайи сарват надав,
Бой диҳӣ бешак гарав.

* * *

Якбора ба сари кӯҳ,
Баромадан ҳам орзӯ.

* * *

Бахти бузургон ҳавас,
Зиндагӣ ҳам худ бас аст.

* * *

Аз мардони харҷогард,
Куҷо барояд як мард.

МУНДАРИҶА

Чакомасарои чирадасти Бухоро 3

ЭЙ БУХОРО, ШОД БОШУ ДЕР ЗӢ

Ватаннома 16
Тахти ман 18
Бухоронома 21
Бухоро 25
Чор сутуни осмон 26
Меҳри Ватан 27
Ишқи Ватан 28
Ватани обод 29
Меваи Истиқлол 30
Шарофати Истиқлол 32
Шӯҳрати Бухоро 33
Шоҳрӯд 34
Кистам ман? 35
Манораи Калон 38
Манораи Хурд 39
Ҳазрати Баҳоуддин 40
Мадрасаи “Мири Араб” 41
Масҷиди Калон 42
Лаби Ҳавз 43
Ҷуфт Мадраса 44
Арки Амир 45
Чор Манор 46
Қалъа 47
Ганҷи Бухоро 48
Мақбараи Сомонӣ 50
Масҷиди Мағоки Аттор 51
Зиёрат 52
Майдони Регистон 53
Манам “Бухороӣ” 54
Мақбараи Чашмаи Аюб 55

Ҳавзи Шарбат 56
Деҳаи ман 57
Зодгоҳам деҳаи Шавгон 58
Ифтихорнома 60
Токҳои Бухоро. I.Тоқи Саррофон 61
II. Тоқи Телпакфурӯшон 62
III. Тоқи Заргарон 63
Чорбакр 64
Хонақоҳи Девонбегӣ 65
Мадрасии Кӯкалдош 66
Мадрасаи Девонбегӣ 67
Қӯш мадраса ё ки мадрасаҳои Улуғбек ва Абдулазизхон 69
Ба ёди устод 70
Ҷашни шоир 72

ДАРГОҲИ СУХАН

Дар ситойиши Модар 74
Меҳри Падар 75
Баҳори умр 76
Ҳастиям “Овози тоҷик” 77
Наврӯзи Аҷам 78
Шери майдон 80
Орзӯманди Соли нав 81
Милоди ҳамсарам 82
Нӯшбод 83
Хотира 84
Шеъри сода 85
Баҳори нав 86
Муаллим 87
Мактабам 88
Теҳрон 89
Тӯй 90
Қадаҳ 92
Тӯёна 93
Деҳқон 96

Қаҳрамони меҳнат....97
Забони модарӣ....98
Арзи сипос....99
Фахрия....100
Бақои давлат....101
Бори сангин....102
Бандаи Одам Ато....103
Об – ҳаёт....104
Марди майдон....106
Панди зиндагӣ....107
Қурби сухан....108
Нури дида....109
Шеъри Рӯдакивор....110
Чеҳраи Модар....111
Ҳама фарзанди Модарем....112
Пайки Наврӯзӣ....114
Инъоми табиат....115
Адаб ва ғазаб....117
Дӯстӣ....120

ИШҚИ МЕРОСӢ

Бухоро....122
Дилбари номехрубон....123
Ошиқи шайдо шудам....124
Чӣ гуна одам астӣ?....125
Гуноҳи ошиқӣ....126
Бухоро....127
Дилбарам....128
Дуо....129
Хона ҷонон омада....130
Дар ҷавонӣ мешавад....131
Мухаммас бар ғазали Бобо Ҳоҷӣ....132
Мухаммас бар ғазали Султон Шаҳзода....133
Мухаммас бар ғазали Мавҷуда....135
Мухаммас бар ғазали Ҷаъфар Муҳаммад....136

Мухаммас бар ғазали Ҷаъфар Муҳаммад 137
Мухаммас бар ғазали Ҷаъфар Муҳаммад 138
Мухаммас бар ғазали Гурез Сафар..... 139
Мухаммас бар ғазали А.Абдулло..... 141
Мухаммас бар ғазали Абдуваҳҳоб Муҳаммад..... 142

БАХТИ САБЗ

Доғи ҳаҷр 144
Ҷони ширинам, биё..... 145
Ёри бевафо 146
Аз ту нозам 147
Ёри бухоро 148
Ҷуфти ман 149
Дӯстони ҷон 150
Зору зорат..... 151
Парастор..... 152
Туро парастам..... 153
Ҷаҳонам..... 154
Ошиқи зор..... 155
Оташи ишқ..... 156
Изҳори муҳаббат 157
Дармони дардам 158
Шоҳи ишқ 159
Нишонаи Баҳор 160

ҶОМИ ЗАРРИН

Дубайтиҳо 162

ЧОР МАНОР

Қитъаҳо 306

АЗ ДАФТАРИ ҲАҶВ

Курсии сардор шавам..... 406

Ҳасрати майзада 407
Чойхона ё майхона 408
Соли хар 409
Чун анкабут 411
Хӯҷаин 412
Иғвогару ҷодугар 413
Бекорхӯҷа 414

ХИРВОРИ ПАНД

Байтҳо 416

Лиц. AI № 111. Босишга 30.05.2017 йилда рухсат этилди.
Бичими 84x108 $^{1}/_{32}$. Ҳажми 28,5 б.т.
Адади 200 нусха. Шартнома № 8. Буюртма № 57/2.

«YANGI NASHR» нашриёти,
100115 Тошкент, Чилонзор кўчаси, 1-уй.
Тел.: (99895) 197-79-04

Оригинал «Bilik-Print» МЧЖ корхонасида тайёрланди.
100115 Тошкент, Чилонзор кўчаси, 1-uy.

«ADAD PLYUS» МЧЖ босмахонаси.
Тошкент ш., Чилонзор тумани, Бунёдкор кўчаси, 28.

АСАД ГУЛЗОДА БУХОРИЙ

КУЛЛИЁТ

3 томлик

1-том

Шеърлар, ғазаллар, мухаммаслар,
қўшиқлар, тўртликлар, ҳажвиялар, байтлар

Тожик тилида

Муҳаррир *Р. Исаева*
Бадиий муҳаррир *Ҳ. Ҳудойбердиев*
Техник муҳаррир *Б. Ирисбоев*
Мусаҳҳиҳ *З. Ирисбоева*
Саҳифаловчи *З. Расулов*